ISSN 2075 – 9584

МАРКАЗИ ТАДҚИҚОТИ СТРАТЕГИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ТОҶИКИСТОН
# ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

ЦЕНТР СТРАТЕГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ
ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

# ТАДЖИКИСТАН
# И СОВРЕМЕННЫЙ МИР

CENTER FOR STRATEGIC RESEARCH UNDER THE
PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

# TAJIKISTAN
# AND CONTEMPORARY WORLD

№3 (87) 2024

Душанбе – 2024

**Муассис:** Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷалла соли 2003 таъсис ёфтааст. Дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**САРМУҲАРРИР:**

**Усмонзода Хайриддин Усмон**–доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

**Муртазозода Ораз**–номзади илмҳои иқтисодӣ

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**Раҳимзода Шариф Махсум** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Қурбонов Абдураҳмон Шерович** – доктори илмҳои фалсафа, профессор
**Мирсаидов Аброр Бобоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Пиризода Ҷалил Сафар** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Саидмуродов Лутфулло Ҳабибуллоевич** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Қудратов Рустам Раҳматович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Давлатзода Қудрат Қамбар** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
**Муъмин Назар Абдуҷалол** – доктори илмҳои фалсафа
**Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон** – доктори илмҳои сиёсӣ
**Шарифзода Саидҳомид Сафар** –номзади илмҳои таърих
**Давлатов Рамазонӣ** – номзади имлҳои фалсафа

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

**Давлатов Зубайдулло** – муовини сардори Раёсати таъминоти иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ТАРҶУМА ВА ТАҲРИРИ МАТНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ:**

**Давлатов Зубайдулло**
**Сатторов Қиёмуддин**
**Давлатов Рамазонӣ**
**Мансур Суруш**
**Эмомализода Қосимҷон**

**МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:**

**Олимзода Валиҷон** – сардори Раёсати таъминоти иттилоотии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Маҷаллаи **“Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз”** ба феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2020 таҳти №96 ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илмӣ Федерасияи Руссия ворид карда шудааст. Инчунин, маҷалла дар индекси иқтибосҳои илмии Россия (РИНЦ) пайваста ворид карда мешавад. Маҷаллаи мазкур дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти № 255/МҶ - 97 аз 04 августи соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.*

**ИРТИБОТ:**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (992 37) 221-11-00, 221-32-36; e-mail: info@mts.tj

**Учредитель:** Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Журнал основан в 2003 году. Периодичность издания 4 раза в год.

**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР:**
**Усмонзода Хайриддин Усмон** – доктор филосовских наук, профессор, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**
**Муртазозода Ораз** – кандидат экономических наук

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**
**Рахимзода Шариф Махсум** – доктор экономических наук, профессор
**Курбонов Абдурахмон Шерович** – доктор философии, профессор
**Мирсаидов Аброр Бобоевич** – доктор экономических наук, профессор
**Пиризода Джалил Сафар** – доктор экономических наук, профессор
**Саидмуродов Лутфулло Хабибуллоевич**–доктор экономических наук, профессор, член–корреспондент Национальной академии наук Таджикистана
**Кудратов Рустам Рахматович** – доктор экономических наук, профессор
**Давлатзода Кудрат Камбар** – доктор экономических наук, профессор
**Муъмин Назар Абдуджалол** – доктор филосовских наук,
**Мухаммадзода Парвиз Абдурахмон** – доктор политических наук
**Шарифзода Саидхомид Сафар** – кандидат исторических наук
**Давлатов Рамазони** – кандидат философских наук

**ОТВЕТСТВЕННЫЙ СЕКРЕТАРЬ:**
**Давлатов Зубайдулло**–заместитель начальника Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

**ПЕРЕВОД И РЕДАКТИРОВАНИЕ ТАДЖИКСКИХ, РУССКИХ И АНГЛИЙСКИХ ТЕКСТОВ:**
**Давлатов Зубайдулло**
**Сатторов Киёмуддин**
**Давлатов Рамазони**
**Мансур Суруш**
**Эмомализода Косимджон**

**ТЕХНИЧЕСКИЙ РЕДАКТОР:**
**Олимзода Валиджон**–начальник Управления информационного обеспечения Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

*Журнал **«Таджикистан и современный мир»** включен в перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан от 19 марта 2020 года за №96 и Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) Министерства образования и науки Российской Федерации. А также журнал входит в индекс рецензируемых научных журналов России (РИНЦ). Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации (№ 255/МҶ - 97 от 04 августа 2022 года).*

**КОНТАКТЫ:**
**Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел: (992 37) 221-11-00, 221-32-36; e-mail: info@mts.tj

**Founder:** Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan. The journal was founded in 2003. The journal is published four times per year.

**CHIEF EDITOR:**

**Usmonzoda Khayriddin Usmon** – Doctor of Philosophy Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

**Murtazozoda Oraz** – Candidate of Economic Sciences

**EDITORIAL BOARD:**

**Rahimzoda Sharif Makhsum** – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Qurbonov Abdurahmon Sherovich** – Doctor of Philosophy Sciences, Professor
**Mirsaidov Abror Boboevich** – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Pirizoda Jalil Safa**r – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Saidmurodov Lutfullo Habibulloevich** – Doctor of Economic Sciences, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan
**Qudratov Rustam Rahmatovich** – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Davlatzoda Qudrat Qambar** – Doctor of Economic Sciences, Professor
**Mumin Nazar Abdujalol** – Doctor of Philosophy Sciences,
**Muhammadzoda Parviz Abdurahmon** – Doctor of Political Sciences
**Sharifzoda Saidhomid Safar** – Candidate of Historical Sciences
**Davlatov Ramazoni -** Candidate of Philosophy Sciences

**EXECUTIVE SECRETARY:**

**Davlatov Zubaydullo -** Deputy Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

**TRANSLATION AND EDITING OF TAJIK, RUSSIAN AND ENGLISH TEXTS:**

**Davlatov Zubaydullo**
**Sattorov Qiyomuddin**
**Davlatov Ramazoni**
**Mansur Surush**
**Emomalizoda Qosimjon**

**TECHNICAL EDITOR:**

**Olimzoda Valijon** – Head of the Department of Information Support of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan

The journal **"Tajikistan and contemporary World"** has been included in the list of leading peer-reviewed journals and publications by the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan as of March 19, 2020, No. 96, and by the Higher Attestation Commission (HAC) of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation. Additionally, the journal is indexed in the Russian Science Citation Index (RSCI). It is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan. The registration certificate (No. 255/MJ-97) was issued on August 4, 2022.

**CONTACTS:**

**Address** of the founder: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 89. Tell: (992 37) 221-11-00, 221-32-36; e-mail: info@mts.tj

## МУНДАРИҶА

### СИЁСАТШИНОСӢ

*ФАЗОИ МУТОБИҚАТИ МАНФИАТҲО ВА АРЗИШҲОИ РОҲБУРДИИ МУШТАРАКИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ*
**УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,**
**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО..............................12**

*ОМИЛҲОИ ТАЪСИРГУЗОР БА ФАЪОЛНОКИИ СИЁСИИ ҶАВОНОН ҲАНГОМИ МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ*
**ФАТТОҲЗОДА САИДМУРОД САМАД,**
**АБДУЕВ ХУРШЕД НАРЗАЛИЕВИЧ.......................................................26**

*НАҚШИ ФАЗОИ СИЁСӢ ВА ИТТИЛООТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН МУНДАРИҶАИ ШУУРИ СИЁСӢ*
**САНГИНОВ КОМИЛҶОН ҲАЙДАРОВИЧ.............................................36**

*ТАВСЕАИ ТАФАККУР ВА ҶАҲОНБИНИИ ИЛМӢ ДАР ШУУРИ ҶАВОНОН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАР*
**ШАРИФХОНЗОДА МОҲИРА ШАРИФХОН...........................................47**

### ИҚТИСОДИЁТ

*АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ*
**РУСТАМ РАҲМАТЗОДА,**
**ИСМАТУЛЛОЗОДА БАҲОР.......................................................................57**

*МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚ ДАР НИЗОМИ АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ*
**ИСАЙНОВ ҲИСАЙН РАҲИМОВИЧ,**
**МАҲМУДОВ БАҲРИДДИН НУРИДДИНОВИЧ....................................67**

*ДУРНАМОИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ МАКРОИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ*
**СОЛЕҲЗОДА АШУРБОЙ АБДУВОҲИД,**
**ВОСИДИЁН ФАРҲОД САЪДУЛЛО........................................................82**

*ПРИНСИПҲО ВА ВАЗИФАҲОИ ИДОРАКУНИИ МАҲАЛЛӢ ДАР НИЗОМИ РУШДИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА*
**ҶАЛИЛЗОДА ДИЛШОД РАҶАБМУРОД.............................................100**

*ДУШАНБЕ – ПЕШОҲАНГИ РУШДИ САНОАТИ ВАТАНӢ ВА ТАТБИҚИ БОСАМАРИ ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ*
**МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ............................................................................120**

*АРЗЁБИИ САМАРНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ*
**ОДИНАЗОДА АМИН ИБРОҲИМОВИЧ................................................130**

*РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ*
**ҒУЛОМНОСИРОВА ФАРЗОНА МАМАДНОСИРОВНА.....................141**

*РУШДИ ЭКОСИСТЕМАҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ*
**ОДИНАЕВ ҲУСАЙН САИДРАҲМОНОВИЧ........................................150**

*АСОСНОККУНИИ МЕЪЁРҲОИ ИНТИХОБИ ОБЪЕКТҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР МИНТАҚА*
**МУЗАФФАРЗОДА БАДРИДДИН САНГАЛӢ........................................161**

*БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ КАДРИИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ*
**ЮСУПОВ ШОДМОН НАСУРОВИЧ......................................................173**

*ЗАРУРАТИ ТАЪСИСДИҲИИ ОМОРИ ПРЕВЕНТИВӢ ДАР ИЛМИ ОМОРИ ЗАМОНИ МУОСИР*
**МАЪДИЕВ САЪДИХОҶА.......................................................................186**

**ҶОМЕАШИНОСӢ**

*МАСЪАЛАҲОИ АСОСИИ ОИЛА ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН*
**ШОИСМАТУЛЛОЕВ ШОНАЗАР,**
**НАСУРОВА БЕҲРУ АСАДУЛЛОЕВНА.................................................201**

*АРЗЁБИИ НАТИҶАҲОИ ПАЖУҲИШИ ХУСУСИЯТҲОИ АМНИЯТИ ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР РУШДИ ТОҶИКИСТОН*
**АЗИМОВ АБДУМАВЛОН ҶАЛИЛОВИЧ..............................................213**

*НАҚШИ ФАРҲАНГИ МАЪНАВӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ*
**САФИЗОДА МОҲРУХСОР САФӢ..........................................................223**

# СОДЕРЖАНИЕ

## ПОЛИТОЛОГИЯ

*АТМОСФЕРА СООТВЕТСТВИЯ ИНТЕРЕСОВ И ЦЕННОСТЕЙ СОВМЕСТНОГО РУКОВОДСТВА СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ*
**УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,**
**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУХИБУЛЛО ХАБИБУЛЛО................................12**

*ФАКТОРЫ, ВЛИЯЮЩИЕ НА ПОЛИТИЧЕСКУЮ АКТИВНОСТЬ МОЛОДЕЖИ, В ПЕРИОД ПОЛИТИЧЕСКИХ ОТНОШЕНИЙ*
**ФАТТОХЗОДА САИДМУРОД САМАД,**
**АБДУЕВ ХУРШЕД НАРЗАЛИЕВИЧ...........................................................26**

*РОЛЬ ПОЛИТИКО–ИНФОРМАЦИОННОГО ПРОСТРАНСТВА В ФОРМИРОВАНИИ ПАТРИОТИЗМА ГРАЖДАН ТАДЖИКИСТАНА КАК СОДЕРЖАНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО СОЗНАНИЯ*
**САНГИНОВ КОМИЛДЖОН ХАЙДАРОВИЧ...........................................36**

*РАЗВИТИЕ МЫШЛЕНИЯ И НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ В СОЗНАНИИ МОЛОДЕЖИ КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СТРАНЫ*
**ШАРИФХОНЗОДА МОХИРА ШАРИФХОН...........................................47**

## ЭКОНОМИКА

*ТЕОРЕТИЧСЕКИЕ ОСНОВЫ ИНВЕСТИЦИЙ И ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА*
**РУСТАМ РАХМАТЗОДА,**
**ИСМАТУЛЛОЗОДА БАХОР.......................................................................57**

*МЕТОДОЛОГИЯ ИССЛЕДОВАНИЯ В СИСТЕМЕ ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ И ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ*
**ИСАЙНОВ ХИСАЙН РАХИМОВИЧ,**
**МАХМУДОВ БАХРИДДИН НУРИДДИНОВИЧ......................................67**

*ПРОГНОЗ ОСНОВНЫХ МАКРОЭКОНОМИЧЕСКИХ ПОКАЗАТЕЛЕЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА СРЕДНЕСРОЧНЫЙ ПЕРИОД*
**СОЛЕХЗОДА АШУРБОЙ АБДУВОХИД,**
**ВОСИДИЁН ФАРХОД САЪДУЛЛО..........................................................82**

*ПРИНЦИПЫ И ФУНКЦИИ МЕСТНОГО УПРАВЛЕНИЯ В СИСТЕМЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНА*
**ДЖАЛИЛЗОДА ДИЛШОД РАДЖАБМУРОД........................................100**

*ДУШАНБЕ–ПИОНЕР РАЗВИТИЯ ОТЕЧЕСТВЕННОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ И ЭФФЕКТИВНОЙ РЕАЛИЗАЦИИ СТРАТЕГИЧЕСКИХ ЦЕЛЕЙ*
**МУРТАЗОЗОДА ОРАЗ.........................................................................120**

*ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ*
**ОДИНАЗОДА АМИН ИБРАГИМОВИЧ..................................................130**

*СПОСОБЫ СНИЖЕНИЯ УРОВНЯ БЕДНОСТИ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИЧЕСКУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ*
**ГУЛОМНОСИРОВА ФАРЗОНА МАМАДНОСИРОВНА.....................141**

*РАЗВИТИЕ БАНКОВСКИХ ЭКОСИСТЕМ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ*
**ОДИНАЕВ ХУСАЙН САИДРАХМОНОВИЧ.........................................150**

*ОБОСНОВАНИЕ КРИТЕРИЕВ ВЫБОРА ОБЪЕКТОВ ИНВЕСТИЦИИ В РАЗВИТИИ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ РЕГИОНА*
**МУЗАФФАРЗОДА БАДРИДДИН САНГАЛИ........................................161**

*НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ УПРАВЛЕНИЯ КАДРОВЫМ ПОТЕНЦИАЛОМ ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ*
**ЮСУПОВ ШОДМОН НАСУРОВИЧ......................................................173**

*НЕОБХОДИМОСТЬ ФОРМИРОВАНИЯ ПРЕВЕНТИВНОЙ СТАТИСТИКИ В СОВРЕМЕННОЙ СТАТИСТИЧЕСКОЙ НАУКИ*
**МАЪДИЕВ САЪДИХОДЖА...................................................................186**

## СОЦИОЛОГИЯ

*АКТУАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ СЕМЬИ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНСКОМ ОБЩЕСТВЕ*
**ШОИСМАТУЛЛОЕВ ШОНАЗАР,**
**НАСУРОВА БЕХРУ АСАДУЛЛОЕВНА..................................................201**

*ОЦЕНКА РЕЗУЛЬТАТОВ ИССЛЕДОВАНИЯ ОСОБЕННОСТЕЙ БЕЗОПАСНОСТИ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ В РАЗВИТИИ ТАДЖИКИСТАНА*
**АЗИМОВ АБДУМАВЛОН ДЖАЛИЛОВИЧ...........................................213**

*РОЛЬ ДУХОВНОЙ КУЛЬТУРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ПРАВОВОГО ОБРАЗОВАНИЯ*
**САФИЗОДА МОХРУХСОР САФИ..........................................................223**

## CONTENT

### POLITICAL SCIENCE

*THE ATMOSPHERE OF CONFORMITY OF THE INTERESTS AND VALUES OF THE JOINT LEADERSHIP OF THE CENTRAL ASIAN COUNTRIES*
**USMONZODA KHAYRIDDIN USMON,**
**ZUVAYDULLOZODA MUHIBULLO HABIBULLO.................................12**

*FACTORS INFLUENCING THE POLITICAL ACTIVITY OF YOUTH, DURING POLITICAL RELATIONS*
**FATTOHZODA SAIDMUROD SAMAD,**
**ABDUEV KHURSHED NARZALIEVICH...................................................26**

*THE ROLE OF THE POLITICAL AND INFORMATION SPACE IN THE FORMATION OF PATRIOTISM OF THE CITIZENS OF TAJIKISTAN AS THE CONTENT OF POLITICAL CONSCIOUSNESS*
**SANGINOV KOMILJON HAYDAROVICH................................................36**

*DEVELOPMENT OF THINKING AND SCIENTIFIC WORLDVIEW IN THE CONSCIOUSNESS OF YOUTH AS FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY*
**SHARIFKHONZODA MOHIRA SHARIFKHON........................................47**

### ECONOMY

*THEORETICAL BASES OF INVESTMENTS AND PRIORITY DIRECTIONS OF INCREASING ECONOMIC EFFICIENCY OF AGRICULTURAL PRODUCTION*
**RUSTAM RAHMATZODA,**
**ISMATULLOZODA BAHOR..........................................................................57**

*RESEARCH METHODOLOGY IN THE SYSTEM OF ASSESSMENT OF EFFICIENT USE OF WATER AND ENERGY RESOURCES*
**ISAYNOV HISAYN RAHIMOVICH,**
**MAHMUDOV BAHRIDDIN NURIDDINOVICH........................................67**

*FORECAST OF MAIN MACROECONOMIC INDICATORS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR THE MEDIUM-TERM PERIOD*
**SOLEHZODA ASHURBOY ABDUVOHID,**
**VOSIDIYON FARHOD SA’DULLO.............................................................82**

*PRINCIPLES AND FUNCTIONS OF LOCAL GOVERNANCE IN THE SYSTEM OF SOCIO-ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REGION*
**JALILZODA DILSHOD RAJABMUROD..................................................100**

*DUSHANBE -LEADER IN THE DEVELOPMENT OF DOMESTIC INDUSTRY AND EFFECTIVE IMPLEMENTATION OF STRATEGIC GOALS*
**MURTAZOZODA ORAZ......................................................................120**

*ASSESSING THE EFFICIENCY OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN AGRICULTURE*
**ODINAZODA AMIN IBROHIMOVICH....................................................130**

*WAYS TO REDUCE POVERTY AND ITS IMPACT ON ECONOMIC SECURITY*
**GHULOMNOSIROVA FARZONA MAMADNOSIROVNA.....................141**

*DEVELOPMENT OF BANKING ECOSYSTEMS IN THE CONTEXT OF THE TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY*
**ODINAEV HUSAYN SAIDRAHMONOVICH..........................................150**

*JUSTIFICATION OF CRITERIA FOR SELECTING INVESTMENT OBJECTS IN THE DEVELOPMENT OF SOCIAL INFRASTRUCTURE IN THE REGION*
**MUZAFFARZODA BADRIDDIN SANGALI.............................................161**

*SOME ISSUES OF MANAGEMENT OF PERSONNEL POTENTIAL OF ENTERPRISES IN THE CONTEXT OF TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY*
**YUSUPOV SHODMON NASUROVICH....................................................173**

*THE NEED FOR THE FORMATION OF PREVENTIVE STATISTICS IN MODERN STATISTICAL SCIENCE*
**MA'DIEV SA'DIKHOJA..........................................................................186**

**SOCIOLOGY**

*MAIN FAMILY PROBLEMS IN MODERN SOCIETY OF TAJIKISTAN*
**SHOISMATULLOEV SHONAZAR,**
**NASUROVA BEHRU ASADULLOEVNA.................................................201**

*ASSESSMENT OF RESULTS OF RESEARCH ON PATTERNS OF EMPLOYMENT SECURITY IN THE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN*
**AZIMOV ABDUMAVLON JALILOVICH.................................................213**

*THE ROLE OF SPIRITUAL CULTURE IN THE FORMATION OF LEGAL EDUCATION*
**SAFIZODA MOHRUKHSOR SAFI............................................................223**

УДК: 327.36

# ФАЗОИ МУТОБИҚАТИ МАНФИАТҲО ВА АРЗИШҲОИ РОҲБУРДИИ МУШТАРАКИ КИШВАРҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,**
доктори илмҳои фалсафа, директори Маркази татқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+992) 93-453-10-08; e-mail: khidiev@mail.ru

**ЗУВАЙДУЛЛОЗОДА МУҲИБУЛЛО ҲАБИБУЛЛО,**
номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 907-75-45-04; e-mail: mukhibullo@mail.ru

*Дар мақола муаллифон рӯйдодҳои нигаронкунанда ва ноустувории глобалӣ ва таъсири онҳоро ба минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додаанд. Аз ин рӯ, таъкид шудааст, ки имрӯз Осиёи Марказӣ дар марҳалаи тақдирсози рушд қарор дорад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ раванди ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодиро бо ҳамдигар барои коҳиши шиддати таъсири манфии равандҳои мазкур ба рушду амнияти босуботи минтақавӣ тақвият мебахшанд.*

*Бинобар ин, дар шароити таҳаввулоти дар ҷаҳон ба амал омада, имрӯз масъалаи таъмини амният дар партави талаботи кишвару мардумони Осиёи Марказӣ, ба монанди тамоми кишварҳои ҷаҳон, нақши калидӣ пайдо менамояд. Дарки дурусти ин вазъ имкон медиҳад, ки равшану возеҳ воқеаҳои дар дохил ва берун аз минтақа рухдодаро, ки барои манфиатҳои мо, аз ҷумла, дар соҳаи таъмини амният, таҳдиду хатари мустақим доранд, мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода шавад.*

*Дар мақолаи мазкур саъй карда мешавад, ки самтҳои умумӣ ва вижагии таҳаввули равандҳои ҳамкорӣ ва таъсири мутақобилаи кишварҳои минтақаро дар шароити муосир мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор дода шаванд.*

***Калидвожаҳо**: Осиёи Марказӣ, манфиатҳо, Тоҷикистон, амният, минтақа, сиёсат, иқтисодиёт, инкишоф, давлатҳо,усулҳо, ҷаҳонӣ.*

Таҳаввули таърихи умумиятҳо, ҷомеаҳо, минтақаҳо ва башарият куллан, чун пештара, имрӯз ҳам, дар натиҷаи воқеаҳо ва падидаҳое ташаккул меёбад, ки дар заминаи онҳо раванду майлонҳои муайян ба вуҷуд

меоянд. Барои зеҳн ва нигоҳи расо дарки мураккабӣ ва асрори ин падидаҳо имкон медиҳад, ки маъно ва аҳаммияти комили онҳо батадриҷ ифшо гардида, фаъолияти дигаргунсозандаи инсонҳоро такон диҳанд [7; 9; 10].

Дар доираи мазмуни ин падидаву мафҳумҳо таҷрибаи иҷтимоӣ-фарҳангии дар шароитҳои мухталифи ҳаёти инсонҳо андӯхташуда аҳаммият пайдо намуда, он дар ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли мушкилоту масъалаҳои мубрам истифода мегардад. Бидуни тавофуқи шароитҳо устувор гардидани занҷири фазои ҳаводиси ҷомеа ғайриимкон буда, амали инсон садҳоро дар роҳи дарки воқеият ва расидан ба ҳадафҳои муайянгардида бартараф намуда наметавонанд. Имрӯз танаввуи сарватҳои ҷараёни ҳаводиси таърихи башарӣ, ки натанҳо дар асоси натиҷагириҳо, балки ба ҳақиқатҳо асос меёбанд, дар пеши назари инсон бараъло падид меояд ва баҳри ба вуҷуд овардани тасвири нисбатан воқеии замони пурихтилофи идомаёбанда мусоидат менамояд. Ихтилофҳои имрӯза идомаёбандаи таърих буда, аз эҳсосот, хулосаҳо, тахминҳо, руҷуъ ва таваҷҷуҳ ба оянда ва тараққиёт иборат мебошанд [3; 11].

Имрӯз Осиёи Марказӣ дар марҳалаи тақдирсози рушду инкишоф қарор дорад. Кишварҳои Осиёи Марказӣ раванди душвори ҷудоӣ ва интихоби намунаҳои рушди сиёсӣ ва иқтисодиро танҳо дар натиҷаи омезиши унсурҳои намунаи ғарбии навсозӣ ва таҷрибаи рушди ба кишварҳои рӯ ба инкишоф хос буда, ки ба мақсадҳои онҳо мутобиқ буданд, аз сар гузарониданд. Маҳз аз ҳамин сабаб дар минтақа тамоили вобастагии наздик ба қутбҳои мавҷудаи ҷаҳони имрӯза мушоҳида намегардад. Ҳамзамон, бо таваҷҷуҳи хос ба майлонҳои дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ба амал меомада, ки на ба усули истисноӣ, балки ба усулҳои фарогир (инклюзивӣ) асос меёбанд, мавриди назар ва истифода қарор дода мешаванд. Чунин самтгирии иқтисоди кишварҳои рӯ ба инкишоф иқтидори коҳиш додани таъсири ногувори равобити муосири байналмилалиро доранд, ки омили бесуботӣ ва номуайянӣ гардида, бо пурзӯршавии рақобат барои назорат аз болои захираҳои рушд, вусъат меёбанд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ дар маркази бархӯрди манфиатҳои қутбҳои мухталифи ба ташкилёбии ҷаҳони бисёрқутба манфиатдор воқеъ буда, ҳамзамон, бар он боваранд, ки ҷаҳони бисёрқутба худ аз худ наметавонад субот ва рушди устувори кишварҳо, ба хусус кишварҳои рӯ ба инкишофро таъмин намояд [8; 2; 5].

Кӯшишҳои «поксозии минтақаҳои муайян аз гурӯҳҳои нолозими аҳолӣ» бо мақсади амалӣ намудани ташаббусҳои мушаххаси геополикӣ қобили қабул набуда, ноком мегарданд ва метавонанд сабабгори сар задани бесуботии умумӣ шаванд. Ҷойи таассуф аст, ки аксари сохторҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бо мақсади пешгирии чунин мушкилот сари вақт вокуниш нишон надода, қодир нестанд хатару таҳдидҳои глобалии

сиёсӣ ва иқтисодиро самаранок бартараф намоянд. Натанҳо таҳлилгарону коршиносон, балки роҳбарони ин сохторҳо вазъи ба амал омадаро пайомади давраҳои гузаштаи таърихӣ медонад ва иддао доранд, ки вазифаву ҳадафҳои имрӯзаи онҳо ба ҳалли мушкилоти дигар равона гардидаанд.

Дар чунин шароит кишварҳои гӯшаву канори гуногуни ҷаҳон ҷиҳати идора ва назорат намудани равандҳои пурихтилофи минтақавӣ ва фароминтақавӣ ташаббус нишон медиҳанд. Гарчи вокуниш ба таҳаввул ва зарфияти равандҳои ба амал омада саривақтӣ набошад ҳам, нақши афзоянда ва рӯзмарра будани онҳо равшан аст. Аз ҳамин сабаб бо болоравии шиддати ихтилофот, кишварҳо маҷбур мегарданд роҳҳои вокуниши саривақтӣ ба равандҳои дар ҷаҳон ва минтақа ба амал меомадаро ҷустуҷӯ намоянд.

Дар қаринаи равандҳои дар боло тазаккурёфта, новобаста аз афзоиши падидаҳои хатарнок ва ноустувории ҷараёнҳои глобалӣ, кишварҳои Осиёи Миёна тавонистаанд марҳалаи парокандагиро муваффақона сипарӣ намуда, равандҳои ҳамгироиро вусъат бахшанд. Интихоби мавқеи бетарафӣ имкон медиҳад, ки хатари ворид шудан ба доираи паймонҳои рақобаткунандаи имрӯза ва иттиҳодҳои дар ҳоли ташаккулро канорагирӣ намоянд. Чунин мавқеъгирӣ дар шароити рақобати шадид барои ба даст овардани захираҳои камёби ашёи хом, энергетикӣ ва инсонӣ мушкил бошад ҳам, вале бо роҳи фаъол гардонидани ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои манфиатдори рушди минтақа, ин амр ба воқеият табдил ёфтааст. Бояд таъкид намуд, ки ҳаракат дар ин масир дар навбати худ барои рушди иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд. Барои вусъат ва идомаи ин сиёсат кишварҳои Осиёи Марказӣ маҷбур мегарданд барои муқобила бо хатарҳои бешумор, таъмини амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, ҳифзи танаввуи биологӣ муштарак иқдом намуда, минбаъд ҳам барои ҳалли якҷояи масъалаҳои глобалӣ дар соҳаи энергетика, муҳити зист, нақлиёт ва ғайра саъй ва кӯшиш намоянд.

Ҳамин тариқ, яке аз ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз он иборат аст, ки кишварҳо бо роҳи устувор сохтани робитаҳои минтақавӣ ба равандҳои мухталифи ҷаҳонӣ ҷалб гардидаанд ва суръати ин равандҳо боло меравад. Бо дар назар гирифтани ин омилҳо, зарурати таҳияи дарки мутаносиб ва вокуниш ба равандҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, ки ба манфиат ва имконоти кишварҳои мо мувофиқ бошанд, ба миён омадааст [1]. Ҳамзамон, дар шароити имрӯзаи пурихтилофи ҷаҳонӣ таҳияи намунаҳои мутобиқ ва танзимгардидаи вокуниш ба равандҳои ҷаҳонӣ душвор буда, бар асоси додаҳои имрӯза муайян намудани дурнамои рушди равандҳо душвор аст, дар мақолаи мазкур аз ин рӯ, сайъ карда мешавад дар бораи самтҳои умумӣ ва вижагии таҳаввули равандҳои ҳамкорӣ ва таъсири

мутақобилаи кишварҳои минтақаро дар шароити муосир мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор дода шавад.

Ин амр аз он лиҳоз муҳим мебошад, ки дар солҳои охир дар Осиёи Марказӣ имконоти васеъ барои ҳамкориҳои мутақобила ба вуҷуд омада аст. Воқеаҳои се соли охир кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ намунаҳои равшани дастгирии ҳамдигарӣ, ҳалли муштараки мушкилоти рӯзмарра бо мақсади таъмини амният, суботи минтақавӣ ва рушди устуворро нишон доданд. Кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳамчунин, доир ба масъалаҳои муштарак дар роҳи муқобила бо тундгароӣ ва даҳшатафканӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятткориҳои фаромиллии муташаккил ҳамкорӣ менамоянд. Маҳз дар ҳамин қарина, мо имрӯз шоҳиди он мегардем, ки дар баробари ҳифзи робита дар сохтори ниҳодҳои ҷаҳонӣ ва фаромиллӣ, ҳамзамон кӯшиши кишварҳо барои эҳё ва устувор сохтани алоқа ва робитаҳои минтақавӣ вусъат мегирад.

Раванди мазкур дар минтақа бо шиддат боло меравад ва кишварҳои Осиёи Марказӣ фаъолона ба таҳияи намунаи минтақавии ҳамкории бисёрҷониба машғул мебошанд. Муносибати мустақилона ба ҳамкории мутақобила ба ҳамгироӣ дар минтақа ниҳоят равшан зоҳир мегардад, ки шакли ниҳоду сохторҳои муайянро мегирад. Дар ин солҳо ниҳодҳои самараноки фаъол дар соҳаи истифодаи захираҳои обӣ дар мисоли Бунёди ҳифзи баҳри Арал, пас аз муҳокимаи масъалаҳои нақлиёт ва сохторҳои таъминотӣ дар мулоқоти сарони давлатҳо дар Душанбе, барпо карда шудаанд ва ба ҳайси ташаббусҳои муҳимми минтақавӣ аз ҷониби СММ пуштибонӣ меёбанд. Дар ин замина, масъалаҳои ҳаётан муҳим дар мавриди чӣ гуна Осиёи Марказӣ метавонад ба воқеиятҳои нав мутобиқ гардад, чӣ тавр минтақа метавонад аз имконоти нав, ки пайомади тағйир ёфтани марказҳои нави фаъолияти иқтисодӣ мебошанд, истифода барад. Ҳама кишварҳо манфиатдоранд, ки ин равандҳо барои ҳифзи пояҳои субот ва рушди устувор мусоидат намоянд. Ҳамзамон, ташаккули низоми нави минтақавии мубориза ба муқобили неруҳои дохилӣ ва берунии тахрибкор ва коҳиш додани сатҳи дахолати ин қувваҳо ба равандҳои дохилӣ дар Осиёи Марказӣ аҳаммияти калон доранд.

Дар паҳнои Осиёи Марказӣ, бинобар тағйир ёфтани самти ҳамлу нақли молу ашё, имрӯз долони нави нақлиётии ҳамлу нақл ва шабакаи роҳҳои заминии бехатар ташкил ёфтааст, ки имкон медиҳад ба бандарҳои баҳрҳои ҷанубии нисбатан камбор даст ёбанд. Ин долон барои тиҷорати ҷаҳонӣ ва барқарор сохтани занҷири таъмини молу ашё ва захираҳои энергетикӣ дар минтақаҳои ҳамсарҳад бо Осиёи Марказӣ аҳаммияти хос пайдо менамояд [5].

Бояд тазаккур дод, ки истифодаи ҳама имконот дар соҳаи тиҷоратӣ-иқтисодӣ, сармоягузорӣ, энергетикӣ, ҳамлу нақл ва истифодаи оқилонаи

иқтидори энергетикӣ-таъминотӣ ва кишоварзӣ барои густариши ҳамгироии давлатҳои Осиёи Марказӣ мусоидат намуда, ба таҳкурсии боэътимоди рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ табдил хоҳад ёфт.

Бинобар ин, дар шароити таҳаввулоти дар ҷаҳон ба амал омада, имрӯз масъалаи таъмини амният дар партави талаботи кишвару мардумони Осиёи Марказӣ, ба монанди тамоми кишварҳои ҷаҳон, нақши калидӣ пайдо менамояд. Дарки дурусти ин вазъ имкон медиҳад равшану возеҳ воқеаҳои дар дохил ва берун аз минтақа рухдодаро, ки барои манфиатҳои мо, аз ҷумла, дар соҳаи таъмини амният, таҳдиду хатари мустақим доранд, мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода шаванд. Заминаи ҳамгироии манфиатҳои минтақа, ки дар солҳои охир ташаккул ёфтааст, метавонад ба сифати мақсади наздикшавӣ ба рушду нумуи мардумони минтақа хизмат намояд, зеро Осиёи Марказӣ дар даҳсолаҳои охир давраи дуршавӣ ва ихтилофро аз сар гузаронида, имрӯз бо вусъат гирифтани равандҳои ҳамгироӣ ва наздикшавӣ ба равандҳои ҷаҳонӣ, равобити неки ҳамсоягӣ рӯ ба густариши иқтидори иқтисодӣ ва суботи иқтисодию иҷтимоӣ овардааст. Чунин робитаҳо бо тасаввури амиқи реша ба таърих ва фарҳанги муштарак дошта, бахусус дар давраҳои тақдирсоз робитаҳои муттақобила сабабгори таъмини суботу амнияти кишварҳои минтақа мегарданд. Таҷрибаи муштараки таърихию тамаддунӣ имкон медиҳад дар фазои васеъи минтақа ҳамзамон рушду пешрафти тамоми кишвару мардумони минтақа фароҳам оварда шавад.

Аксари мардумони Осиёи Марказӣ ҳамеша бар он бováранд, ки мероси таърихӣ то андозае ба амалу рафтори наслҳои оянда таъсиргузор аст. Барои ҳамин ҳам онҳо аз шарҳу тавзеҳи яктарафаи зиндагии муштарак даст кашида, баръакс, барои дидгоҳҳо ба оянда сабақи арзишманд мегиранд. Бо мақсади бо қадамҳои устувор дар ин масир пеш рафтан, зарур аст ба вазъиятҳои ба амаломада ва дар ҳоли таҳаввул вокуниши мусбат нишон дода, дидгоҳи минтақавӣ ба маънои васеъ зарур аст. Ин имкон медиҳад масири рушди мустақил ва омилҳои таъмини амният муайян карда шаванд. Дастёбӣ ба натиҷаҳои мусбат дар ин масир танҳо дар сурати амалӣ намудани сиёсати дарҳои кушод интихобнамуда дар арсаи байналмилалӣ, ки ҳамзистии осоишта бо дигар кишвару мардумонро дар назар дорад, имконпазир мегардад. Стратегияҳои татбиқгардида дар ин масир ба ҳамдигар наздик буда, барои онҳо таъмини афзалияти ҳукмравоӣ ва тобеъсозии дигар иштирокчиёни равобити байналмилалӣ ба хотири устуворсозии якҷонибаи манфиатҳои миллӣ хос нест.

Ба куллӣ мазмун ва ҳадафи онҳо барқарор намудани ҳамкории мутақобили мустақил бо дигар ширкаткунандагони равобити байналмилалиро дар назар дорад. Ҳодисаҳои солҳои охир аз он шаҳодат медиҳанд, ки давлатҳои минтақа то андозае аз дахолат ба умури дохилии

кишварҳои дигар худдорӣ намудаанд. Мутобиқи усулҳои муносиби амалкард дар шароити бесуботӣ, ки ба кишварҳои рӯ ба инкишоф хос мебошад, онҳо сиёсати фосилагирӣ аз мухолифатҳои байни давлатҳои бузургро амалӣ менамоянд. Афзоиши ҳолатҳои бухронӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки як идда аз ин мухолифатҳо ба марҳалаи доғ ворид шуда, теъдоди дигар ба ин марҳалаи хатарнок наздик мешаванд. Барои ҳамин, бо мақсади бартараф намудани хавфи ҳадафи таҳдидҳои эҳтимолӣ қарор нагирифтан, кишварҳои минтақа бо аз рақобат бо манфиатҳо худдорӣ намуда, ба сохторҳои геополитикӣ шомил намешаванд ва кӯшиш мекунанд манфиати рушду пешрафти минтақа дифоъ намоянд. Кӯшишҳои фишороварӣ бо мақсади интихоби роҳ ба манфиати ин ё он сохторҳо ва тағйир додани сиёсати мутавозин ба воқеаҳои ба амал омада, муваффақ шуда наметавонанд.

Бешубҳа, ин маънои онро надорад, ки манфиати кишварҳои бузурги ҳамсоя ва дигар шарикон дар устувор гардонидани сохторҳои амниятии минтақавӣ инкор гардад, баръакс, дар назар дошта мешавад ин сохторҳоро барои кишварҳои дӯст ҷолиб ва мусоид созанд. Замоне нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар сохтори амниятии мазкур ба назар гирифта мешавад, дар оянда барои дурнамои рушди низоми минтақавии устувор, ҳаётӣ ва босубот шароити беҳтару хубтар фароҳам оварда мешавад.

Кишварҳои минтақа бояд натанҳо дар сатҳи олии сиёсӣ, балки дар муҳити коршиносон дидгоҳи умумиминтақавии вазъ ва дурнамои рушди амният ҳамчун шарти муҳимми таъмини рушди босуботро таҳия намоянд. Дар чунин шароит дидгоҳи умумии амнияти минтақавӣ ба воқеияти вазъи муосир созгор буда, ҷойи хушнудӣ аст, ки зимни барпо намудани ниҳодҳои ҳамгироии минтақавӣ ин воқеиятро роҳбарони кишварҳо ба назар мегиранд. Кӯшишу талоши кишварҳо барои расидан ва нигоҳ доштани нақши мустақили Шурои машваратии сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ дар таъмини амнияти минтақа аз густариш ва мустаҳкам намудани ҳамкорӣ шаҳодат медиҳад. Робитаҳои боэътимодро минбаъд ҳам рушд дода, кишварҳои Осиёи Марказӣ бояд омилҳои ангезандаи низоъ ва хушунатро аз байн баранд.

Дар натиҷаи ин саъй ва кӯшиш ба фарҳанги умумии Осиёи Марказӣ акнун дасткашӣ аз зӯроварӣ, дастгирии ҳамдигарӣ, ҳамгироӣ, ғоя ва амалияи рушди осоишта, мувофиқгардонии масъалаҳо дар музокирот, таҳаммулпазирӣ ва табодули таҷрибаи якдигарӣ хос аст. Солҳои охир кишварҳои минтақа рушди якдигариро на ҳамчун таҳдид, балки ҳамчун шароит барои комёбии бисёрҷониба дар масири расидан ба ҳадафҳои муайяншуда медонанд. Умед аст ин ҷараёнҳо дар оянда низ баҳри паст намудани шиддати муносибатҳо ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди устувор хидмат менамояд. Бо ҳалли муштараки масоили

амниятӣ дар минтақа барои тавсеа ва густариши ҳамкориҳои иқтисодӣ имкониятҳои бештар ба вуҷуд меояд. Ҷалби сармоя дар шароити низоми устувор, ҳаётӣ ва собит дар минтақа барои рушди кишварҳои он замина мегузорад. Кишварҳои минтақа дар бартараф намудани вазъи ногувору номуайян бо мақсади коҳиши сатҳи таъсири манфии мушкилоти иқтисодию иҷтимоӣ, аз байн бурдани хатари сар задани бесуботӣ ва ихтилофоти иҷтимоӣ ва ғайра метавонанд таҷрибаи мусбат ба даст оваранд.

Ташаккулёбии низоми комили амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ имрӯз дар марҳалаи ибтидоӣ қарор дорад ва дар ин самт дар баробари дастовардҳо мушкилот ва душворӣ низ мавҷуд аст. Кишварҳои минтақа дар мубориза ба муқобили терроризм, ҷудоихоҳӣ ва даҳшатафканӣ ҳамкории наздик доранд. Дар соҳаи мубориза ба муқобили маводи мухаддир қадамаҳои муассир бардошта шуда, ҳамкории иқтисодӣ рушд менамояд, дар ин маврид асноди зиёди байниҳукуматӣ ба имзо расидааст ва барои татбиқи онҳо дар амал сохтор ва механизмҳои зарурӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Корҳои зиёд дар ин самт бояд иҷро шаванд, вале аз ҳоло равшан аст, ки ин саъй ва кӯшиш мавриди таваҷҷуҳи тарафҳои ҳавасманд қарор гирифта, ба унсури муҳимми таъсиргузорӣ ва ҳимояи манфиатҳо табдил ёфтаанд. Аксари коршиносон бар он боваранд, ки устувор гардидани низоми амниятӣ соҳаи манфиати ҳама кишварҳои минтақа буда, аз он ҳама кишварҳо бурд менамоянд ва барои ҳалли мушкилоти вобаста ба таҳдиду хатарҳои умумӣ дар сатҳи минтақа ва берун аз он замина мегузорад.

Дар ташаккули сохтори амнияти минтақавӣ мо бояд аз бартарии танҳо як тараф ва самт худдорӣ намуда, аз дидгоҳи васеъ ба ин масъала назар намоем. Дар робита ба ин, савол ба миён омада метавонад, ки оё имкониятҳои арзёбии воқеии асосҳои субот ва амният дар Осиёи Марказӣ вуҷуд доранд? Дар ин самт кадом захираҳои бунёдиро мо бояд мадди назар дошта бошем? Зарур аст таъкид намоем, ки такя ба ососҳои бунёдии таъмини амният имкон фароҳам меорад ба дигар масъалаҳои ҷузъии масъалаҳои амнияти минтақавӣ, ки соҳаҳои энергетикӣ, озуқаворӣ, муҳити зист, ҳамлу нақл, ҳафзи иттилоот, марзҳо ва истиқлоли кишварҳоро дар бар мегирад, таваҷҷуҳ дошта бошем. Ҳар як соҳаи алоҳидаи амнияти минтақавӣ меъёрҳои воқеии арзёбии мустақилро дорад, ки бовар ва азму иродаи моро дар роҳи ба даст овардани ҳамдигарфаҳмӣ, муайян намудани афзалиятҳо ва роҳҳои ҳалли мушкилот бо дар назар гирифтани имконоту иқтидори ҳар кишвари минтақа, тақвият мебахшанд.

Дар чунин дидгоҳи васеъ ба масоили амниятӣ масъалаҳои ҳифз ва истиқрори асосҳои бунёдии давлатҳои минтақа, ки дар конститутсияҳо, арзишҳои соҳибихтиёрӣ, демократия ва дунявӣ таҷассум ёфтаанд, ба мадди аввал мебароянд. Меъёрҳои арзёбии хатару таҳдидҳо ба ин асосҳои бунёдӣ

танҳо бо таҳдидҳои дохилӣ маҳдуд намегарданд, балки ба омилҳои берунӣ низ иртибот доранд.

Бартарафсозии тадриҷии омилҳои манфӣ, ки ба иқтисоди кишварҳои Осиёи Марказӣ таъсиргузор мебошанд, метавонанд ба вазъи таъмини амният дар минтақа таъсири мусбат дошта бошанд. Дар шароити имрӯза, дар шароити болоравии таъсири буҳронҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба масъалаҳои иқтисодӣ ва энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ин масъала аҳаммияти фавқулода пайдо менамояд. Барои дарки тамоми ҷанбаҳои эҳтимолии сар задани ҳолатҳои буҳронӣ дар ин замина, ба назари мо, ба маврид мебуд дар назар дошта бошем, ки сар задани ҳолатҳои ногувор пас аз давраи тӯлонии беҳбудии зиндагӣ дар кишварҳои рӯ ба ҳоли рушд, метавонад сабабгори сар задани дигаргуниҳои ногаҳонии харобовар ва шиддатёбии вазъи иҷтимоӣ гарданд. Чунин ҳолат барои он сар мезанад, ки дар давраи тулонии беҳбудёбии сатҳи зиндагӣ, интизори мардум барои ба даст овардани меъёрҳои баландтари шароити зиндагӣ боло меравад ва дар натиҷаи беадолатӣ дар дастёбӣ ба манбаъҳо рушд байни афроди алоҳида ва гурӯҳҳо бо дар назар гирифтани саҳми онҳо дар амалӣ намудани ҳокимият ва ғайра, онҳо вокуниш нишон медиҳанд. Таҷаммуи ин омилҳо, новобаста аз ҳолатҳои ногувор дар раванди рушди ҷомеа, ба инсонҳо имкон фароҳам намеорад, ки интизориҳои худро тағйир диҳанд ва дар фурсати  мувофиқ сар задани ҳолатҳои ногувор ва рафторҳои харобовар имконпазир мегарданд. Барои бартараф намудани чунин ҳолатҳои ногувор низоми мавҷуда бояд саривақт барои тағйир додан ва танзимии интизориҳои аз ҳад зиёди инсонҳо саъй ва кӯшиш намояд. Бо вуҷуди ин, иқдоми номбурда бинобар омилу ҷанбаҳои объективӣ ва субъективӣ дар шароити мубҳами муосир на ҳамеша имконпазир мебошад, гарчи бояд дар назар дошт, ки номуайянӣ дар робитаву падидаҳо на ҳамеша маънои вуҷуд надоштани назорат ва танзимро дорад.

Масъалаи муҳимми дигари мустаҳкам намудани низоми амнияти минтақавӣ дарки он воқеият аст, ки амният натанҳо меъёрҳои моддӣ, балки ҷанбаҳои маънавию гуманитарии арзёбӣ дорад. Пайомади аксари равандҳои муосир заъфи асосҳои бунёдии фарҳангҳои миллӣ, зеро онҳо мақсади аз байн бурдани арзишҳои бунёдии ниҳодҳои ҷомеаҳои рӯ ба ҳоли рушдро дорад. Барои рафъи ин таҳдидҳо зарурати афзоиши сармоягузорӣ ба соҳаҳои ҳаёти маънавӣ ва маърифати аҳолӣ, бахусус ҷавононро аз тариқи боло бурдани сатҳи фаъолнокии муассисаҳои таҳсилоти олии кишварҳои Осиёи Марказиро ба миён мегузорад. Дар ин масир, табодули доимии барномаҳои шабакаҳои давлатӣ метавонанд натанҳо дар таъмини амнияти иттилоотӣ, балки наздикшавии афзалиятҳои арзишии мардуми минтақа нақши муҳим дошта бошад.

Мо замонеро мегузаронем, ки таъсири омилҳои харобовари минтақаи алоҳида танҳо бо ҷуғрофиёи муайян маҳдуд намегардад, бахусус бӯҳрони Украина, бе шакку шубҳа, гурӯҳҳои ҷиноятпешаи кишварҳои Осиёи Марказиро ба гардиши ғайриқонунии аслиҳа ҷалб хоҳад намуд. Баррасии мунтазами вазъ дар фазои Осиёи Марказӣ метавонад яке аз вазифаҳо дар ин самт бошад. Дар ин масир, дар баробари ҳамкории марказҳои илмӣ, омили муҳимми таъмини амният метавонад кори амалӣ–ҳамкории хадамоти махсуси кишварҳо дар самти ифшо ва аз байн бурдани ин гурӯҳҳо бошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робитаҳои байналмилалӣ ва минтақавии худ аз доираи таъсири ногувори ин равандҳо берун буда наметавонад. Бо дар назар гирифтани он воқеият, ки аксари ин равандҳо фазои ҳаётии кишвари моро фаро мегиранд, кишвари мо бояд намунаҳои вокуниш ба ин равандҳоро тарҳрезӣ намуда, рушди босуботи худро таъмин намояд. Мо дар замоне ҳузур дорем, ки тағйироти ба амаломада тасодуфӣ набуда, балки решаҳои амиқ доранд. Таҳлил ва дарки ин сабабҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки як марҳала ба охир расида, марҳалаи нав оғоз мегардад. Дар ҷараёни ин равандҳо тамоми соҳаҳои зиндагии инсонҳо, ҷомеаҳо, бахусус соҳаи таъмини амнияту субот, таҳаввули ҷиддиро аз сар мегузаронанд. Осиёи Марказӣ дар марҳалаи гузариш қарор дошта, ҷойгоҳи ҷуғрофиёии кишварҳои мо ба саҳнаи бархӯрди манфиатҳои марказҳои бузурги нуфуз, ки ба равандҳои ҳамарӯзаи минтақа таъсири калон доранд, табдил ёфтааст. Дар баробари ин омилҳо, ҳамчунин, дарки нави масъалаи ҷалби захираҳои бузурги кишварҳо, аз ҷумла, захираҳои инсонӣ, обиву энергетикӣ ва ашёи хом ба равандҳои истеҳсолӣ аҳаммият дорад, зеро ин масъала натанҳо ҷанбаи ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ, балки суст гардидани имконоти рушд дорад. Барои эътимод ба ин қазоват мушоҳидаи гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷолиби таваҷҷуҳ аст:

**Гардиши тиҷорати хориҷии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ (млн. доллар)**

| № | Кишварҳо | Гардиши тиҷорати хориҷӣ | | Бо % | Дар семоҳаи соли 2024 |
|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2023 | | Гардиши савдои хориҷӣ |
| 1 | Қазоқистон | 957,6 | 1148,7 | 120 | 328,3 |
| 2 | Ӯзбекистон | 362,2 | 504,3 | 139 | 142,5 |
| 3 | Туркманистон | 12,2 | 42,1 | 3,5 бар. | 5,8 |
| 4 | Қирғизистон | 54,2 | 11,6 | -4,7 бар. | 2,5 |

**Сарчашма:** Агенство по статистике при Президенте Республики Таджикистан / Сборник Таджикистан и стран СНГ

Тибқи нишондиҳандаҳои омори расмӣ гардиши тиҷорати хориҷӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳои минтақа, ки дар ҷавали мазкур дар панҷ соли охир таҳлил карда шудааст, бо дарназардошти мунтазам рушд ёфтани ҳамкориҳои иқтисодӣ қаноатбахш арзёбӣ мегардад. Тазаккур бояд дод, ки муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ аз дӯстиву ҳамҷаворӣ то ба шарики стратегӣ беш аз пеш густариш ёфта, ҷиҳати боз ҳам истифода бурдани захираву иқтидори мавҷуда имкониятҳо вуҷуд доранд. Дар ин росто, дар баробари афзоиши воридоти молу маҳсулот ба кишвар, боло рафтани ҳаҷми содиротии мамлакат низ нисбат ба соли 2019 рӯ ба инкишоф దониста мешавад. Бинобар ин, бояд гуфт, ки баъд аз муайян намудани ҳадафи чоруми миллӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар, қабули *“Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2030”* ва “Солҳои рушди саноат” эълон гардидани солҳои 2022–2026 барои рушди соҳаи саноати кишвар марҳалаи наверо ба вуҷуд овард, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатии ба содирот нигаронидашуда беш аз пеш афзоиш дода шуд. Ҳамзамон, дар ин раванд бахши сармоягузорӣ низ доираи васеъро ба худ касб намуд, ки бо ҷалбу ба роҳ мондани сармояҳои хориҷӣ миёни кишварҳои минтақа корхонаву коргоҳҳои муштарак фаъолият менамоянд, ки барои рушди минбаъдаи кишварҳо ва барои густариш бахшидани низоми иқтисодии мамлакатҳои таъсиргузор мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар се моҳи аввали соли 2024 гардиши тиҷорати хориҷӣ байни кишварҳои минтақа ба маротиб афзуда, нисбат ба семоҳаи соли 2023 ба маротиб афзоиш ёфтааст. Густариши робитаҳои иқтисодию иҷтимоӣ миёни кишварҳои минтақа дар он асос меёбад, ки дар ташаннуҷҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию идиологии ҷаҳони зудтағйирёбанда кишварҳо бояд китф ба китф ва бо дарки амиқу дурнамои минбаъдаи худ дар ҳалли тамоми мушкилоти ҷомеаи муосир дар паҳлуи ҳам бошанд ва дар якҷоягӣ онҳоро бартараф кунанд.

Ҳамзамон, дастовардҳои мусбат дар роҳи устувор намудани амният ва боварӣ дар минтақа бояд боиси фаромӯш сохтани он воқеият нагарданд, ки аксари мушкилоти ҳал нагардида, дар баробари хатару таҳдидҳои нав моро ҳамроҳӣ хоҳанд намуд.

Сарфи назар аз он ки мардумони минтақаро тамаддунҳои қадима ва таърихи муштарак дар фазои воҳиди фарҳангӣ, ки мероси гаронбаҳои инсоният аст, муттаҳид намуда буд, вале имрӯз неруҳои нави пайдошуда мехоҳанд мероси муштараки тамаддунии Осиёи Марказиро тобеи манфиатҳои сиёсӣ ва этникӣ намоянд. Барои мусоидат ба рушди Осиёи Марказӣ дар ҷаҳони имрӯзаи тағйирёбанда моро зарур аст дар масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла, масъалаҳои таърихӣ, мазмун ва мундариҷаи созишномаҳои ҳамкориро татбиқ ва риоя намоем, аз тақлид ба мероси фарҳанги бегона

худдорӣ намоем ва аз мавқеи бартарии этникӣ таърихи гузаштаи минтақаро бознависӣ нанамоем.

Берун аз ҳудуди минтақа кишварҳое ҳастанд, ки қасдан мехоҳанд дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ихтилофоти ғоявиро шиддат бахшанд, барои расидан ба ҳадафҳои геополитикии худ раванди ҳамкорӣ ва ваҳдати вусъатёбандаи онҳоро халалдор намуда, байни онҳо тухми нифоқ ва ҷудоӣ коранд. Агар пеши ин тамоюл гирифта нашавад, вазъ пуршиддат гардида, садди роҳи раванди муваффақонаи ҳамкорӣ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ мегардад. Дар навбати худ ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ чораҳои боварӣ дар қитъаи Осиёро таҳким бахшида, ба истиқрори сулҳи ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Масъалаҳои номбурдаро ошкоро муҳокима ва суботи минтақаро таъмин намуда, кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонанд мушкилиҳои мавҷударо бартараф ва барои наслҳои имрӯза ва ояндаи минтақа заминаи тараққӣ ва пешрафтро муҳайё намоянд. Маҳз барои ҳамин саривақт масъалаҳои баҳсбарангезро бартараф намуда, тамоми имконотро барои ҳамкории самаранок ва натиҷадор сафарбар намудан лозим аст. Дар ин самт пешрафт ба назар мерасад, зеро мо шоҳиди он мегардем, ки кишварҳои минтақа аз инзиво канорагирӣ менамоянд ва байни ҳамдигар ва кишварҳои ҷаҳон робитаҳоро густариш медиҳанд. Ин раванди табиӣ аст, зеро кишварҳои Осиёи Марказӣ аз интихоби ин роҳ бурд мекунанд ва бо роҳи саҳм гузоштан ба рушди тамаддуни ҷаҳонӣ пешрафти худро таъмин менамоянд. Дар тули таърих дар фазои Осиёи Марказӣ аксари давлатҳо натанҳо ба сифати пойгоҳи интиқол, миёнрав байни Шарқу Ғарб, балки баҳри истиқрору пойдории сулҳ, рушди фарҳанг ва тиҷорат берун аз ҳудуди минтақа баромад менамуданд.

Ҳамин тариқ, гарчи имрӯз бо мақсади тағйир додани вазъи стратегӣ дар атрофи кишварҳои Осиёи Марказӣ саъй ва талош меварзанд ва бо ширкати онҳо мехоҳанд паймону иттиҳодҳои нав барпо намоянд, вале дар ин масир натиҷаи дилхоҳ ба даст оварда наметавонанд. Робитаҳои байниҳамдигарии фаъоли кишварҳои минтақа дар давоми чанд даҳаи охир саҳнаи ташаккули манфиат ва арзишҳои муштаракро ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамзамон, кишварҳои минтақа набояд робитаҳои байниҳамдигарирo бар асоси сохторҳои бегона ва тақлид ба бегонагон, ки моҳияти онҳо аз густариши вобастагии кишварҳо ба мақсадҳои ҳамгироии беруна аст, ба роҳ монанд, балки ибтикор ва ҷуръати сиёсӣ пайдо намуда, бо роҳи рушду пешрафти ҳамгироии воқеии минтақавӣ пеш раванд.

## АДАБИЁТ

1. Christian David, 1998a: A history of Russia, Central Asia and Mongolia. V. I: Inner Eurasia from prehistory to the Mongol empire. Oxford [etc.]: Blackwell; collection: The Blackwell history of the world. XXIII-472 p.,

2. Christian David, 1998b: Worlds on the Silk Road: Ancient and Modern

3. Daron Acemoglu and Simon Johnson Power and Progress: Our Thousand-Year Struggle Over Technology and Prosperity /. Description: First edition. | New York: Public Affairs, 2023.

4. David Christian and Graig Benjamin. Silk Road Studies, II, Worlds on the silk roads: ancient and modern: proceedings from the Second Conference of the Australasian Society for Inner Asian Studies (A.S.I.A.S.): Macquarie University September 21-22, 1996. Turnhout: Brepols. P. I-V.

5. Hauner Milan, 1992: What is Asia to us? Russia's Asian Heartland Yesterday and Today. London. New York: Routledge (1st ed., Unwin Hyman. 1990). 264 p.

6. Hauner Milan, 1992: What is Asia to us? Russia's Asian Heartland Yesterday and Today. London. New York: Routledge (1st ed., Unwin Hyman. 1990). 264 p.

7. William MacAskill.The Beginning of History. Surviving the Era of Catastrophic Risk. [манбаи электронӣ]. URL: https://www.foreignaffairs.com/world/william-macaskill-beginning-history (санаи истифодабарӣ: 23.06.2024)

8. Горшенина С. М. Изобретение концепта Средней\Центральной Азии: между наукой и геополитикой. Перевод с французской М. Р. Майзульса. – Вашингтон: Программа изучения Центральной Азии, Университет Джорджа Вашингтона, 2019;

9. Идиев Х.У. Китоби таълимӣ аз фанни «Фалсафаи иҷтимоӣ». – Душанбе, 2013.

10. Усмонзода Х.У. (Идиев Х.У.) Амалияи ҷомеасозӣ ва мӯосирият / Усмонзода Х.У. - Душанбе, «Дониш», 2021.

11. Хабермас Ю. Философский дискурс о модерне. – М., Изд-во «Весь мир» 2003.

## АТМОСФЕРА СООТВЕТСТВИЯ ИНТЕРЕСОВ И ЦЕННОСТЕЙ СОВМЕСТНОГО РУКОВОДСТВА СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**УСМОНЗОДА ХАЙРИДДИН УСМОН,**
доктор философских наук, директор Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
4) развивать методы политического воспитания с целью поднятия уровня правового и политического сознания, а также и правовой и политической культуры общества, отвечающие принципам уважения и защиты прав и свобод человека и гражданина в условиях демократического режима;

5) обратить внимание на формирование и развитие общей и правовой, политической культуры, правового и политического сознания, а также чувства патриотизма и ответственности государственных служащих и чиновников.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Степанянц М.Т. Поиск национальной модели развития: обращение к архаике // Полис. Политические исследования. 2016. № 6. – С. 37-51

2. Летняков Д.Э. Политико-идеологические тренды постсоветских обществ: попытка обобщения. // Полис. Политические исследования. 2018. № 1. – С. 129-142

3. Сангинов К.Х. Патриотизм как политическая идеология в структуре современного политического сознания // Вопросы управления. 2021. № 2. – С. 6–15.

4. Коршунова О.С. Политическое воспитание и его существенные характеристики // Вестник КГУ им. Н.А. Некрасова. 2009. № 4. – С.119.

5. Тормошева В.С. Современные подходы к интерпретации политического пространства // Вестник Поволжского института управления 2016. № 6 (57). – С.167-172.

6. Клягин С. В. Человек как медиа в динамике политического пространства // Вестник РГГУ 2015. № 6 (149). – С.13-25.

7. Гопоненко А.Э. Социологические критерии идентификации политического пространства // Вестник ПАГС. 2009. – С. 66 – 70.

8. Барышева Е. В. Конструирование политического пространства советского города 1920–1930-х годов // Вестник РГГУ. 2015. № 11 (154). – С.31-41.

9. Скиперских А. В. Политика памяти в современном Таджикистане: от империи к национальному государству // Проблемы постсоветского пространства. 2018. 5(1). – С.79-88.

10. Осипова Е. А. Маркетинговая экспансия в пространство политического // Вестник РГГУ. 2015.– № 11 (154). – С.9-17.

11. Сангинов К.Х. Роль информационного пространства в формировании политического сознания (на примере республики Таджикистан) // Вестник Поволжского института управления 2019. Том 19. № 6. – С.57 – 65.

12. Политология. Курс лекций / Под ред. М.Н. Марченко — 4-е изд., перераб. и доп. — М.: Юристъ, 2003. – С.683.

13. Мельвиль А.Ю. [и др.]. Политология. – М.: Московский государственный институт международных отношений (Университет) МИД России, 2007. – С.618.

# НАҚШИ ФАЗОИ СИЁСӢ ВА ИТТИЛООТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ВАТАНДӮСТИИ ШАҲРВАНДОНИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН МУНДАРИҶАИ ШУУРИ СИЁСӢ

**САНГИНОВ КОМИЛҶОН ҲАЙДАРОВИЧ,**

муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»

735700, Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1;

тел.: (92) 700-92-06; e-mail:sk_8888@mail.ru

*Дар мақола ғояи ватандӯстӣ дар Тоҷикистон ҳамчун идеологияи сиёсӣ ва густариши он ҳамчун идеологияи давлатӣ баррасӣ ва арзёбӣ карда шудааст. Ва, инчунин, талош карда мешавад, ки робита ва аҳаммияти густариши ватандӯстӣ ва фазои сиёсӣ ва фазои иттилоотӣ ҳамчун муҳимтарин омил, восита ва усули ташаккул ва рушди ватандӯстӣ ҳамчун идеология муайян карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *ватандӯстӣ, шуури сиёсӣ, фазои сиёсӣ, фазои иттилоотӣ, тарбияи сиёсӣ, худшиносии миллӣ.*

# THE ROLE OF THE POLITICAL AND INFORMATION SPACE IN THE FORMATION OF PATRIOTISM OF THE CITIZENS OF TAJIKISTAN AS THE CONTENT OF POLITICAL CONSCIOUSNESS

**SANGINOV KOMILJON HAYDAROVICH,**
Senior Lecturer at the Department of Political Science
SEI "Khujand State University named after academician B. Gafurov"
735700, Tajikistan, Khujand city, Mavlonbekova 1;
tel.: (92) 700-92-06: e-mail:sk_8888@mail.ru

*The article discusses and analyzes the idea of patriotism in Tajikistan as a political ideology and its spread as a state ideology. And also an attempt is made to find the relationship and significance between the prevalence of patriotism and political space, as well as the information space as the most important factor, means and method of formation and development of patriotism as an ideology.*

***Keywords:*** *patriotism, political consciousness, political space, information space, political education, national self-identity.*

**УДК: 32.019.5**

## ТАВСЕАИ ТАФАККУР ВА ҶАҲОНБИНИИ ИЛМӢ ДАР ШУУРИ ҶАВОНОН ОМИЛИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАР

**ШАРИФХОНЗОДА МОҲИРА ШАРИФХОН,**
мутахассиси пешбари Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел: (+992) 918-36-21-22

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои илм ва ҷаҳонбинии илмӣ бо дарназардошти равандҳои муосири байналмилалӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтаанд. Дар замони рушди илм ва техника барои дар арсаи миллӣ ва байналмилалӣ баланд кардани имиҷи кишварҳо, илм роҳи беҳтарини расидан ба ин ҳадаф ба шумор меравад. Бинобар сабабе, ки аксари аҳолии мамлакатро ҷавонон ташкил медиҳанд, тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ дар афкори ҷавонон масъалаи муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад. Дар амалия татбиқ кардани ҷанбаҳои назариявии дастовардҳои илмии аз ҷониби ҷавонон ба даст оварда метавонад, барои расидан ба рушди устувор мусоидат намояд.*

*Таҳлили масъалаи тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ дар шуури ҷавонон нишон медиҳад, ки дастовардҳои илмӣ омили муҳимми муаррифии кишвар дар замони муосир мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф ба муҳиммияти тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ таъкид карда, ба вуҷуд овардан ва беҳтар гардонидани шароити қаблии кор бо ҷавононро яке аз ҳадафҳои калидӣ шуморида, нақши зиёиёни миллиро дар ин ҷода мувофиқи мақсад мешуморад.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Пешвои миллат, рушди илм, маориф, мулоқот, тавсеа, тафаккур, ҷаҳонбинӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, ҷавонон, шуур, озмун, таҳсилоти олӣ, иқтисоди бозорӣ, зиёиёни миллӣ, нақш.*

Таҳқиқ ва таҳлили равандҳои ҷаҳони муосир собит месозад, ки рушди тафаккури илмӣ дар ҷомеа метавонад дар рақобатпазирии давлатҳо имкониятҳои бештарро фароҳам созад. Илм як соҳаи махсуси ҳаёти инсон аст, ки дар он донишҳо дар бораи воқеияти атроф инкишоф ёфта, аз ҷиҳати назариявӣ ба низом дароварда мешаванд.

Бо дарки гуфтаҳои боло илм ба соҳаи муҳимме табдил мегардад, ки барои пешрафти тамоми соҳаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидат менамояду масъалаи тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ дар шуур омили рушди устувор ва таконбахши соҳаи иқтисод ва амният дар ҳар як

кишвар мегардад. Тавре муҳаққиқи ватанӣ Лоиқ Ғаюров қайд мекунад: "Неруи зеҳнии ҷомеа дар ҷаҳони муосир ба ченаки муҳим ва муаянкунандаи рушд табдил ёфта, хароб гардидани он, дар мадди аввал, ба амнияти кишварҳо ва истиқлоли онҳо таъсир хоҳад расонд" [2, 223].

Ташаккули тафаккури илмӣ ҳамчун роҳи асосии дарки воқеияти атроф таърихи тулонӣ дошта, замина ва қолабҳои асосии онро мутафаккирони Шарқу Ғарб гузоштанд. Бо вуҷуди он, ки ҳоло мафҳуми тафаккури илмӣ бештар ба донишмандону муҳаққиқон шинос аст, он ба тафаккури таҷрибавии инсонӣ зич иртибот дораду ҳар яки мо унсурҳои муайяни онро медонему дар ҳаёт татбиқ мекунем. Дар ин ҳолат мафҳуми дигар, яъне ҷаҳонбинии илмӣ мавҷуд аст, ки нақши он дар тафаккури илмӣ барҷаста аст. Баланд гардонидани дараҷаи саводнокӣ ва маълумотнокии аҳолӣ, алалхусус, наврасону ҷавонон, чун самти калидӣ ва пешбари рушди устувори кишвар дар ояндаи наздику дур ба ҳисоб меравад.

Чуноне, ки профессор Хайриддин Усмонзода дар ин маврид иброз медорад: "Услуби тафаккури илмӣ ҳамчун ифодакунандаи маҷмуи боварҳо, арзишҳо, воситаҳои ташреҳии аз ҷониби умумияти муайяни илмӣ қабулшуда буда, анъанаи илмиро ташкил медиҳад. Ин анъанот то зуҳури парадигмаи нав модели гузориш ва ҳалли масъалаҳои илмиро дар ҷомеаи муайян ба тартиб меандозанд ва дар муҳити мактабҳои мушаххаси илмӣ ташаккул меёбанд" [14, 274].

Мафҳуми "ҷаҳонбинӣ" (Weltanschauung) аввалин бор аз тарафи файласуфи олмонӣ Иммануил Кант соли 1790 истифода гардидааст. Ҳарчанд ин мафҳум дар соли 1790 нахустин бор корбурд шуда бошад ҳам, аммо таҳқиқоти паҳлуҳои он ба аввали асри бисти милодӣ рост меояд [7].

Ҷаҳонбинӣ механизми мураккабест, ки аз ақидаҳо дар бораи ҷаҳони атроф ва системаи арзишҳои ахлоқии шахсияти мушаххас иборат аст. Ин сохтори равонӣ андеша, амал ва меъёрҳои ахлоқиро, ки барои афроди муайян қобили қабул аст, муттаҳид месозад. Бо ибораи дигар, ҷаҳонбинӣ системаи назарҳое мебошад, ки ба дунё ва мавқеи инсон, ҷомеа ва инсоният дар он, муносибати инсон ба дунё, инчунин, мавқеъҳои асосии ҳаётии одамон ба ин ақидаҳо мувофиқ аст. Муродифи истилоҳи «ҷаҳонбинӣ» "тафаккур" мебошад, ки қариб дар аксар вақт метавонад як моҳиятро инъикос намояд.

Хусусиятҳои асосии ҷаҳонбинӣ системанокии он мебошад. Сохтори ҷаҳонбинӣ аз инҳо ташаккул меёбад: дониш, ғояҳо, принсипҳо, нуқтаи назар, эътиқод, идеалу мақсадҳо, арзишҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, муносибатҳои ҳаётӣ ва ғайра [6].

Дар амалия ва назария якчанд навъи ҷаҳонбиниро тақсимбандӣ мекунанд:

• **ҷаҳонбинии муқаррарӣ**–дар асоси таҷрибаи ҳаррӯза, ки аксаран ҳамчун ҳикмати рӯз зоҳир мешавад, махсусан, дар байни намояндагони насли калонсол, ки робитаи мустақим бо илм надоранд;

• **ҷаҳонбинии мифологӣ** –дар асоси иваз кардани адабиёти бадеӣ ба воқеият, такя ба афсона ва ғайраро дар бар мегирад;

• **ҷаҳонбинии динӣ** – дар асоси догмаҳои динӣ бунёд ёфтааст;

• **ҷаҳонбинии илмӣ** – ба донишҳои илмӣ асосёфта, ки амалан аз ҳар гуна тахмину шубҳа холӣ буда, манзараи ҷудогонаи илмии ҷаҳонро ифода мекунад.

Тайи якчанд даҳсолаи охир инсоният ба ҳақиқати бебаҳсе дучор гардид, ки танҳо бо роҳи илмӣ ҳал намудани мушкилот мавҷуд аст. Бунёди ин навъи ҷаҳонбиниро маҳз илму дониш ташкил медиҳад. Нақши ҷаҳонбинии илмӣ нисбат ба дигар навъи он дар он аст, ки ҳар чизе, ки бунёдаш ба илм аст, ҳақиқатест, ки баҳс надорад. Имрӯзҳо дар пояи илм кишварҳо ҳастии худро муаррифӣ ва мустаҳкам карда истодаанд. Ба андешаи олими ватанӣ С.С. Ятимов: “Дар олам воқеияте нест, ки ҳангоми кӯшиши донистан аз чанголи пуриқтидори илм раҳоӣ ёфта тавонад” [15, 5]. Ҳамчунин: “Вақте ки дар ҷаҳон вазъи пандемияи “КОВИД–19” эълон шуд, кӣ тавонист ҷони мардуми худ, халқи худ ва дар умум, инсонҳоро наҷот диҳад? Албатта, кишварҳое, ки дар онҳо илму техникаву технология ва ҷаҳонбинии илмӣ, сарфи назар аз муносибаташон ба дин, рушд карда, сатҳи маърифатнокию саводнокии аҳолии ин кишварҳо пеш рафтааст” [11].

Вобаста ба ин, дар шароити зудтайғирёбанда ва пешгӯйинашавандаи ҷаҳони муосир, авҷ гирифтани хатарҳои миллӣ ва минтақавӣ, андешидани чораҳо барои пешгирии аксар равандҳо ба вазифаи аввалин дар назди ҳар субъекти ҷомеа табдил меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксари аҳолиро ҷавонон ташкил медиҳанд, дарки масоили тафаккури илмӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ ҳамчун роҳи рушди устувори кишвар аз ҷониби ҷавонон масъалаи зарурии замони муосир мебошад.

Намодҳои муосири ташвиқи ҷавонон ба донишҳои илмиро, аз қабили лексияҳо, дарсҳои маҳорат, конфронсҳо ва семинарҳо, ки мавзуъҳои илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ ва технологӣ доранд, ташкил медиҳад. Ин падида барои ҷавононе, ки барои худшиносии илмӣ талош меварзанд, имкониятҳои бузург барои омӯзиш, эҷодкорӣ, табодули таҷриба ва роҳи навро боз мекунад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки китобхонаҳо, осорхонаҳо, ташкилотҳои илмию таълимӣ дар асоси шарикӣ, барои он ки ҷавонон ба донишҳои илмӣ шавқу рағбат пайдо намоянду дар оянда ҳангоми истифодаи истеъдодҳои худ қарори оқилона қабул кунанд, корҳои зиёдеро метавонанд анҷом диҳанд. Мувофиқи мақсад аст, ки дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ корҳои мунтазам доир ба нақши илм ва

донишҳои илмӣ, дар зеҳни ҷавонон китобхона ба муҳимтарин маркази ҳаёти зеҳнии ҷомеа табдил гардад. Ба намояндагони насли ҷавон фароҳам овардани шароит барои рушди минбаъда, интихоби касб вобаста ба лаёқат, ҳамбастагии оила ва мактабро ба миён мегузорад, зеро дар таъмини шароит нақши оила ва дар интихоби касб нақши мактаб эҳсос мегарду мавҷудияти ин ду раванд бе якдигар аз имкон дур аст.

Айни ҳол гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ, зоҳирпарастии динӣ ва амсоли ин таҳдидҳое ба шумор мераванд, ки пешгирии бевоситаро аз ҳар кишвару мамлакатҳо талаб мекунад. Чӣ тавре таҷрибаи ҷавонони ба гурӯҳҳои тундрав шомилшуда нишон медиҳад, ин гурӯҳҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҷавонони бесаводро ба сафи худ ҷалб карда, бо ин роҳ ҳадафҳои худро пиёда намоянд. Дар ин вазъият ҷавонон бозичаи дасти ашхоси манфиатдор мегарданд. Мақсади аслии онҳо бо истифода аз ин афрод, ки дорои ҷаҳонбинии илмӣ нестанд, ба равандҳои сиёсии кишварҳои ҷаҳон таъсир расонидан аст.

Дар ин замина, равандҳои дар ҷаҳон баамаломада гувоҳӣ медиҳад, ки танҳо кишварҳои соҳибилм метавонанд ҳастии худро ҳифз намоянд, чунки тавсеаи ҷаҳонбинии илмӣ дар ҷомеа ба рушди кишвар мусоидат карда, ҳамчун муҳаррики пешбарандаи ҷавонон ба роҳи илм маҳсуб меёбад. Ҷаҳонбинии илмӣ дар шуури ҷавонон ҳамчун қутбнамо самтҳои зеринро муайян мекунад:

- барои фаъолияти амалӣ ва назариявӣ дастуру мақсадҳоро муайян мекунад;
- ба ҷавонон имкониятҳои муносиби ба мақсад ва вазифаҳои худ расиданро мефаҳмонад;
- ҷавононро бо усулҳои шинохту фаъолият мусаллаҳ мегардонад;
- барои дарки арзишҳои воқеии ҳаёт ва фарҳангу тамаддун имкон фароҳам меоварад.

Боиси таъкид аст, ки Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомал Раҳмон дар мулоқот бо ҷавонон санаи 21-уми майи соли 2021 таъкид намудаанд: *«Дар шароити пешрафти босуръати илму техника ва технологияҳо масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифату саводнокии ҷавонон ва ба омӯзиши илму донишҳои замонавӣ фаро гирифтани онҳо, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимтарини мо ба ҳисоб меравад"* [14, 272].

Ҳамин аст, ки шуруъ аз аввали рӯзҳои соҳибистиқлолӣ сиёсати мақсадноку муваффақонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки аҳаммияти илм ва нақши он дар рушди устувори мамлакат ба мақому манзалати аҳли илм таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои рушди маънавӣ ва моддии ин қишр тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намудааст. Ба мушкилоти ҷойдошта нигоҳ накарда, маҳз дар нахустин солҳои ба даст

овардани Истиқлоли давлатӣ марҳала ба марҳала тадбирҳои мушаххас дар самти илм ва захираҳои илмии мамлакат амалӣ гардонида шуданд.

Аз ҷумла: "Зиёда аз 200 ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқии муҳиме, ки дар даврони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба соҳаи илм, қабул шуданд, барои ташкили низоми идора ва рушди илми ватанӣ, беҳтар шудани заминаи моддию техникии муассисаҳои илмӣ ва амсоли инҳо мусоидат намуданд" [14, 271].

Дар мадди аввал муҳайё кардани шароит барои тамоми давраҳои таҳсил, шуруъ аз сатҳи аввал (кӯдакистонҳо) то дараҷаи гирифтани маълумот барои соҳибкасб гардидан (донишгоҳу донишкадаҳо) аз тадбирҳои муассири Ҳукумати мамлакат маҳсуб мешавад. Бо ин мақсад "... дар давоми беш аз 30 соли соҳибистиқлолӣ зиёда аз 3900 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла муассисаҳои типи нав, яъне гимназия, литсею коллеҷ, инчунин, донишгоҳу донишкада бунёд кардем. То замони Истиқлоли давлатӣ дар кишвар 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо 65 ҳазор донишҷӯ фаъолият дошт. Ҳоло ин рақам ба 47 ва шумораи донишҷӯёни онҳо ба зиёда аз 220 ҳазор нафар расидааст" [10].

Дар баробари ба таҳсил фаро гирифтани қишри ҷавон ҷиҳати ҳавасмандӣ ва қадр кардани хизматҳои дар сатҳи илм нишондодаи олимони ҷавон таъсиси ҷоизаҳои гуногун дастгирии навбатӣ ба шумор меравад. Аз ҷумла барои қадр кардани хизматҳои олимони ҷавон дар соҳаҳои гуногуни илми кишвар таъсиси ҷоизаҳои гуногун унвонҳои фахрии "Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон", "Корманди шоистаи Тоҷикистон", "Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ", "Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаҳои илм ва техника", "Ҷоизаи давлатӣ Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ" ва дигар мукофотҳо намунаи беназири дастгирии қишри илммеҳвар маҳсуб меёбад.

Бар замми тамоми дастгириҳои давлат ва Ҳукумати кишвар ҳанӯз баъзе масъалаҳо роҳи ҳалли худро бевосита талаб менамоянд. Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30-майи соли 2024 нигаронии худро доир ба вазъи кам будани кадрҳои унвондори соҳаҳои мухталифи илм иброз доштанд: *"Ҳоло дар кишвар қариб 5900 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ фаъолият менамоянд, ки 886 нафар ё 15,5 дарсади онҳо доктори илм (аз ин 146 нафар ё 16 дарсад занон), 4800 нафар номзади илм ва 158 нафар доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд. То замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 3300 нафар кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ, аз ҷумла 229 нафар докторҳои илм ва 3074 нафар номзадҳои илм фаъолият мекарданд. Яъне дар давраи соҳибистиқлолӣ шумораи кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ 1,8 баробар, аз ҷумла докторҳои илм*

*қариб чор баробар ва номзадҳои илм 1,6 баробар зиёд гардидааст. Таъкид месозам, ки ин нишондиҳандаҳо ҳанӯз қонеъкунанда нестанд"[10].*

Омори дар боло нишон додашуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки новобаста аз имкониятҳо то ҳол масоили илм дар миёни ҷавонон чандон эътибор надорад. Бо дарназардошти талаботи ҷомеаи кунунӣ бояд ҳавасмандгардонии бештар ба самтҳои зилзиласанҷӣ, энергетика, геология, меъморӣ, металлургия ва амсоли инҳо равона карда шавад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки талабот ба ин ихтисосҳо дар кишвар зиёд буда, аммо хоҳишмандон барои интихоб кам ба назар мерасад. Бо дарки муҳит ва иқлими кишвар рӯз то рӯз талабот ба ихтисосҳои зикрашон дар боло рафта меафзояд.

Бо дарки хатарҳои муосир, ки аксаран пешгӯйинашаванда мебошанд, омода кардани ҷавонон дар самти вирусология, иммунология, генетикаи тиббӣ (омӯзандагони бемориҳои авлодӣ ё наслӣ) ба манфиати кор мебошад.

Дар партави "Соли маърифати ҳуқуқӣ" рушд бахшидан ба ихтисоси "ҳуқуқи байналмилалӣ", ки нарасидани ҷавонони лаёқатманд дар ин соҳа бевосита чашмрас аст, мебояд дар мадди назари мактабҳои олӣ қарор гирад, зеро барои ҳифзи ҳуқуқ дар арсаи байналмилалӣ маҳз ҳамин соҳаи ҳуқуқ мувazзаф аст. Яке аз сабабҳои нарасидани кадрҳо дар ин соҳа омода набудани ҷавон аз ҳар лиҳоз, чи аз ҷиҳати забондонӣ ва чи аз ҷиҳати фаҳмиш дар соҳаи ҳуқуқ, мебошад. Ҳамчунин, ба роҳ мондани робитаҳои зич барои таҳсил дар донишкадаҳои кишварҳои ҳамсоя, табодули таҷриба миёни қишри ҷавони донишгоҳҳои гуногуни ҷаҳон бамаврид арзёбӣ мегардад.

Аксари олимони соҳа ба он назаранд, ки истифодаи ғайримақсаднок аз шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун омили калидии ба илм таввачуҳ накардан миёни ҷавонони кишварҳои дар ҳоли рушд маҳсуб мешавад. "Рушди бемайлони технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла телефонҳои мобилӣ, шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ва ғайра, ки истифодаи онҳо ҷавононро аз китобхонӣ ва маърифати илмию назариявӣ дур менамоянд" [4, 67].

Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд: *"Рушди маърифатнокии аҳолӣ, тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ ва ҷалби бештари ҷомеа, алалхусус, наврасону ҷавонон ба илмомӯзӣ, ки бунёди онро илмҳои табиӣ ва риёзӣ ташкил медиҳанд, василаи асосии пешгирӣ кардани хурофот, ифротишавӣ, зоҳирпарастии динӣ ва гароидан ба ғояҳои иртиҷоӣ мебошад"* [10].

Ҳамин тавр, ҳар марҳалаи рушди ҷомеа вобаста ба ҳадафҳои доштааш дар назди соҳаи илм низ вазифаҳои навро мегузоранд, ки ҷустуҷӯйи роҳҳои дарку баррасии ин масъалаҳои ҳалталаб чораҳои иловагиро металабад.

Дар ҷойи дигар муҳаққиқи тоҷик С.С.Ятимов хеле бамаврид таъкид намудааст: “Фаъолияти мактаб, маориф – кӯшишҳои ташаккули ҷаҳонбинии мардум, махсусан ҷавонон, мебояд ба он нуқтае равон карда шавад, ки маҳз худи инсон, дониш, хирад, ақл ва фаросати ӯ омили хушбахтии ӯст” [16,14 ].

Акнун вақти он расидааст, ки ҷавонони мо дарк намоянд, ки маҳз бо роҳи дониш гузаштагони мо ҳастии худро дар саҳифаҳои таърих ҷой додаанд. “Ба гуфти Абуалӣ Сино, агар ба чароғ равған ҷон бахшад, ба инсон илм” [16,14 ]. Дар ҷойи дигар доир ба нақши илм дар ҳаёти инсон хеле ба маврид зикр гардидааст: “Инсоне, ки ба илму хиради одамӣ бовар дорад ва ба он такя мекунад, барои худ ва ҷомеа муфид, ҳадди ақал, безарар аст ” [16,14 ].

Баҳри расидан ба ҳадафҳои дар пешистода барои тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ дар шуури ҷавонон пешниҳодҳои зерин ба манфиати кор арзёбӣ мегардад:

- Дар руҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия кардани ҷавонон, шуруъ аз нахустин зинаҳои таълимӣ. Тавре медонем, илм роҳест, ки аз ҳар нафар меҳнати зиёдро талаб мекунад ва танҳо нафаре дар ин роҳ муввафақ мешавад, ки шебу фарозҳои ин роҳро таҳаммул карда, то расидан ба қуллаи ниҳоӣ таҳаммулро пешша намояд.
- Нашри китобҳои руҳбаландкунанда дар робита ба ҳаёти нафарони илмӣ ва зиндагии онҳо дар роҳи расидан ба мувваффақияти илмӣ. Ин ба рушди шахсии ҷавонон ва рушди илм дар мамлакат мусоидат менамояд.
- Шароити имрӯза саъю кӯшиши ташкили системаи муштараки ташаккули ҷаҳонбинии илмиро барои ҷавонон тақозо менамояд. Шароити тахассусие, ки тавассути он ҷаҳонбинии илмии қишри ҷавон ташаккул меёбад, аз ҳар ниҳод фаъолияти пурсамари илмиро талаб менамояд. Бешак, дар ин давра нақши зиёиёни миллӣ, ки зодаи ин сарзаминанд, бесобиқа аст.
- Мустаҳкам кардани пояҳои анъанаи устоду шогирд дар роҳи илм, ки хосси ниёгони мост босамар арзёбӣ мегардад. Мутафаккири тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ ва шогирдаш Алишери Навоӣ намунаи хубест, дар гузашта ва имрӯза. Агар аз як тараф, илму адабиёти он замонаро рушд дода бошад, дар замони кунунӣ робитаи фарҳангии тоҷику ӯзбекро ба ҳам мепайвандад.
- Ба вуҷуд овардани муҳиту фазои муайяни назариявию амалӣ таввасути зиёиёни миллӣ барои ҷавонон, бо эътирофи муҳити илмии дохилию берунӣ ва натиҷаҳои бадастоварда пешниҳодҳо барои ноил шудан ба дастовардҳои боқимондаи илмӣ.

Ҳамин тавр, раванди омӯзиши масъалаҳои марбут ба тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ дар кишвар нишон медиҳад, ки дар

ташаккулёбии тамоми соҳаҳо, қабл аз ҳама, нақши илм барҷаста буда, дар ҳошияи марҳалаи нав–саноатикунонии босуръати кишвар аҳаммияти бузурги илмию амалиро пайдо намудааст. Метавон гуфт, ки маҳз ҷаҳонбинии илмӣ имконияти ҳаматарафаи шинохти роҳи дурустро ба ҷавонон нишон медиҳад. Раванди тавсеаи тафаккур ва ҷаҳонбинии илмӣ дар шуури ҷавонон вазифаи аввалиндараҷаи падару модар ва ниҳодҳои илмӣ мебошад. Тарғибу ташвиқи шахсиятҳои таърихӣ бештар аз пештар кушода ва фаҳмонидани саҳифаҳои пурифтихори миллӣ ба тафаккур ва ҷаҳонбинии илмии ҷавонон нақши мусбат дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Абдураҳмон Қурбонов Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ (Таҳлили иҷтимоӣ-сиёсӣ). –Душанбе: Ирфон, 2016. -108 с.

2. Ғаюров Лоиқ Шералиевич. Таҳлили заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ҳамгироии илм ва маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, //Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022 №4 (80). –223-234 с.

3. Имомалиева Раногуль Мадалиевна, Философия образования и ее связь с другими научными направлениями, //Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022 №4 (80). –265–274 с.

4. Исозода Тоҷиддин Исо. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба амнияти зеҳнӣ, //Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022 №4 (80). –65–72 с.

5. Қурбонов Абдураҳмон Шерович. Баъзе хусусиятҳои рушди маориф дар замони муосир,//Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022 №2 (78). –282–290с.

6. Манбаи электронӣ: https://skysmart.ru/articles/obshestvoznanie/mirovozzrenie Санаи муроҷиат: 13.06.2024

7. Мировоззрение как объекть философской рефлексии (И. Кант, М. Хайдеггер, М.Шеллер) манбаи электронӣ: https://cyberleninka.ru/article/n/mirovozzrenie-kak-obekt-filosofskoy-refleksii-i-kant-m-haydegger-m-sheler/viewer

8. Мухаков Манучеҳр Амирхонович. Дастовардҳои кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи байналмилалишавии хизматрасониҳои таҳсилотӣ ва имкониятҳои рушди он дар Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2021 № 2(74). –279-294 с.

9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». Манбаи электронӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/14089/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-muhtaram-emomali-rahmon-dar-borai-samthoi-asosii-sijosati-dokhili-va-khorijii-jumhuri (Санаи муроҷиат 01.05.2024)

10. Суханронӣ дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар. 30.05.2024 – Душанбе , манбаи электронӣ http://president.tj/node/33541

11. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва

ходимони дини кишвар. 09.03.2024.–Душанбе. манбаи электронӣ: http://prezident.tj/node/32921

12. Усмонзода Х.У. Амалияи ҷомеасозӣ ва муосирият. – Душанбе: Дониш, -2020. –212 с

13. Усмонзода Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйирёбии иҷтимоӣ. Душанбе: Дониш, 2022. – 212 с.

14. Усмонзода Хайриддин Усмон, Донаева Камола Холматовна. Таъсиргузории мактабҳои илмӣ ба рушди малакаи таҳқиқотии олимони ҷавон дар даврони Истиқлолият // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022 №2 (78).– 270–281 с.

15. Ятимов С. Таҳлили стратегӣ ва ояндабинии сиёсӣ. –Душанбе: Ганҷнашриёт, 2015.–144 с.

16. Ятимов С.С. Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад, // Илм ва амният, № 1 (3), 2023.–7-20

## РАЗВИТИЕ МЫШЛЕНИЯ И НАУЧНОГО МИРОВОЗЗРЕНИЯ В СОЗНАНИИ МОЛОДЕЖИ КАК ФАКТОР УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СТРАНЫ

**ШАРИФХОНЗОДА МОХИРА ШАРИФХОН,**
ведущий специалист Управления анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел: (+992) 918-36-21-22.

*В данной статье анализируются и обсуждаются вопросы науки и научного мировоззрения с учетом современных международных процессов. В эпоху развития науки и техники для повышения имиджа страны на национальной и международной арене наука считается одним из эффективных средств достижения этой цели. Анализ проблемы развития мышления и научного мировоззрения в сознании молодежи показывает, что научные достижения являются важным фактором презентации страны в современное время.*

*В связи с этим, автор подчеркивая важность мышления и научного мировоззрения, отмечает, что создание и улучшение прежних условий работы с молодежью являются одним из ключевых методов. Автор также считает целесообразным в этом отношении роль национальной интеллигенции.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Лидер нации, развитие науки, образование, встреча, развитие, мышление, мировоззрение, научное*

*мировоззрение, молодежь, сознание, конкуренция, высшее образование, рыночная экономика, национальная интеллигенция, роль.*

## DEVELOPMENT OF THINKING AND SCIENTIFIC WORLDVIEW IN THE CONSCIOUSNESS OF YOUTH AS FACTOR OF SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

**SHARIFKHONZODA MOHIRA SHARIFKHON**,
Leading specialist of the Department of analysis and forecasting of
internal policy of the Center for Strategic Research under
the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tell: (+992) 918-36-21-22.

*This article analyzes and discusses issues of science and scientific worldview taking into account modern international processes. In the era of development of science and technology to enhance the image of the country in the national and international arena, science is considered one of the effective means to achieve this goal. An analysis of the problem of developing thinking and a scientific worldview in the minds of young people shows that scientific achievements are an important factor in the presentation of the country in modern times.*

*In this regard, the author, emphasizing the importance of thinking and a scientific worldview, notes that the creation and improvement of previous conditions for working with youth are one of the key methods. The author also considers the role of the national intelligentsia appropriate in this regard.*

***Keywords:*** *Tajikistan, Leader of the nation, development of science, education, meeting, development, thinking, worldview, scientific worldview, youth, consciousness, competition, higher education, market economy, national intelligentsia, role.*

**УДК: 631**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИИ ИСТЕҲСОЛОТИ КИШОВАРЗӢ

**РУСТАМ РАҲМАТЗОДА,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи таҳлили иқтисодии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
735700, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14;
тел: (+992) 907-70-89-50; e-mail: farzona070489@.ru.

**ИСМАТУЛЛОЗОДА БАҲОР,**
унвонҷӯйи Институти иктисодиёт ва системаи тадқиқоти
илмии тараққиёти кишоварзии Ҷумҳурии Точикистон
Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҳаёти Нав 306;
тел: (+992) 907-02-20-00; e-mail: farzona070489@mail.ru

*Дар мақола асосҳои назариявии сармоягузорӣ ва самтҳои афзалиноки баланд бардоштани самаранокии иктисодии истеҳсолоти кишоварзӣ дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор гирифтаанд. Муаллифон марҳалаҳои гуногуни инкишофи назарияи иқтисодиро, ки ба тағйир ёфтани мафҳуми сармоягузорӣ мусоидат кардаанд, пешниҳод кардаанд. Инкишофу рушди минбаъдаи ақидаҳои иқтисодӣ, ки нисбат ба равандҳои сармоягузорӣ дар асарҳои гуногун инъикос ёфтаанд, баррасӣ шудаанд.*

*Ҳамчун нишондиҳанда бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба мафҳумҳои бебозгашти сармоягузорӣ муфассалтар таваҷҷуҳ зоҳир карда шуд. Дар мақола тавсия дода мешавад, ки бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба мафҳумҳои бебозгашти сармоягузорӣ муфассалтар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.*

***Калидвожаҳо:*** *сармогузорӣ, самаранокии иқтисодӣ сармоягузорӣ, ҷолибияти сармоягузорӣ, рейтинги сармоягузорӣ ҷолибияти молиявӣ, қарз ва молҳои сармоягузорӣ, рушди устувор, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, баҳодиҳии рейтингӣ.*

Омили калидии рушди иқтисодӣ дар иқтисоди миллиро сармоягузорӣ ташкил медиҳад. Дар кишварҳои аз ҷиҳати саноат рушдкарда ба масъалаҳои фаъолгардонии фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи давлатӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Ин ҳамчунин бо он рабт дорад, ки

коҳиш додани фаъолнокии сармоягузорӣ дар дилхоҳ кишвари ҷаҳон ҳамчун таҳдиди ҷиддии амнияти миллӣ маънидод мегардад. Маҳз сармоягузориҳои мунтазам рушдёбандаи дорои навгониҳои моддигардонидашуда бо роҳи ташаккулёбӣ ба таъсиси истеҳсолоти рақобатпазир, натанҳо қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди истеҳсолот мебошанд, балки онҳо қобилияти таъмин намудани суръат ва сифати баланди рушди иқтисодиётро доранд [13. 65].

Сармоягузорӣ дар худ маҷмуи ҳодисаҳо ва равандҳои мураккаберо ифода мекунад, ки дар шаклҳои гуногун инъикос гардида, дар доираи сиёсати умумии иқтисодии аз ҷониби давлат ва субъектҳои хоҷагидорӣ амалишаванда рушд меёбад. Онҳо асосноккунии ҳатмии ҳаҷми зарурии сармоягузорӣ, сарчашмаҳо, сохтор ва самтҳои истифодаи онҳоро бо мақсади таҷдиди воситаҳои асосӣ ва баланд бардоштани сатҳи техникии онҳо, дар бар мегиранд. Дар баробари ин, мафҳуми “иқтисоди сармоягузорӣ” як қатор таърифҳоро дорад.

Марҳалаҳои гуногуни инкишофи назарияи иқтисодӣ ба тағйир ёфтани худи мафҳуми сармоягузорӣ мусоидат карданд. Дар асри XVII таълимоти меркантилизм хукмрон буд, ки намояндагони он бойигарии миллатро бо пул ва пулро бо филизоти қиматбаҳо муайян мекарданд. Манбаи асосии бойигарӣ  тиҷорати берунӣ ба ҳисоб мерафт, ки он ба мамлакат воридшавии пул ва мутаносибан рушди иқтисодиётро бо роҳи нигоҳ доштани тавозуни мусбати тиҷорат таъмин мекард [10].

Инкишоф ва рушди минбаъдаи ақидаҳои иқтисодӣ нисбат ба равандҳои сармоягузорӣ дар асарҳои физиократҳо инъикос ёфтаанд. Ҳамин тариқ,  муҳаққиқ Ф. Кэне, ки аввалин шуда сохтори табиию моддиро муайян намуда буд, онҳоро ба ду категория ҷудо намудааст.

Аз олимони тоҷик, ки ба таҳқиқи масъалаҳои методологияи самаранокӣ ва ҷолибияти сармоягузорӣ машғул шудаанд, Ҷ.С. Пиризода, Р.Р.Қудратов, Қ.Қ. Давлатзода, А.А. Мадаминов, Ш.Ш. Бозоров, А.Эргашев, Ф.А. Қодиров ва  ғайраро зикр кардан мумкин аст [1,3]. Масалан, мутобиқи Қонун «Дар бораи фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли маблағгузории капиталӣ» (аз 10.02.2016,№357) сармоягузорӣ–  «воситаҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, молу мулки дигар, аз ҷумла, ҳуқуқи молумулкии дорои баҳои пулӣ мебошанд, ки ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва (ё) фаъолияти дигар бо мақсади ба даст овардани фоида ва (ё) самари дигари муфид гузошта мешаванд». Сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ (воситаҳои асосӣ), аз ҷумла, хароҷот барои сохтмони нав, тавсеа, бозсозӣ ва таҷдиди таҷҳизоти техникии корхонаҳои амалкунанда, харидани мошинҳо, таҷҳизот, афзор, лавозимот, корҳои лоиҳакашию пажуҳишӣ ва  масрафи дигар сармоягузории капиталӣ номида мешавад. Ҳамин тариқ, сармоягузории

капиталӣ фақат яке аз шаклҳои сармоягузорӣ мебошад, на муродифи он, чунонки баъзан дар адабиёти илмӣ тасвир карда мешавад [11. 3-15].

Ба категорияи аввал пешпардохт (аванс)-и аввалия тааллуқ дониста шудааст, ки он хароҷоти деҳқононро дар чунин самтҳо дар бар мегирад: ба даст овардани машинҳои кишоварзӣ, биноҳо, ҳайвоноти корӣ–“фонди техникаи кишоварзӣ”, ки муҳлати гардиши он даҳ солро ташкил медиҳад.

Ба категорияи дуюм бошад, пешпардохтҳои солона тааллуқ дорад, аз ҷумла: хароҷот ба тухмӣ, кирояи коргарони кишоварзӣ ва монанди инҳо. Дар баробари ин, сармоягузорӣ ҳамчун раванди ба навсозӣ ва зиёд кардани сармоя нигаронидашуда баррасӣ гардидааст, ки бо ёрии он на танҳо амалигардони истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ амалӣ карда мешавад, балки сарвати миллӣ дар маҷмуъ, афзоиш меёбад.

Асосгузори мактаби классикии иқтисодӣ А.Смит қайд кардааст, ки натиҷаи меҳнати солонаи ҳар як халқиятро бо ду роҳ зиёд кардан мумкин аст: аз ҳисоби зиёд кардани шумораи коргарони сермаҳсул ва ё бо роҳи зиёд кардани қувваи истеҳсолии коргарони қаблан кирояшуда. Барои ноил шудан ба чунин ҳадаф бояд маблағи барои таъсиси ҷойҳои нави кории кормандон ва ё такмил додани мошину дастгоҳҳо истифодашаванда зиёд карда шавад [2, 335]. Аз ҷониби муҳаққиқи мазкур муносибати мантиқӣ муқаррар карда шудааст: сарвати халқиятҳо–шумораи коргарони истеҳсолкунанда – қувваи истеҳсолии меҳнат–ҳаҷми сармояи дар воситаҳои истеҳсолот таҷассумшуда. Дар баробари ин, ӯ сармояеро, ки барои афзун гардондани сарвати миллӣ истифода бурдан мумкин аст, номбар намудааст:

– машинаҳо ва дастгоҳҳо;

–биноҳои фоидаовар (иншоотҳо ва биноҳои истеҳсолӣ);

– воситаҳои барои баланд бардоштани сифати замин (обёрӣ, заҳбурҳо ва ғайра) нигаронидашуда;

– дониш ва молу мулки ба даст овардаи аҳолӣ ва сармояи гардон.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқ А.Смит хароҷоти барои ҷуброн кардан ё зиёд кардани сармоя равона гардидаро, ки дар шаклҳои болозикр арзи вуҷуд дорад, ба сармоягузорӣ мансуб донистааст [2, 166-335].

Инкишоф ва рушди минбаъдаи назарияи сармоягузорӣ аз ҷониби асосгузори таълимоти марксизм Карл Маркс пешниҳод гардид. Аз ҷониби ӯ равандҳои сармоягузорӣ ба сатҳҳои инфиродӣ ва иҷтимоӣ тақсимбандӣ ва мазмуну самти мақсадноки онҳо муайян карда шуда, шартҳои умумии мувозинат дар бозорҳои сармоягузорӣ ва молӣ, инчунин номувофиқ будани ҳаракати сармояи ба қарз додашавандаи «фиктивӣ», ки андӯхтани пулиро аз раванди сармоягузории воқеӣ дур мекунад, муқаррар карда шудааст [4,135].

Таҳқиқи раванди сармоягузориро ҳамчун як ҷузъи масъалаи нисбатан умумӣ–механизми амалигардонии бозори сармоя, асосгузори мактаби неоклассикии иқтисодӣ А.Маршалл анҷом додааст. Дар баробари ин, бозори сармоя бо таъсири мутақобилаи талабот ва пешниҳод муаррифӣ гардида, ба ҳайси субъектҳои бозор шахсони алоҳидае баромад мекунанд, ки барои фаъолияти худ ангезаҳои ҳавасмандгардонии гуногун доранд [4,135].

Дуюм, ҳангоми арзёбии лоиҳаҳои сармоягузорӣ омилҳои зерин бояд ба назар гирифт:

–самаранокии тиҷоратӣ (молиявӣ), ки оқибатҳои молиявии татбиқи сармоягузориро дар бар мегирад;

–самаранокии буҷетӣ, ки оқибатҳои молиявии сармоягузорӣ ба буҷетҳои маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷумҳуриявиро инъикос менамояд;

–самаранокии иқтисодии муқоисавӣ, ки бартариҳои технологӣ ва дигар афзалиятҳои лоиҳаи сармоягузории мазкурро воқеъбинона тавсиф намуда, хароҷот ва натиҷаҳои муқоисашавандаро, ки бо татбиқи ин лоиҳа дар шароити муқарраршуда алоқамананданд, ба инобат мегирад.

Сеюм, равандҳои сармоягузориро дар алоҳидагӣ аз дигар равандҳо ва ҳодисаҳои иҷтимоию иқтисодии дар иқтисодиёт ба амалоянда баррасӣ кардан номумкин аст ва ҳатто бештар аз ин, ҳангоми татбиқи онҳо бар зарари ҳамдигар - мувофиқати тарафайн зарур аст.

Дар асоси таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ, муносибатҳои методии олимони хориҷӣ ва ватанӣ, самтҳои фарққунандаи рушди ин таҳқиқоту пажуҳишҳо чунин хулоса бароварда шуд, ки тафсири илмии мафҳуми «сармоягузорӣ» бояд инҳоро инъикос намояд:

–муносибатҳои захиравию хароҷотӣ, зеро истифодаи воситаҳо ташаккули пешакии онҳоро дар назар дорад;

–фоиданокии сармоягузорӣ ҳамчун танзимгари асосии мувофиқати захираҳо ва сармоягузориҳо, ҳаҷм ва динамикаи онҳо; мавҷудияти унсурҳои хавф ва номуайянӣ дар пешгӯйии натиҷаҳо.

Дар асоси маълумоти болозикр, тахти сармоягузорӣ бояд гузориши хатарноки сармояи пулӣ ва ҷисмонӣ, инчунин, арзишҳои зеҳнӣ бо мақсади такрористеҳсоли васеи он дар объектҳои соҳибкорӣ ё фаъолияти дигар ва бо ин роҳ ба даст овардани фоида ё дар оянда ба даст овардани самараи дигари фоиданок дар соҳаи иқтисод фаҳмида шавад. Таҳқиқоти мо ба ҳамин шакли моҳияти сармоягузорӣ асос ёфтааст [5,135-255].

Сармоягузориҳо аз ҷиҳати мазмуни худ як қисми захираҳои иҷтимоӣ мебошанд, ки аз истеъмоли ҷорӣ гирифта шуда, бо интизории ба даст овардани даромади оянда ба истеҳсолот сармоягузорӣ карда мешаванд. Динамикаи сармоягузорӣ он нишондиҳандаи асосии раванди такрористеҳсолӣ буда, таносуби нисбатани умумиеро ифода мекунад, ки тибқи он ҷомеа захираҳои мавҷударо байни истеъмоли ҷорӣ ва вазифаҳои дар оянда зинда мондани худ тақсим мекунад.




*Расми 1.1.1. Таснифи фаъолияти сармоягузорӣ*

Истеҳсоли такрории омилҳои истеҳсолот, дар сурати рушди самарасохаи иҷтимоию иқтисодии он, дар шакли афзоиши миқдорӣ ва сифатӣ ба амал баровардa мешавад. Ин ба такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатӣ низ бо дарназардошти саломатӣ, дараҷаи фарҳангу маърифат ва омодагии касбии онҳо комилан дахл дорад.

Раванди сармоягузорӣ фаъолияти бисёрҷонибаи иштирокчиёни раванди такрористеҳсолӣ доир ба зиёд кардани сармояи миллат мебошад. Он бо динамикаи низоми иқтисоди бевосита алоқаманд буда, тамоми марҳалаҳои раванди такрористеҳсолкуниро (истеҳсол, тақсим, мубодила, истеъмол) маҳз аз тарафи ҳаракати неъматҳои сармоягузорӣ инъикос менамояд.

1. *Сармоягузории молиявӣ* – гузориши воситаҳо ба активҳои молиявӣ дар ду шакл:

а) сармоягузориҳои молиявии ба истеҳсолӣ нигаронидашуда, ки дар ҳаракати сармоягузориҳои воқеӣ миёнаравӣ мекунанд;

б) сармоягузориҳои спекулятивии молиявӣ, ки ба зиёд кардани пул тавассути спекулятсия дар коғазҳои қиматнок ва асъори кишварҳои гуногун нигаронида шудаанд.

Ҷудо кардани сармоягузориҳои воқеӣ ва молиявӣ яке аз хусусиятҳои асосии гурӯҳбандии онҳо мебошад. Сармоягузории воқеӣ ва молиявӣ маблағгузории захираҳо барои такрористеҳсоли одӣ ва васеи фондҳои асосии истеҳсолӣ, инчунин, ҳама навъҳои сармоягузорӣ ба арзишҳои сармоявии фаъолияти истеҳсолӣ дар соҳаи истеҳсолоти ғайримоддӣ мебошад.

2. Аз рӯйи хусусияти иштирок дар сармоягузорӣ:

–*Сармоягузории мустақим* иштироки бевоситаи сармоягузор дар интихоби объектҳои сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ мебошад. Дар минтақа сармоягузории воқеиро баъзан сармоягузории мустақим меноманд, ки бо истилоҳоти амрикоӣ мухолиф буда, мутобиқи он сармоягузории мустақим сармоягузорӣ ба ширкате маҳсуб меёбад, ки он 10%-и сармояи онро ташкил медиҳад. Агар сухан дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ равад, пас дар амалияи ҷаҳонӣ ба сармоягузории мустақим сармоягузориҳоеро таалluқ медонанд, ки зиёда аз 25%-и сармояи ширкатро ташкил медиҳанд.

Дар гурӯҳи сармоягузориҳои воқеӣ навъҳои зерини сармоягузориро ҷудо кардан мумкин аст:

–сармоягузориҳои ба сохтмони нав ва васеъ кардани иқтидорҳои истеҳсолӣ,

–таҷдид ва аз ҷиҳати техникӣ аз нав мусаллаҳ гардондани истеҳсолоти мавҷуда;

–бозпасгардии маблағи таҷҳизот,

–ба бино ва иншоотҳои азкормонда нигаронидашуда.

Сармоягузории мустақим асосан аз ҷониби сармоягузорони омӯзонидашуда амалӣ карда мешавад, ки дар сатҳи кофӣ доир ба объекти сармоягузорӣ маълумоти дақиқ доранд, механизми сармоягузориро хуб медонанд ва чун қоида дар ин самт таҷрибаи ғанӣ доранд.

–*Сармоягузории ғайримустақим* сармоягузорие мебошанд, ки тавассути миёнаравҳои сармоягузорӣ ё дигар миёнаравҳои молиявӣ миёнаравӣ мекунад.

3. Аз рӯйи давраҳои сармоягузорӣ:

–*Сармоягузории кӯтоҳмуддат* – сармоягузорӣ ба муҳлати на бештар аз як сол мебошад *(масалан, пасандозҳои кӯтоҳмуддат, харидорӣ намудани сертификатҳои амонатии кӯтоҳмуддат ва ғайра)*.

–*Сармоягузории дарозмуддат* – сармоягузориҳое мебошанд, ки барои

маблағгузорӣ ва таъсису афзоиш додани андоза ва ҳамчунин ба даст овардани активҳои ғайригардон ба муддати тулонӣ (зиёда аз як сол) истифода бурда мешаванд, ки таъйиноти ғайритиҷоратӣ доранд.

4. Аз рӯйи навъи моликияти захираҳои сармоягузорӣ:

–*Сармоягузории хусусӣ*–сармоягузорие мебошад, ки аз ҷониби шаҳрвандон, инчунин, субъектони соҳибкории шакли моликияти ғайридавлатӣ амалӣ мегардад;

–*Сармоягузории давлатӣ*–маблағгузорие мебошад, ки аз ҷониби мақомоти идораи ҳокимияти давлатии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, фондҳои ғайрибуҷетӣ ва маблағҳои қарзӣ, инчунин аз ҷониби корхонаю муассисаҳои давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва қарзӣ анҷом дода мешавад;

–*Сармоягузориҳои хориҷӣ*–ҳама намудҳои амвол ва дороиҳои зеҳние мебошанд, ки аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар хелҳои фаъолият бо мақсади ба даст овардани даромад сармоягузорӣ карда мешаванд. Сармоягузорони хориҷӣ метавонанд шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, давлатҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ бошанд.

5. Аз рӯйи хусусиятҳои минтақавӣ:

–*Сармоягузорӣ дар дохили кишвар (сармоягузории дохилӣ)*– маблағгузорӣ ба объектҳои сармоягузорие, ки дар ҳудуди кишвар ҷойгиранд;

–*Сармоягузорӣ ба хориҷа*–маблағгузорӣ ба объектҳои сармоягузорие, ки берун аз қаламрави кишвар ҷойгиранд.

Таснифи дар боло овардашудаи фаъолияти сармоягузорӣ, ба андешаи мо, хусусиятҳои нисбатан муҳимтарини онро инъикос мекунад ва дар ҳолати зарурӣ вобаста ба ҳадафҳои илмӣ, таҳқиқотӣ, соҳибкорӣ ва дигар ҳадафҳо аниқ ва васеътар карда шавад.

Ҳамин тариқ, хулосаи муаллиф чунин аст, ки вобаста ба маълумоти болозикр ва бо дарназардошти хусусиятҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба мафҳумҳои бебозгашти сармоягузорӣ муфассалтар таваҷҷӯҳ кард. Бояд ба таври возеҳ ва равшан кард, ки хароҷоти сармоягузорӣ бо хароҷоти бебозгашт ва сармоягузорӣ–бо раванди бебозгашт чӣ кор мекунад. Хароҷоти сармоягузорӣ дар ҳолате ба хароҷоти бебозгашт табдил меёбанд, агар онҳо ба корхона, истеҳсолот ё ширкати мушаххас равона карда шаванд. Бинобар ин, қисми зиёди сармоягузориҳо дар ақидаҳои маркетингии таблиғи молу маҳсулот ба истеҳсолот ё як ширкати мушаххас нигаронида шудаанд ва онҳо наметавонанд бозпас гарданд, яъне хароҷоти бебозгашт мебошанд. Аз тарафи дигар, корхонаи кишоварзӣ ё коркард – истеҳсолкунандаи мушаххаси мол аст. Азбаски

чунин корхонаро ба молик (соҳиб)-и дигар фурӯхтан мумкин аст, хароҷоти сармоягузорӣ дар ин ҳолат ҷуброн карда мешавад. Барои муайян намудани самаранокии (даромаднокии) сармоягузориҳо як қатор усулҳои ҳисобкунӣ таҳия шудаанд, ки дар байни онҳо инҳоро метавон ҷудо кард:

–усули арзиши ҷорӣ, ки ҳисоб кардани тамоми воситаҳои воридотиро бо нархҳои ҷорӣ ва муқоисаи онҳоро бо ҳаҷми сармоягузорӣ ифода мекунад;

–усули даромаднокӣ (ҷуброн)-и маблағгузорӣ, ки мутобиқи он вақти барои ҷуброни арзиши аслии сармоягузорӣ зарурӣ ҳисоб карда мешавад.

## АДАБИЁТ


1. Рахматзода Р., Кудратова Ф.Р. Инвестиции в сельское хозяйство Таджикистана: эффективность, направления и перспективы: монография // Душанбе: Инфорн, 2021. с.-160 (3.11).

2. Кейнс Д. Общая теория занятости, процента и денег: //Кейнс Д. – М.:1948. - 778 с.

3. Гитман Л.Дж., Джонк М.Д. Основы инвестирования: // Гитман Л.Дж., Джонк М.Д. Пер. С англ. М.: Дело, 1997. - 187 с.

4. Смит А. Исследование о природе и причинах богатства народов Антология экономической классики:// Смит А. Собр. соч.: В 2 т. - Т. 1 – М., 1991. -474 с.

4. Зарук Н.Ф. Экономические проблемы инвестиций в АПК, М.:-2004.-340с.

5. Фишер С., Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Экономика: // Фишер С.,

6. Дорнбуш Р., Шмалензи Р. Пер. С англ. Со 2-го изд. - «Дело ЛТД», М.: 1993. -264с.

7. Эпштейн Д.Б. Управление крупными сельскохозяйственными предприятиями и их эффективность [На примере Ленинградской обл.] Экономика сельскохозяйственных и перерабатывающих предприятий: // Эпштейн Д.Б. N 3. М.: - 2005. с. – 204 .

8. Петриков А.В., Узун В.Я., Максимов А.Ф., Могилевцев В.И., Шагайда Н.И., Янбых Р.Г. и др., Механизмы устойчивого сельского развития. Часть 1. Обеспечение занятости и повышение доходов сельского населения: Методическое пособие, // Петриков А.В., Узун В.Я., Максимов А.Ф., Могилевцев В.И., Шагайда Н.И., Янбых Р.Г. и др., ФЕНУ «Росинформагро- тех», Москва, 2003. С-273.

9. Татевосян Г.М. Обоснование эффективности капитальных вложений с использованием методов оптимизации: //Татевосян Г.М. Экономика и математические методы, 1997.-№12. –С.68-73.

10. Закона «Об инвестиционной деятельности в Республике Таджикистан» от 11.02.2016, №357.

11. Дж. Кейнс Общая теория занятости, процента и денег: // Дж. Кейнс – М.: ИНФРА- М.:2008. – С.572

12. Э.И Крылов, В.М Власова, М.Г. Егорова и др. Анализ финансового состояния и инвестиционной привлекательности предприятия учеб. Пособ./- М.: Финансы и статистика, 2003. –С.192.

# ТЕОРЕТИЧСЕКИЕ ОСНОВЫ ИНВЕСТИЦИЙ И ПРИОРИ–ТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ЭФФЕКТИВНОСТИ СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОГО ПРОИЗВОДСТВА

**РУСТАМ РАХМАТЗОДА,**
доктор экономических наук, профессор кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета
735700, Таджикистан, город Душанбе, улица Нахимова 64/14;
тел: (+992) 907-70-89-50; e-mail: farzona070489@.ru.

**ИСМАТУЛЛОЗОДА БАХОР,**
соискатель Института экономики и системных исследований сельскохозяйственного развития Республики Таджикистан
Таджикистан, г. Душанбе проспект Хаёти Нав 306;
тел: (+992) 907-02-20-00; e-mail: farzona070489@mail.ru

*В статье рассмотрены теоретические основы инвестирования и приоретитные направления повышения экономической эффективности сельскохозяйственного производства в аграрном секторе республики. Высказано предположение, что разные этапы развития экономической теории способствовают изменению самого понятия инвестиций. В статье рассмотрено дальнейшее развитие экономических представлений об инвестиционных процессах. В качестве индикатора, учитывая особенности инвестиционной деятельности в Республике Таджикистан, более детальное внимание уделено понятиям необратимого инвестирования. В статье рекомендуется, учитывая особенности инвестиционной деятельности в Республике Таджикистан, необходимость уделения большого внимания понятиям необратимого инвестирования.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, экономическая эффективность инвестиций, инвестиционная привлекательность, рейтинг инвестиционной привлекательности финансовые, кредитные и товарные инвестиции, устойчивое развитие, свободные экономические зоны, рейтинговая оценка.*

# THEORETICAL BASES OF INVESTMENTS AND PRIORITY DIRECTIONS OF INCREASING ECONOMIC EFFICIENCY OF AGRICULTURAL PRODUCTION

**RUSTAM RAHMATZODA,**
Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Analysis, Tajik State University of Finance and Economics
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov str. 64/14;
tell: (+992) 907-70-89-50; e-mail: farzona070489@.ru.

**ISMATULLOZODA BAHOR,**
Applicant of the institute of economics and system research of agricultural development of the Republic of Tajikistan
Tajikistan, Dushanbe city, Hayoti Nav avenue, 306;
tell: (+992) 907-02-20-00; e-mail: farzona070489@mail.ru

*The article examines and evaluates the theoretical foundations of investments and priority areas for improving the economic efficiency of agricultural production in the agricultural sector of the republic. The authors proposed various stages in the development of economic theory, which contributed to a change in the concept of investment. The further development of economic views, which are reflected in various works in relation to investment processes, are considered.*

*As an indicator, taking into account the specifics of investment activity in the Republic of Tajikistan, attention should be paid in more detail to the concepts of irreversible investments. The article recommends that, taking into account the specifics of investment activity in the Republic of Tajikistan, the concepts of irreversible investments should be considered in more detail.*

***Keywords:*** *investments, investment policy, investment attractiveness, rating of investment attractiveness, financial, credit and commodity investments.*

УДК: 332. 556. 620. (575,3)

# МЕТОДОЛОГИЯИ ТАҲҚИҚ ДАР НИЗОМИ АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБИЮ ЭНЕРГЕТИКӢ

**ИСАЙНОВ ҲИСАЙН РАҲИМОВИЧ,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултаи иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буниҳисорак;
тел: (+992) 918-40-61-42; e-mail: Rakhimovich@mail.ru

**МАҲМУДОВ БАҲРИДДИН НУРИДДИНОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ
735360, Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16;
тел: (+992) 918-96-43-00; e-mail: bahriddin-7@mai.ru;

*Дар мақолаи мазкур равишҳои асосии баҳогузории самаранокии истифодабарии устуворонаи захираҳои обу энергетикӣ ба риштаи баҳс кашида шудаанд. Ҷанбаҳои назариявии баҳогузории самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ асоснок карда шудаанд. Дар робита ба ин, нишондиҳандаҳои гуногуни баҳогузории рушди устувор, ки СММ ва як қатор кишварҳои пешрафта пешниҳод намудаанд, таҳлил карда шудаанд. Қайд карда шудааст, ки индикаторҳои рушди устувор, бо вуҷуди фарогир ва муҷтамаъ буданашон, наметавонанд аз таъсири субъективияти баҳогузорӣ комилан хориҷ бошанд. Зеро дар аксари ҳолатҳо манфиатҳои як тарафро инъикос менамоянд ва мувофиқан, боиси баҳсҳои тарафҳои мухталиф мешаванд. Такомули назарияи баҳогузорӣ дар чанд соли охир натиҷаҳои мусбатеро дар ин самт (яъне дар самти аз таъсири субъективӣ хориҷ намудани низоми баҳогузорӣ) ба даст овардааст. Яке аз пойгоҳҳои методологие, ки то андозае дар ин самт пешрафт кардааст, назарияи истифодабарии мутавозини захираҳои табиӣ мебошад. Тавозун дар байни нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар назар дошта мешавад. Дар мақолаи мазкур афзалиятҳо ва камбудиҳои назарияи мазкур дар мисоли захираҳои обию энергетикӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллифон кӯшиш намудаанд, ки дар асоси методикаҳои маъмули таъмини тавозуни нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, усули навро, ки фарогири таъсири омилҳои геоиқтисодӣ, геоэкологӣ ва геоиҷтимоӣ мебошад, пешниҳод намоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *захираҳои табиӣ, рушди устувор, баҳогузорӣ, самаранокӣ, индикаторҳои рушд, назарияи тавозун, захираҳои обу энергетикӣ, муҳити геоиқтисодӣ, геоэкологӣ ва геоиҷтимоӣ.*

Дар назария ва методологияи истифодабарии самараноку устуворонаи захираҳои обиву энергетикӣ мавқеи махсусро равишҳои баҳогузорӣ ин раванд ба худ ихтисос додаанд. Бояд гуфт, ки консепсияи рушди устувор низоми куллие мебошад, ки дорои принсипҳо ва индикаторҳои баҳогузории равандҳои муайяни иқтисодию иҷтимоӣ аст. Яъне ин консепися ниёз ба коркарди усулу равишҳои нав надорад, аммо бо таваҷҷуҳ ба ҳолатҳои хос зарурати равшанӣ андохтан ба равишҳо ва усулҳои баҳогузории ин ё он шакли истифодабарии захираҳои табиӣ пеш меояд.

Бояд гуфт, ки зарурати баҳогузории самаранокии истифодабарии устуворонаи захираҳои табиӣ ва аз ҷумла захираҳои обу энергетикӣ, бо он асоснок карда мешавад, ки ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ, интихоби гузинаҳои оқилонаи сармоягузорӣ, муҳлати татбиқи ин ё он лоиҳа ва амсоли он ба иштибоҳ роҳ дода нашавад. Аз тарафи дигар, натиҷаҳои баҳогузорӣ барои муқоисаи дараҷаи инкишоф дар давраҳои муайян, барои ба назар гирифтани масири ояндаи рушд, бартараф намудани камбудиҳо, такмили механизми рушди соҳа ва беҳтар намудани сифати амалиёти идоракуниву танзими равандҳои истеҳсол, мубодила ва фурӯши маҳсулот истифода мешаванд.

Назарияи баҳодиҳӣ аз пайдоиши инсон дар сайёраи Замин сарчашма мегирад, зеро тибқи як далели собитшуда, дар таҳқиқоти фалсафӣ назарияи баҳодиҳӣ дар генезиси худ хусусияти иҷтимоӣ дорад. Инро бо он шарҳ медиҳад, ки ҳангоми амалӣ намудани ғаризаҳои асосии худ, яъне ҳифзи насл инсон ба таври интуитивӣ ва бешуурона баъзан ҳамеша аз тариқи раванди баҳодиҳӣ (муқоиса) бо дигарон саъй ва кӯшиш мекард, ки арзиши манфиати шахсии худро дарк намояд. Масъалаи «таваллуд»-и назарияи арзиш дар якҷоягӣ бо шахс қисман мухолиф аст, зеро ҳар як объект, новобаста аз шахс ва предмети баҳодиҳӣ, як навъ арзиши дохилӣ дорад, ки онро сохтори мафҳуми арзиш исбот мекунад [16, 6].

Таърихи таълимоти иқтисодӣ шоҳиди он аст, ки дар ибтидои баҳодиҳии иқтисодӣ аввал арзиши иҷтимоӣ бештар ба назар гирифта мешуд. Ин меъёр (меъёри иҷтимоӣ) дар азхудкунӣ ва истифодаи захираҳои замин, баъдан захираҳои сӯзишворӣ ва энергетикӣ, захираҳои маъданӣ, тадриҷан бо дигар навъҳои захираҳо ба унвони маҳаки асосӣ қабул шуда буд. То ин, ки батадриҷ ҷанбаи экологӣ ба унвони меъёри калидии баҳогузории самаранокии истифодабарии тамоми неъматҳои табиӣ қабул шуд, ки асоси консептуалии он дар доираи назарияи хизматрасонии

экосистемавӣ ташаккул ёфт. Дар заминаи он консепсияи рушди устувор ба миён омад.

Бузургтарин форумҳои Созмони Милали Муттаҳид дар Рио-де-Жанейро (1992) ва Йоханнесбург (2002) ба масъалаҳои рафъи буҳрони экологӣ ва иҷтимоӣ ва роҳҳои гузариши инсоният ба навъи рушди устувор бахшида шуда буданд. Аз дидгоҳи назариявӣ, хулосаи муҳимми санадҳои СММ муқаррарот дар бораи зарурати тағйир додани модели иқтисодии рушд барои ҳамаи кишварҳои ҷаҳон–кишварҳои пешрафта, рӯ ба тараққӣ ва иқтисоди дар ҳоли гузариш буд. Консепсияи рушди устувор тайи ду даҳсолаи охир дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва бисёр кишварҳо ба таври умум пазируфта шуд.

Бо вуҷуди ин, дар коркарди нишондиҳандаҳои (меъёрҳои, маҳакҳои) баҳогузории истифодабарии захираҳои табиӣ баҳсҳои илмӣ ба таври густурда идома доранд. Пайдоиш ва рушди консепсияи рушди устувор ба бисёр суолҳои ин баҳс ҷавоби қонеъкунанда дода тавонист, вале камбудиҳои баҳогузории субъективиро натавонист бартараф намояд. Аз ин рӯ, ин баҳс то ҳол идома дорад ва бо васеътар шудани имкониятҳои инсон дар самти истифодаи захираҳои табиӣ тезутундтар мешавад. Ба таври умум, зарурати таҳияи равишҳои нави андозагирӣ ва арзёбии истифодаи захираҳои табиӣ бо таваҷҷуҳ ба пешрафти илмию техникӣ ва рушди системаҳои иқтисодӣ то рафт мубрамияти тоза касб мекунад.

Ҳадафҳои рушди устувор, ки муқаррароти асосии он дар санадҳои СММ таҷассум ёфтааст, ислоҳоти ҷиддиро талаб мекунад. Мисоли равшани он баҳсҳои байнидавлатӣ дар истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, минҷумла, обҳои байнисарҳадӣ ба ҳисоб меравад. То имрӯз дар соҳаи таҳия ва истифодаи нишондиҳандаҳои рушди устувор, ки сатҳи ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташударо инъикос мекунанд ва барои пешгӯйӣ ва идоракунии ин раванд заруранд, таҷрибаи ғание ҷамъ оварда шудааст, аммо, ба назари мо, пурра ва кофӣ нест. Вобаста ба шароити кишварҳои гуногун (минтақаҳои гуногун), ин нишондиҳандаҳо мутобиқшавиро талаб мекунанд.

Нишондиҳандаҳои мазкурро "индикаторҳои рушд" ном мебаранд ва онҳо барои ҳаллу фасли вазифаҳои зерин заруранд: муайян намудани максадҳои мушаххаси сиёсати ичтимоию иктисодӣ ҷиҳати гузариш ба рушди устувор ба маънои миқдории ин мафҳум; таҳияи стратегияҳо (энергетикӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ) барои рушди оянда; пешгӯйии самараи чорабиниҳои пешбинишуда; мониторинги ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор; арзёбии пешрафтҳои бадастомада; маълумот барои банақшагирӣ ва қабули қарорҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор ва ғайра.

Комиссияи СММ доир ба рушди устувор системаи мукаммали нишондиҳандаи рушди устуворро таҳия кардааст, ки аз 132 индикатор иборат мебошад. Онҳо ба чаҳор гурӯҳ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва институтсионалӣ) тақсим шудаанд. Ин нишондиҳандаҳо аз рӯйи самти мақсаднок ба се категория тақсим мешаванд:

1. Нишондиҳандаҳое, ки қувваи пешбарандаи фаъолият, равандҳо ва хусусиятҳои инсонро тавсиф мекунанд, ки ба рушди устувор таъсир мерасонанд.

2. Нишондиҳандаҳои ҳолате, ки вазъи кунунии ҷанбаҳои гуногуни рушди устуворро тавсиф мекунанд.

3. Нишондиҳандаҳои вокуниш, ки имкон медиҳанд вокуниши сиёсӣ ё дигар вокунишҳо барои тағйир додани ҳолати кунуниро дошта бошанд [13, 86].

Аз солҳои 90-ум то ба ҳол системаи нишондиҳандаҳои экологии Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) низ маъмул гаштааст, ки ба он 30 кишвари аз ҷиҳати иқтисодӣ пешрафтаи Аврупо, Амрикои Шимолӣ ва минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором дохил мешаванд. Нишондиҳандаҳои ин система барои таъмини ноил гардидан ба ҳадафҳои зерин истифода мешаванд: *мониторинги пешрафти нишондиҳандаҳои экологӣ; ҳамгироии беҳтари манфиатҳои экологӣ ба сиёсати соҳавӣ ва иқтисодӣ.* Ин нишондиҳандаҳо ба модели “фишор–ҳолат–вокуниш” (ФҲВ) асос ёфтаанд, ки ба таъсиси робитаҳои сабабу натиҷа байни фаъолияти иқтисодӣ ва шароити экологӣ ва иҷтимоӣ кумак мекунанд ва ба тасмимгирандагону ҷомеа дар муайян кардани робитаи байни ин соҳаҳо ёрӣ мерасонанд. Яъне баҳсҳои субъективии ба миён омадаро танзим мекунанд.

Низоми нишондиҳандаҳое, ки барои беҳтар кардани идоракунии муҳити зист дар Амрикои Марказӣ таҳия шудаанд, чор навъро дар бар мегирад: *фишор, ҳолат, таъсир, вокуниш* [17]. Нишондиҳандаҳое, ки соҳаҳои иқтисодӣ, экологӣ, иҷтимоӣ, экологию иқтисодӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, иҷтимоию экологӣ ва таъсири мутақобилаи онҳоро инъикос менамоянд, дар шакли системаҳои иттилоотии ҷуғрофӣ муаррифӣ шудаанд, ки истифодаи онҳоро ба таври дастури аёнӣ дар раванди банақшагирӣ ва қабули қарорҳо осон мекунад. Инчунин, нишондиҳандаҳо аз рӯйи масъалаҳои асосии рушд сохторбандӣ шудаанд: истифодаи замин, буридани ҷангал, истеъмоли оби тоза, инфрасохтор, офатҳои табиӣ ва ғайра.

Гурӯҳи дигаре низоми индикаторҳои истифодабарии мутавозини захираҳои табииро пешниҳод кардаанд. Назарияи мазкур ҳамгироии индикаторҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро чун асоси баҳогузории рушди устувор ва самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ, ифода мекунад. Онро ба таври нақшавӣ чунин пешниҳод намудаанд (расми 1).

Мувозинат дар ин мавриди ҳифзи неруи табиӣ, нигоҳ доштани мувозинати байни истифодаи захираҳои табиӣ ва такрористеҳсолкуниро дар назар дорад. Ҳангоми истифодаи захираҳои табиӣ, сармояи табиӣ кам шуда, сармояи истеҳсолӣ зиёд мешавад. Дар робита ба захираҳои табиии барқароршавандаи биологӣ, такрористеҳсол метавонад табиӣ ва сунъӣ бошад. Шарти тавозун чунин шакл дорад:

$$И \leq В \ \mathbf{(1)}$$

Дар инҷо: И–истифодабарии захираҳои табиӣ; В–такрористеҳсоли захираҳои табиӣ. Яъне такрористеҳсоли захираҳои табиӣ ва ё барқароршавии онҳо бояд аз ҳаҷми истифодабариашон зиёд бошад, ё ҳадди ақал ба он баробар бошад. дар шароити такрористеҳсоли босуръат таносуб ба таври зерин ифода мешавад.

$$В > И \ \mathbf{(2)}$$

Дар замони шуравӣ ҳамин таносуб шакли зеринро дошт:

$$И < \mathbf{2}В \ \mathbf{(3)}$$

Дар мавриди захираҳои барқарорнашаванда (минералӣ) формула шакли зеринро мегирад.

$$И \geq В \ \mathbf{(4)}$$




***Расми 1*** *Таъмини истифодабарии мутавозини захираҳои табиӣ [15, с.12].*

Чунин хусусияти идоракунии мутавозини муҳити зист дар асарҳои В.Г.Игнатов, А.В.Кокин ва Л.А.Батурин [3,4,5] инъикос шудааст, ки дар онҳо муаллифон идоракунии мутавозини муҳити зистро аз рӯйи қобилияти барқарорсозии табиат муайян мекунанд. Онҳо натанҳо сифати муҳити зист, балки сифатҳои барқароршавии захираҳоро низ ба назар мегиранд. Минбаъд ҳангоми тавзеҳи қонунияти идоракунии мутавозини муҳити зист ба онислоҳот дар шакли ба инобат гирифтани иқтидори азхудкунии минтақаи муайян ворид карда мешавад, ки дар доираи он шароити идоракунии мутавозини муҳити зист амалӣ мегардад. Шарти идоракунии мутавозини муҳити зист дар ин ҳолат муодилаи зеринро пешбинӣ мекунад:

**ТЭР = (ТВПР + ТВКС) х АПР (5)**

Дар ин ҷо:

ТЭР–суръати рушди иқтисодӣ; ТВПР–суръати такрористеҳсоли захираҳои табиӣ; ТВКС–суръати такрористеҳсоли сифати муҳити зист; АПР – потенсиали азхудкунии табиат аст, ки дар шароити фишори назаррас ба муҳити беруна ҳамеша аз 1,0 камтар аст.

Мувофиқи таносуби мазкур ТЭР дар доираи нигоҳ доштани иқтидори азхудкунии табиӣ дар як сол набояд аз 0,5 дарсад зиёд бошад. Ин ҳолат аз ҳисоби иқтидори азхудкунии табиат барқарор гардидани сарватҳои табиӣ ва муҳити зистро таъмин менамояд. Аз таърифи мазкур бармеояд, ки суръати афзоиши тараққиёти иқтисодиёт бояд хусусияти ҷубронпазир дошта бошад, яъне афзоиши онҳо афзоиши такрористеҳсолкуниро низ муайян кунад. Гузашта аз ин, зарфияти азхудкунӣ ҳар қадар устувор бошад, арзиши тарҳҳо барои такрористеҳсол ва ТЭР ҳамон қадар зиёд мешавад. Тазоди инкишофи ҷомеаи инсоният дар замони муосир ҳам, дар ҳамин нукта ифода меёбад: *рушди иқтисодӣ бамаротиб аз раванди барқароршавии неъматҳои табиӣ суръати бештар дорад.* Яъне тавозун байни индикаторҳои экологии рушд, аз як тараф ва индикаторҳои иқтисодию иҷтимоӣ, аз тарафи дигар, риоя намешаванд.

Тавозуни ҳадафҳои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ҳам истифодаи равиши иҷтимоию иқтисодиро дар идоракунии муҳити зист ва ҳам равиши геоэкологӣ ва иҷтимоию иқтисодиро пешбинӣ мекунад. Ин равиш имкон медиҳад, ки мафҳуми рушди устувор аз ҳудуди ҷуғрофии як кишвар фаротар баррасӣ шавад. Гумон меравад, ки ин равишҳо ҳамоҳангсозии ҳадафҳои зерсистемаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро таъмин намуда, мувозинати байни натиҷаи (таъсири) иқтисодӣ ва зарари иқтисодии аз оқибатҳои экологӣ ва иҷтимоӣ расонидашударо таъмин мекунанд. Аммо механизми ягонаи тавофуқи байнидавлатӣ нисбат ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои обию энергетикӣ, вуҷуд надорад.

Дар сатҳи минтақаҳои алоҳидаи кишвар (яъне як кишвар) усуле, ки муҳаққиқ Н.П.Голубеская пешниҳод намудааст, қобили таваҷҷуҳ мебошад [2]. Дар он таносуби рушди устворро аз мавқеи тавозуни омилҳои умумии рушд (захиравӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ) дар як минтақаи мушаххас баррасӣ карда мешавад. Дар равиши мазкур шартҳои мувозинат инҳоянд:

$$\sum_{i=1}^{n} Pi = \sum_{a=1}^{m} Econa = \sum_{b=1}^{i} Cb = \sum_{d=1}^{c} Ecold, \qquad (6)$$

Дар ин ҷо: ки дар он Pi – омили i-уми аст, бо i = 1…n; Econa – омили a-юми иқтисодӣ мебошад дар ҳолати a…м; Cb – б–омили иҷтимоӣ дар ҳолати бо b… l; Ecold – омили экологии d-ум аст дар ҳолати бо d… g.

Таносуби мазкур барои таъмини мувозинат шарти асосии аксиоматикиро дар назар дорад: агар ҳар як система мутавозин бошад, идоракунии муҳити зистро метавон мутавозин муайян кард. Мувозинат, дар тафсири муаллиф (яъне дар тафсири Н.П. Голубеская), истифодаи аз ҷиҳати экологӣ устувор ва аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки захираҳои табиӣ мебошад, ки ноил шудан ба мувозинатро дар қонеъ кардани манфиатҳои динамикии дорои хусусиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар бар мегирад. Аммо, чуноне, ки гуфтем, ин равиш барои як минтақаи хос аст, ки аз тарафи як мақомоти давлатӣ идора мешавад ва раъйи тарафҳои дигари манфиатдорро инъикос намекунад.

Гурӯҳи дуюм аз равишҳои методологии таъмини мувозинат иборат аст, ки ба арзёбии зарфиятҳои як низоми (зернизомҳои) иқтисодӣ нигаронида шудаанд. Ин равиш, ки инкишофи мутаносиби зерсистемаҳои экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳудудро инъикос мекунад, аз ҷониби муҳаққиқ Г.А. Гершонок таҳия шудааст [1]. Татбиқи амалии тавсияҳои методӣ баҳодиҳии сатҳи истифодабарии иқтидори экологӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа мебошад.

Батадриҷ зарурати таъмини мувозинат аз марзҳои маъмулӣ берун мешавад. Мувозинат, ҳоло ҳамчун мувозинат дар замон ва фазо, яъне мувозинати манфиатҳо аз нуқтаи назари наслҳои зинда ва оянда ва аз мавқеи манфиатҳои аҳолии ҷаҳон, кишварҳо ва қаламравҳо ҷудо карда мешаванд. Мувозинат, инчунин, дар доираи блокҳои алоҳидаи иқтидори захираҳои табиӣ (захираи канданиҳои фоиданок, замин, об, биоресурсҳо), тавозуни байнисистемавӣ–ҳифзи захираҳо, партовҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Мувозинат аз рӯйи маънои иқтисодии худ, аз ҷумла принсипи пардохти истифодабарандагони захираҳои табииро барои барқароршавии ҳудуди барои фаъолияти онҳо зарарнокшуда дар назар дорад.

Мувозинатро дар фаъолияти иқтисодӣ бо нигаҳдории системаҳои табиӣ дар асоси муқаррароти (принсипҳои) зерин таъмин кардан мумкин аст:

–тамоми системаҳои табиӣ динамикӣ буда, дахолати антропогенӣ боиси ноустувории онҳо мегардад;

– истифодаи оқилонаи захираҳои табиии барқароршаванда;

– ҷуброни пулӣ барои зарар ба сарватҳои табиӣ.

Мақсад ва вазифаҳои идоракунии мутавозини муҳити зист:

– мутаносиби ҷойгиркунии соҳаҳои истеҳсолот;

–муайян намудани самтҳои дахлдори истифодаи захираҳои табиӣ вобаста ба хосиятҳои онҳо;

– ташкили муносибатҳои байни соҳаҳо ҳангоми тақсими захираҳои табиӣ:

– рафъи таъсири зараровар ба захираҳои табиӣ, пешгирии олудашавии он дар натиҷаи фаъолияти антропогенӣ;

– мураккабии истифодаи захираҳои табиӣ;

– муҳайё намудани шароити солими зисти одамон ва олами ҳайвонот;

– рафъи ҷузъҳои зараровaре, ки табиатан дар он мавҷуд аст ё ба он ворид намудани он ҷузъҳои дар таркиби он зарурӣ буда, вале камчин ҳастанд;

– барқароркунии сунъии муҳити табиӣ.

Барои ҳалли мушкилоти идоракунии мутавозини идоракунии муҳити зист ва гузариш ба стратегияи рушди устувор, модели муосир бо дарназардошти тавозуни байни суръати рушди иқтисодӣ ва суръати такрористеҳсоли захираҳои табиӣ бо таваҷҷуҳ ба зарфияти азхудкунии табиат пешниҳод карда мешавад. Ин модели синергетикӣ (бо дарназардошти синергетикии захираҳои табиӣ ва муҳити зист дар доираи ягонагии пурраи экологии онҳо) аз ҷониби муаллифони рус [ниг.: 15, 19]. пешниҳод шудааст ва қонуни идоракунии мутавозини муҳити зист номида мешавад:

$$T=(t_1+t_2) \times a, \quad (7)$$

Дар ин ҷо: Т – суръати рушди иқтисодӣ (% афзоиши ММД); $t_1$ – тарҳҳо барои такрористеҳсоли захираҳои табиӣ (% ҳиссаи афзоиши ММД); $t_2$ – тарҳҳо барои такрористеҳсоли сифати муҳити зист (% аз ҳиссаи афзоиши ММД); а – арзиши беандозаи зарфияти азхудкунӣ, барои захираҳои табиии аз ҷониби одамон ҳанӯз истифоданашуда (дастназада), а $\leq$ 1,0 барои табиат таҳти таъсири фаъолияти иқтисодии инсон буда, а камтар аз 1,0 аст.

Албатта, ин усул як усули комплексӣ аст, аммо истифодаи он барои обҳои байнисарҳадӣ мушкил мебошад. Дар таҳқиқоти олимони тоҷик, аз

ҷумла Ҳ.А. Одинаев, Х.Р. Исайнов, А.Д. Аҳророва, У.Кимсанов, С.Т. Наврӯзов, А.С. Мусинов, С.С. Саидов ва дигарон, то андозае баҳогузории мутавозини истифодабарии обҳои байнисарҳадӣ (таъйиноти энергетикӣ дошта) ба доираи баҳс кашида шудаанд.

Муҳаққиқи тоҷик Ҳ.А.Одинаев бештар нишондиҳандаи ҷуброни иқтисодиву экологии обистифодабариро дар минтақа таҳқиқ кардааст. Ба андешаи ӯ вақте ки сухан дар бораи механизми иқтисодии истифодаи об дар сатҳи миллӣ меравад, пас, албатта, ҳар як давлат ҳуқуқ дорад мустақилона масъалаи ҷорӣ намудани воситаҳои иқтисодӣ ва дигар воситаҳои танзими истифодаи захираҳои обро ҳал кунад. Аммо дар баробари баромадан аз ҳудуди миллӣ, ҳатман саволе ба миён меояд, ки зарурати баррасии оқилона ва одилонаи ниёзҳои кишварҳои дигар (водӣ) ва ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ аз муносибатҳои байнидавлатии об дар асоси ташаккули механизми ҷуброни экологию иқтисодӣ мебошад [14, 5].

Пажуҳиши муҳаққиқ С.Т.Наврӯзов ба таҳияи моделҳои математикии идоракунии обанборҳо, ҳавзаҳои фаромарзӣ ва модулҳои иқтисодии арзёбии истифодаи захираҳои об, аз ҷумла модулҳои банақшагирии минтақаҳо ва арзёбии нархи об, асос ёфтааст. Ба гуфтаи ӯ, «яке аз равишҳои муассир дар истифодаи захираҳои оби фаромарзӣ ин дарёфти роҳҳои созиш барои ҳамаи кишварҳои ҳавзаи фаромарзӣ мебошад. Ин бархӯрд даст кашидан аз тақсими об ҳамчун мол (бархӯрди ҳуқуқӣ) ва гузаштан ба тақсими одилонаи об бо таваҷҷуҳ ба фоидаи аз истифодаи он бадастомадаро дар бар мегирад” [12, 4]. С.Т. Наврӯзов дар банақшагирии масъалаҳои таҳқиқоти захираҳои об ҳавзаи дарёро (*WB)* ҳамчун минтақаи асосии банақшагирӣ ба ҳисоб мегирад. Ба андеши ӯ системаи ҳавзаи дарё аз се ҷузъ иборат аст:– ҷузъҳои манбаъҳо, аз қабили гардиши дарёҳо, каналҳо ва обанборҳо мебошанд; талабот ба ҷузъҳо, ба монанди заминҳои обёришаванда, корхонаҳои саноатӣ ва шаҳрҳо; ҷузъҳои фосилавӣ, ба монанди неругоҳҳо, дубора истифодабарии об ва корхонаҳои коркарди такрорӣ мебошад [12, 23–25]. Аммо дар моделҳои С.Т. Наврӯзов омили тавозуни экологӣ (насли имрӯзу фардо), иқтисодӣ (манфиати ҳама кишварҳои ҳавза) ва иҷтимоӣ пурра ба назар гирифта намешавад.

Мушкилоти асосии таъини нишондиҳандаҳои самаранокии обистифодабарӣ дар асарҳои профессор Ҳ.Р.Исайнов низ муфассал баррасӣ шудааст [ниг.: 6,7,8,9]. Дар таҳқиқоти профессор Ҳ.Р.Исайнов бештар ҷанбаҳои таъмини бехатарии объектҳои бунёдшаванда ва таъмини сатҳи баланди индикаторҳои экологӣ таъкид шудаанд [9, 24].

Муҳаққиқ А.С. Мусинов модели созиши минтақавиро таъриф карда истода, қайд мекунад, ки проблемаи асосии тақсимоти оқилонаи захираҳои об дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ аз он иборат аст, ки ҳангоми муайян кардани мувозинати Нэш ба созиш аз нуқтаи назари як давлати

алоҳида афзалият дода мешавад (масалан, манфиатҳои Тоҷикистон дар сохтмони неругоҳи барқи обӣ (НБО). Бинобар ин, манфиатҳо бояд тақсим шаванд. Ба андешаи ӯ, кишварҳои болооб обро ба ивази ангишт ва нафт ба ихтиёри кишварҳои поёноб дар мавсими киштукор бояд вогузоранд [ниг.: 10,11]. Аммо талаботи Тоҷикистон ба натиҷаҳои формулаи Парето на ҳамеша аз ҷониби кишварҳои дигар, ки талаботи гуногун доранд, ба назар гирифта мешавад. Аниқтараш, механизми таъмини формулаи Парето дар таҳқиқоти А.С. Мусинов пурра инъикос наёфтааст.

Ба андешаи мо, таҳияи механизми истифодаи ҳамоҳангшудаи захираҳои обӣ ва энергетикии дарёҳои фаромарзӣ системаи возеҳи идоракунии ин захираҳоро дар минтақа тақозо мекунад, ки ба баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтисодӣ ва экологии об мусоидат кунад.

Бояд гуфт, ки дохил намудани арзёбии иқтидори табиӣ ва экологӣ ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ боисиислоҳи назарраси андешаҳои мавҷуда дар бораи сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақа, инчунин, имкониятҳои онҳо барои таъмини некуаҳволии устувори кишвар мегардад. Дар баробари ин, бояд дарк кард, ки на фаровонии захираҳои табиӣ ва на мавқеи мусоиди ҷуғрофии минтақа ба таври худкор суръати устувори чунин рушд, сатҳи баланд ва сифати зиндагии мардумро кафолат намедиҳад. Дар шароити кунунии иқтисодӣ, дар тамоми Осиёи Марказӣ тамоюлҳое равшананд, ки хусусияти интенсивии рушди иқтисодиро муайян мекунанд.

Дар ин ҷо як қатор сабабҳое муайян карда мешаванд, ки дар соҳаҳои гуногун ва дар сатҳи мухталиф ва миқёси таъсири гуногун амал мекунанд: набудани стратегияи дарозмуддати иқтисодии аз ҷиҳати экологӣ мутавозиншуда ва меъёрҳои баҳодиҳии самаранокии он дар байни кишварҳои минтақа (Осиёи Марказӣ), сиёсати яктарафаи иқтисодии кишварҳо, ки боиси истифодаи нодурусти захираҳои табиӣ мегардад; набудани сиёсати дахлдори минтақавии экологӣ; сиёсати номутаносиби сармоягузорӣ ва гайра.

Вобаста ба ин, зарурати таъмини тавозуни индикаторҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии рушди устувор дар минтақа мушкилоти нав ба нав эҷод мекунад. Идоракунии мутавозини экологӣ – идоракунии муҳити зист аст, ки ба нигоҳ доштани таносуби оқилонаи фаъолияти (таъсири) инсон ба муҳити табиӣ нигаронида шудааст, ки дар он истифодаи муҳити табиӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои экологӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии саломатии ҷомеа дар шароити ноил шудан ба мувозинати умумии муҳити зист амалӣ карда мешавад. Омилҳои рушд (захираҳо, экологию иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ) дар як минтақаи мушаххас ва истифодаи онҳо мутобиқи вазифаҳои стратегӣ ва тактикии рушди байниминтақавӣ ва геосиёсӣ,

барномаҳои идоракунии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, ки ба арзёбии мавҷудияти захираҳо, рушди иқтисодӣ ва амнияти экологӣ дар минтақа бо мақсади ноил шудан ба рушди устувор нигаронда шудааст, мувофиқат мекунад.

Ҳоло бо таваҷҷуҳ ба таҳлили равишҳои асосии баҳогузории самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ ва аз ҷумла захираҳои обиву энергетикӣ, формулаи умумии истифодаи мутавозини захираҳои обиву энергетикӣ дар як минтақаи дорои хусусиятҳои хоси геоиқтисодӣ, геоиҷтимоӣ, геоэкологӣ ва геосиёсӣ метавонад шакли зеринро гирад.

$$\textbf{ГВЭ}_{\textbf{сб}} = \sum_{i=1}^{N} \boldsymbol{P_I} = \sum_{i=1}^{N} \text{Экон}_{\text{а}} = \sum_{i=1}^{N} \text{С}_{\boldsymbol{b}} = \sum_{i=1}^{N} \text{Экол}_{\boldsymbol{d}} \quad \textbf{(9)}$$

Дар ин ҷо: $ГВЭ_{сб}$ – идоракунии мутавозуни захираҳои обию энергетикӣ дар сатҳи геоиқтисодӣ, геоиҷтимоӣ ва геоэкологӣ; $P_1$–омили захиравии рушди ММД бо таваҷҷуҳ ба таъсири ВЭ (I = 1 ... N); $Экон_а$ – омили иқтисодии рушд бо таваҷҷуҳ ба таъсири ГВЭ (a = 1 ... M); $C_b$ – омили иҷтимоии рушд бо таваҷҷуҳ ба таъсири ГВЭ (b=1...L); $Экол_d$ – омили рушди муҳити зист бо таваҷҷуҳ ба таъсири ГВЭ (d = 1 ... G) мебошад. Таносуби мазкурро агар дар дохили як кишвар ифода кардани шавем пас он намуди зеринро мегирад:

$$\textbf{ВЭ}_{\textbf{сб}} = \sum_{\text{вэ}=\textbf{1}}^{\text{Н}} \text{И}_{\text{вэ}} = \sum_{\text{вэ}=\textbf{1}}^{\text{Н}} \text{Вп}_{\text{вэ}} = \sum_{\text{вэ}=\textbf{1}}^{\text{Н}} \text{Во}_{\text{вэ}} \quad \textbf{(10)}$$

Дар ин ҷо: $ВЭ_{сб}$ – идоракунии мутавозуни захираҳои обию энергетикӣ, Ивэ – дараҷаи (темп) истифодаи захираҳои обию энергетикӣ; $Вп_{вэ}$–суръати барқарорсозии табиии захираҳои обию энергетикӣ (потенсиали азхудкунӣ); $Во_{вэ}$–суръати барқарорсозии муҳити табиӣ аз ҷониби ҷомеа; (вэ = 1... Н).

Албатта, татбиқи равиши пешниҳодшуда сатҳи баланди рушди низоми оморӣ ва таъминоти иттилоотиро ҷиҳати муҳосибаи он дар мисоли итстифодабарии захираҳои обию энергетикии кишварҳои Осиёи Марказӣ талаб мекунад. Айни ҳол сатҳи нокифояи рушди низоми иттилоотӣ ва оморӣ муҳосибаи моделҳои ояндабиниро каме душвор гардонидааст.

Таҳлили методологияи равишҳои асосии баҳогузории самаранокии истифодабарии устуворонаи захираҳои обу энергетикӣ дар минтақа имкон дод, ки хулосаҳои зеринро пешниҳод намоем:

1. Тағйироти эволютсиониро дар объекти баҳодиҳӣ дар шакли (пайдарҳамии) зерин тавсиф кардан мумкин аст: «захираҳои табиӣ–зарфияти захираҳои табиӣ–хизматрасонии экосистема–сармояи табиӣ». Объекти арзёбӣ (баҳогузорӣ) торафт мураккабтар мегардад, ки дар хусусияти мураккаб ва серпаҳлу доштани фаъолиятҳои марбут ба истифодаи захираҳои табииро ифода мекунад.

2. Индикаторҳои баҳодиҳии дараҷаи самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ, ки дар Консепсия рушди устувор *(инчунин, он*

*индикаторҳое, ки дар заминаи низоми пешниҳодшуда аз тарафи СММ дар баъзе манотиқи кураи Замин мустақилона аз тарафи чанд давлат коркард шудаанд)* наметавонанд ба равандҳои ҷаҳонишавии замони муосир ҷавобгӯй бошанд. Камбудии асосии онҳо субъективӣ буданашон аст. Бинобар ин кишварҳои дигар минтақаҳо ва аз ҷумла кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, бояд бо таваҷҷуҳ ба шароити геосиёсӣ, геоиқтисодӣ, геоиҷтимоӣ ва геоэкологии худ низоми индикаторҳои баҳодиҳии дараҷаи самаранокии истифодабарии захираҳои табиӣ (аз ҷумла захираҳои обию энергетикӣ)-ро кор карда бароянд.

2. Объекти асосии баҳодиҳии истифодаи захираҳои табиии (иқтидори иқтисодии) қаламравҳо дар шароити муосир сармояи табиӣ мебошад, ки индикаторҳои он аз вазифаҳои баҳодиҳӣ ва равишҳои мувофиқи он вобаста аст. Ҳангоми арзёбии сармояи табиии миллӣ, ки дар ҳисобҳои миллӣ инъикос ёфтааст, одатан равиши захиравӣ ва ҳангоми баҳодиҳии сармояи табиии минтақаҳо равиши экосистемаи омехта истифода мешавад.

3. Бо равиши захиравӣ объекти асосии баҳогузории самаранокии истифодабрии захираҳои табиӣ ҷузъҳои табиии геосистемаҳо ба ҳисоб меравад, ки барои муайян намудани онҳо равиши мутавозинии иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ истифода мешавад.

4. Идоракунии мутавозини муҳити зист тавассути моделҳои гуногуни барқарорсозии табиӣ ва сунъии захираҳои табиии истифодашуда дар доираи реҷаҳои гуногуни захиравӣ таъмин карда мешавад. Барои захираҳои табиии барқарорнашаванда–бо роҳи аз нав истеҳсол кардани базаи маъданҳо ё иваз кардани онҳо бо манбаъҳои алтернативии ашёи хом ва энергия. Тавозуни захираҳои табиии барқароршаванда чораҳои мувофикро барои мусоидат ба такрористеҳсоли ҳам сода ва ҳам васеъ тавассути барқарорсозии табиӣ ё сунъии иқтидори захираҳои табиӣ талаб мекунад. Нишондиҳандаҳои тавозуни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ маҳз барои мусоидат ба такрористеҳсоли ҳам сода ва ҳам васеъ тавассути барқарорсозии табиӣ ё сунъии он хидмат мекунанд.

## АДАБИЁТ


1. Гершанок Г. А. Формирование стратегии устойчивого развития локальных территорий на основе оценки социально-экономической и экологической емкости : автореф. дисс. ... д-ра. экон. наук. - Екатеринбург, 2006. - 46 с.

2. Голубецкая Н.П. Сбалансированное природопользование в условиях переходной экономики : дисс. … д-ра экон. наук. - СПб., 2001. - 218 с.

3. Игнатов В.Г., Кокин А. В., Батурин Л.А. Сбалансированное природопользование. - Ростов-н/Д.: Ростиздат, 1999. - 432 с.

4. Игнатов В.Г., Кокин А.В. Пути обеспечения региональной экологической безопасности в сбалансированном природопользовании //

Ученые записки СКАГС Государственное и муниципальное управление. - 2000. №2. - С. 17-27.

5. Игнатов В.Г., Кокин А.В. Экология и экономика природопользования. - Ростов-н/Д.: Феникс, 2003. - 512 с.

6. Исайнов Х.Р., Кимсанов У.О. Региональные аспекты обеспечения водно-энергетической безопасности (на материалах стран Центральной Азии)/Монография. - Душанбе, 2020. – 274 с.

7. Исайнов Ҳ.Р., Асоев Б.Х. Дурнамои рушди бозори неруи барқ дар миқёси давлатҳои Осиёи Марказӣ//Идоракунии давлатӣ. - 2022. - № 2 (56). - С. 75-85.

8. Исайнов Ҳ.Р., Казокзода У.Ҳ. Истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ дар доираи рушди устувори иқтисодӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. - № 5. - С.32-42.

9. Исайнов Ҳ.Р., Фозилов Р.Ш. Идоракунии захираҳои обию ирригатсионии Осиёи Марказӣ: вазъи ҳозира ва роҳҳои ҳал//Тоҷикистон: иқтисод ва идора. - 2020. № 2. - С. 23-33.

10. Мусинов А.С. Критический анализ подходов к использованию водных ресурсов трансграничных рек// Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). - Душанбе, РТСУ, 2014. -№ 3 (46). - С.116-121.

11. Мусинов А.С. Разработка экономических моделей распределения водных ресурсов трансграничной реки//Вестник Таджикского национального университета. - Душанбе: СИНО, 2013. -№ 2/6(120). - С.37-44.

12. Наврузов С.Т. Управление водными ресурсами трансграничных рек (на примере Центральной Азии)/Автореф. дисс. на соиск. учен. степ. докт. тех. наук. - М., 2008. – 44 с.

13. Новая парадигма развития России в XXI веке. Комплексные исследования проблем устойчивого развития: идеи и результаты [Текст] / Под редакцией В.А. Коптюга, В.М. Матросова, В.К. Левашова. Изд. 2-е. - М.: Academia, 2000. – 416 с.

14. Одинаев Х.А. Пути улучшения использования трансграничных водных ресурсов в условиях Центральной Азии//Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук.-Душанбе: СИНО, 2012. - № 2/7(98). - С.3-9.

15. Теоретико-методологические основы сбалансированного природопользования / Рос. акад. наук., Урал. отд-е, Ин-т экономики; отв. ред. д-р геол.-минер. наук, проф. А. И. Семячков.–Екатеринбург : Институт экономики УрО РАН, 2019. – 260 с.

16. Юрак В.В., Игнатьева М.Н. Теоретико-методологические основы оценки природных ресурсов и экосистемных услуг в экономике природопользования.–Екатеринбург: Издательство: Уральский государственный горный университет, 2022. – 160 с.

17. Segnestam, L. Developing indicators [Text] / L. Segnestam, M. Winograd, A. Farrow // Lessons Learnt from Central America, Washington: Worldbank, 2000.

# МЕТОДОЛОГИЯ ИССЛЕДОВАНИЯ В СИСТЕМЕ ОЦЕНКИ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ВОДНЫХ И ЭНЕРГЕТИЧЕСКИХ РЕСУРСОВ

**ИСАЙНОВ ХИСАЙН РАХИМОВИЧ,**
доктор экономических наук, профессор, декан факультета экономики и управления Таджикского национального университета.
734025, Таджикистан, г. Душанбе улица Бунихисорак;
тел: (+992) 918 40 61 42; e-mail: Rakhimovich@mail.ru

**МАХМУДОВ БАХРИДДИН НУРИДДИНОВИЧ,**
кандидат экономических наук, старшый преподаватель
кафедры экономической теории Кулябского
государствеенного университета имени Рудаки
735360, Таджикистан, город Куляб, улица С. Сафарова 16;
тел**:** (+992) 918-96-43-00; e-mail: bahriddin-7@mai.ru;

*В статье рассмотрены основные подходы к оценке эффективности устойчивого использования водных и энергетических ресурсов. Обоснованы теоретические аспекты оценки эффективности использования природных ресурсов. Проанализированы различные индикаторы оценки устойчивого развития, предложенные ООН и рядом развитых стран. Отмечается, что индикаторы устойчивого развития, несмотря на свою инклюзивность и комплексность, не могут быть полностью свободны от влияния субъективности оценки, т.к., в большинстве случаев они отражают интересы одной стороны и, соответственно, приводят к спорам между разными сторонами. Эволюция теории оценивания в последние годы достигла положительных результатов в этом направлении (то есть в направлении устранения субъективного влияния системы оценивания). Одной из методологических основ, добившейся определенного прогресса в этом направлении, является теория сбалансированного использования природных ресурсов. Рассмотрен баланс между экономическими, социальными и экологическими показателями эффективности. В статье преимущества и недостатки этой теории обсуждаются на примере водных и энергетических ресурсов. Автор попытался предложить новый метод, основанный на общепринятых методах обеспечения баланса показателей эффективности использования природных ресурсов, включающий влияние геоэкономических, геоэкологических и геосоциальных факторов.*

***Ключевые слова**: природные ресурсы, устойчивое развитие, оценка, эффективность, показатели развития, теория баланса, водно-энергетические ресурсы, геоэкономическая, геоэкологическая и геосоциальная среда.*

## RESEARCH METHODOLOGY IN THE SYSTEM OF ASSESSMENT OF EFFICIENT USE OF WATER AND ENERGY RESOURCES

**ISAYNOV HISAYN RAHIMOVICH,**
Doctor of Economics, Professor, dean of the Faculty of Economics and Management of the Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Bunihisorak;
tell**:** (+992) 918-40-61-42; e-mail: Rakhimovich@mail.ru

**MAHMUDOV BAHRIDDIN NURIDDINOVICH,**
Candidate of Economics, Senior Lecturer of the Department of Economic Theory, Kulob State University named after Rudaki
735360, Tajikistan, Kulob city, S. Safarov str. 16;
tell: (+992) 918-96-43-00; e-mail: bahriddin-7@mai.ru

*The article considers the main approaches to assessing the efficiency of sustainable use of water and energy resources. Theoretical aspects of assessing the efficiency of natural resources utilization are substantiated. Various indicators of sustainable development assessment proposed by the UN and a number of developed countries are analyzed. It is noted that indicators of sustainable development, despite their inclusiveness and comprehensiveness, cannot be completely free from the influence of subjectivity of assessment, because, in most cases, they reflect the interests of one party and, consequently, lead to disputes between different parties. The evolution of assessment theory in recent years has achieved positive results in this direction (i.e. towards the elimination of the subjective influence of the assessment system). One methodological base that has made some progress in this direction is the theory of balanced utilization of natural resources. The balance between economic, social and environmental performance indicators is considered. In the article the advantages and disadvantages of this theory are discussed on the example of water and energy resources. The author tried to propose a new method based on the generally accepted methods of ensuring the balance of natural resources utilization efficiency indicators, including the influence of geo-economic, geo-ecological and geo-social factors.*

**Keywords:** *natural resources, sustainable development, assessment, efficiency, development indicators, balance theory, water and energy resources, geo-economic, geo-ecological and geo-social environment.*

УДК: 338.001.36

# ДУРНАМОИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ АСОСИИ МАКРОИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

**СОЛЕҲЗОДА АШУРБОЙ АБДУВОҲИД,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел: +(992) 901-60-70-70; e-mail:Ashurboy@mail.ru

**ВОСИДИЁН ФАРҲОД САЪДУЛЛО,**
унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел: +(992) 917-68-33-33; e-mail: Fvosidiyon@gmail.com

*Дар мақола раванди таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва усулҳои ҳисобкунии нишондиҳандаҳои он баррасӣ карда шудааст. Қайд гардидааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соли 2016 дар доираи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дурнамо ва сенарияҳои рушдро барои давраи то соли 2030 муайян намудааст.*

*Дар мақола шароити зудтағйирёбии иқтисоди глобалӣ ва ноустувории минтақавӣ, инчунин, низоъҳои тиҷоратӣ, ҷоринамоии таҳримҳо нисбат ба шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон ва тағйирёбии иқлим ҳамчун омили таҷдиди назар намудани баъзе нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ муайян гардидааст. Аз ин рӯ, мақсади мақолаи мазкур бо дарназардошти вазъи кунунӣ таҳия ва пешниҳоди дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои давраи миёнамуҳлат аз рӯйи сенарияҳо мебошад. Дар мақола бо дарназардошти таҳлили иқтидору имкониятҳои мавҷуда ва таъсири омилҳои беруна дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ тибқи се сенария, аз ҷумла бӯҳронӣ, воқеӣ ва шиддитнок таҳия карда шудааст.*

*Ҳангоми таҳияи сенарияҳои мазкур вазъи иқтисоди ҷаҳон, аз ҷумла иқтисодиёти давлатҳои рушёбанда ва шарикони асосии тиҷоратии Тоҷикистон, суръати рушди тиҷорати ҷаҳонӣ, тағйирёбии нархи ҷаҳонии молу маҳсулоти асосӣ, ба монанди нархи нафт, алюминий, пахта, гандум ва тилло ба инобат гирифта шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Осиёи Марказӣ, иқтисоди ҷаҳон, рушди иҷтимоию иқтисодӣ, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, диверсификатсияи иқтисодиёт, саноат, кишоварзӣ, тиҷорати дохилӣ, тиҷорати хориҷӣ, тағйирёбии иқтисоди глобалӣ, таҳримҳои иқтисодӣ, шарикони стратегӣ, сенарияҳо, воқеӣ, бухронӣ, шиддатнок.*

Дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ яке аз воситаҳои муҳими ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегӣ ба ҳисоб рафта, барои қабули қарорҳои судманд дар ин ё он соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Асоси тамоми санадҳои стратегию барномавиро дурнамо ташкил дода, дар заминаи он вазифагузориҳо муайян карда мешаванд.

Ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодии ҳар як давлат дар баробари омилҳои дохилӣ омилҳои беруна низ таъсири назаррас мерасонанд. Бинобар ин, ҳангоми таҳияи дурнамо дар баробари вазъи ояндаи имконпазири иҷтимоию иқтисодӣ, илмию техникӣ, экологӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиаи кишвар ва ғайра вазъи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва равандҳои ҷаҳонӣ низ, ки эҳтимолияти таъсир расонидан ба низоми иқтисодию иҷтимоии кишварро доранд, ба инобат гирифта мешаванд.

Дурнамосозии рушди иҷтимоию иқтисодӣ аз рӯйи сенарияҳо ин худ раванди таҳияи дурнамо бо таҳқиқотҳои бо худ хос буда, яке аз унсурҳои низоми дурнамосозӣ ба ҳисоб меравад.

Сенарияҳои дурнамо вобаста ба хусусиятҳои хосси ҳар як кишвар таҳия карда шуда, иқтидорҳо, омилҳо ва ҳавфҳои таъсиррасон ба инобат гирифта мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таҳияи санадҳои банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатии рушди иҷтимоию иқтисодӣ Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст. Стратегияҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, нақшаи индикативӣ ва дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва дар алоқамандӣ бо онҳо барномаҳои давлатии сармоягузориҳои дохилӣ ва хориҷиро таҳия мекунад [7].

Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" сенарияҳои инертсионӣ, индустриалӣ ва индустриалию инноватсионӣ пешбинӣ шудааст, ки сенарияи якум афзоиши ҳаҷми номиналии ММД-ро дар солҳои 2016–2030-юм 2 маротиба, сенарияи дуюм 2,7 маротиба ва дар сенарияи сеюм 3,5 маротиба пешбинӣ менамояд [8, 21].

Дар "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" сенарияҳои пессимистӣ, реалистӣ ва оптимистӣ пешбинӣ гардида, афзоиши ҳаҷми номиналии ММД дар сенарияҳои мазкур мутаносибан 1,4 маротиба, 1,8 маротиба ва 2 маротиба муайян гардида буд

[1, 14-16].

Бо дарназардошти дар солҳои охир шиддат гирифтани вазъи геосиёсии ҷаҳон, низоъҳои ҳарбию тиҷоратӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ байни кишварҳои абарқудрат, инчунин, пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ дар "Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" сенарияҳои рушд тағйир дода шудаанд, аз ҷумла сенарияи буҳронӣ, воқеъбинона ва шиддатнок пешбинӣ гардиданд. Афзоиши ҳаҷми номиналии ММД дар сенарияи буҳронӣ 1,4 маротиба, воқеъбинона 1,5 маротиба ва шиддатнок 1,8 маротиба пешбинӣ шудааст [2, с.47-49]

**Ҷадвали 1.**

**Сенарияҳои рушди санадҳои банақшагирии стратегӣ**

| Номи санадҳои банақшагирии стратегӣ | Сенарияҳо | Афзоиши ММД | Иҷро дар солҳои 2016-2023 |
|---|---|---|---|
| 1."Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" | *1.1.Инертсионӣ* | 2 маротиба | 2,6 маротиба |
| | *1.2. Индустриалӣ* | 2,7 маротиба | |
| | *1.3. Индустриалию инноватсионӣ* | 3,5 маротиба | |
| 2."Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020" | Сенарияҳо | Афзоиши ММД | Иҷро дар солҳои 2016-2020 |
| | *2.1. Пессимистӣ* | 1,4 маротиба | 1,6 маротиба |
| | *2.2. Реалистӣ* | 1,8 маротиба | |
| | *2.3. Оптимистӣ* | 2 маротиба | |
| 3."Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" | Сенарияҳо | Афзоиши ММД | Иҷроиш дар солҳои 2021-2023 |
| | *3.1. Буҳронӣ* | 1,4 маротиба | 1,5 маротиба |
| | *3.2. Воқеъбинона* | 1,5 маротиба | |
| | *3.3. Шиддатнок* | 1,8 маротиба | |

***Манбаъ:*** *Таҳияи муаллифон дар асоси маълумоти ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва оморӣ.*

Аз таҳлили ҷадвали мазкур бармеояд, ки сенарияи индустриалии "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" аллакай дар соли 2023 қариб иҷро шудааст. Дар мавриди бо чунин

тамоюл рушди кардани иқтисоди миллӣ, ҳаҷми ММД дар соли 2030 ба 325 млрд. сомонӣ баробар мегардад, ки нисбат ба соли базавӣ, яъне соли 2015-ум тақрибан 6 маротиба зиёд мебошад.

Вобаста ба ин зарурати таҷдиди назар намудани нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санадҳои банақшагирии стратегӣ ба миён меояд. Дар доираи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» [3] ҳамасола дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Товикистон барои давраи миёнамуҳлат аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо таҳия карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки дурнамои нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ барои давраи миёнамуҳлат бо дарназардошти таъмини иҷрои муқаррароти “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, барномаҳои қабулгардидаи давлатию соҳавӣ ва минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, инчунин, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳангоми ироа гардидани Паём ба Маҷлиси Олӣ ва сафарҳояшон ба минтақаҳои ҷумҳурӣ баён шудаанд, таҳия мегардад. Ҳамзамон, ҳангоми таҳияи он вазъи иқтисоди ҷаҳон ва кишварҳои узви ИДМ, шарикони асосии тиҷоратии кишвар, бахусус Федератсияи Русия, Чин, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва дигарҳо, тағйирёбии нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонии молию ашёӣ ва тамоюлоти рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар солҳои охир, ба инобат гирифта мешавад.

Дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2025 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст [4].

Сенарияҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодиро дар дурнамои миёнамуҳлат, яъне барои солҳои 2025-2030 таҳлил мекунем.

Тавре дар ҷадвали якум қайд гардид, дар санадҳои банақшагирии стратегӣ сенарияҳои пешбинӣ карда шудаанд. Бо дарназардошти ин, барои давраи миёнамуҳлат, яъне солҳои 2025–2030 таҳияи се сенарияи зерини нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шуданд.

Дурнамо аз рӯйи се сенария таҳия мешавад, яъне сенарияи 1 воқеӣ бо дарназардошти вазъи кунунии иқтисодию иҷтимоӣ ва имкониятҳои мавҷуда таҳия карда мешавад.

Сенарияи 2. Буҳронӣ бо дарназардошти эҳтимолияти сар задани буҳронҳои ҷаҳонӣ ва таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ таҳия карда мешавад.

Сенарияи 3. Шиддатнок бо дарназардошти беҳтар шудани вазъи

иқтисоди ҷаҳон, муътадилии нархҳо ва зиёд шудани имкониятҳо барои таъмини рушди босуръат таҳия карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳия гардидани дурнамо аз рӯйи сенарияҳо фарзияҳои зерин ба инобат гирифта мешаванд:

а) ҳадафҳои мақсаднок ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ;

б) тамоюлҳои демографӣ;

в) истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда;

г) имкониятҳои сармоягузорӣ;

д) самараи ҳамгироӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ.

**Ҷадвали 2.**

**Омилҳое беруние, ки ҳангоми таҳияи дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ба инобат гирифта шудаанд (барои сенарияи воқеӣ)**

| Омилҳо | Воҳиди ченак | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| **Суръати рушди иқтисоди ҷаҳон** | дарсад | 3,7 | 3,5 | 3,6 | 3,9 | 4,1 |
| **Суръати рушди иқтисодиёти давлатҳои рушдёбанда** | дарсад | 3,9 | 4 | 4,7 | 5,0 | 5,2 |
| **Суръати рушди тиҷорати ҷаҳонӣ** | дарсад | 2,9 | 3,0 | 3,1 | 3,2 | 3,5 |
| **Нархи ҷаҳонии нафт** | долл.як баррел | 85 | 88 | 95 | 95 | 95 |
| **Нархи ҷаҳонии алюминий** | долл/тон | 2700 | 2800 | 3000 | 3000 | 3100 |
| **Нархи ҷаҳонии пахта** | долл/тон | 1800 | 1850 | 1900 | 1950 | 1950 |
| **Нархи ҷаҳонии гандум** | долл/тон | 250 | 260 | 280 | 290 | 310 |
| **Нархи ҷаҳонии тилло** | долл/кг | 88000 | 88500 | 88600 | 89000 | 89000 |
| **Сатҳи миёнаи таваррум дар ҷаҳон** | дарсад | 4,5 | 4,6 | 4,2 | 4,1 | 4,1 |
| **Қурби рубл нисбат ба доллари ИМА** | рубл/доллар | 95 | 98 | 102 | 105 | 110 |

***Манбаъ:*** *Таҳияи муаллифон.*

Дар ҷадвали мазкур омилҳое, ки тағйирёбии онҳо метавонад ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонад, оварда шудааст ва нишондиҳандаҳо барои сенарияи бухронӣ ва шиддатнок

тағйирёбанда мебошанд.

Ҳоло тағйирёбии якчанд нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии кишварро аз рӯйи сенарияҳои қайдшуда дида мебароем (ниг. ба ҷадвали 3.).

**Ҷадвали 3.**

**Тағйирёбии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз рӯйи се сенария барои давраи то соли 2030**

| Нишондиҳанда | воҳид | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| **Сенарияи 1. Воқеӣ** | | | | | | | |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ | млн. сомонӣ | 165748 | 190017 | 217679 | 247728 | 283324 | 324610 |
| | дарсад | 107,8 | 108,3 | 107,9 | 108,0 | 108,6 | 107,8 |
| **Сенарияи 2. Бухронӣ** | | | | | | | |
| Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ | млн. сомонӣ | 165748 | 178218 | 194978 | 213106 | 233998 | 255676 |
*In fact, to ensure the process of rapid industrialization of the country and the priority of innovation, the training of highly qualified specialists in various fields of domestic industry is considered a key issue.*

***Keywords:*** *strategy, technology, formation, industry, enterprise, production, competition, mechanism, brand, sustainable development, goal, rapid industrialization of the country.*

УДК: 64.011.44

# АРЗЁБИИ САМАРНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

**ОДИНАЗОДА АМИН ИБРОҲИМОВИЧ,**
сардори Раёсати таҳлилӣ масъалаҳои соҳибкорӣ ва рушди
бахши хусусии Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел. (+992) 988-55-26-90; e–mail: o–amin@mail.ru

*Дар мақола самаранокии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, ҳаҷми қарзҳои дебиторӣ ва кредитории ташкилоту муассисаҳо, бахусус, аз рӯйи уҳдадорӣ, инчунин, натиҷаҳои молиявии корхона ва субъектҳои соҳибкории дар соҳаи кишоварзӣ фаъолияткунанда таҳлилу арзёбӣ гардидааст. Муаллиф дар заминаи тадқиқоти худ сабабҳои асосии аз нуқтаи назари иқтисодӣ даромаднок набудани фаъолияти аксар субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзиро бо далелҳои мушаххас нишон додааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузории мустақим, самарнокии иқтисодӣ, қарзҳои дебиторӣ, гарав, воситаҳои истеҳсолӣ, натиҷаҳои молиявӣ, фоида, зарар, суғурта, кафолати давлатӣ.*

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” тавсеа додани дастрасӣ ва саҳм дар таъмини маҳсулоти фаровони озуқа, сифат ва бехатарии он дар асоси гузариш ба дараҷаи баланди индустриализатсия ва рушди босуботи бахши аграрӣ, дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва аз ҷиҳати экологӣ бехатар ба ҳайси афзалиятҳои махсус дар комплекси агросаноатии мамлакат пешбинӣ карда шудааст [1]. Ҳалли ин масаъалаҳо, пеш аз ҳама, бо густариши фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ алоқамандӣ дорад.

Фаъолияти соҳибкорӣ ва мазмуни дохилии он, пеш аз ҳама, дар ошкорсозии талаботи умумииқтисодӣ ё махсуси иҷтимоӣ–иқтисодие хулоса меёбад, ки барои қонеъгардонии фаъолияти истеҳсолии меҳнатии одамон равона карда шудааст [2].

Масъалаҳои мукаммалгардонии низомноки механизми рушди соҳаи кишоварзӣ, ки ба тамоми комплекси агросаноатӣ таъсир мерасонад, чунин истифодаи захираҳои биологӣ ва табиист, ки зимни он, бо фарқ аз соҳаҳои дигари хоҷагии халқ, асоси технологияро равандҳои биологӣ ташкил медиҳанд [3].

Истеҳсолоти кишоварзӣ чун соҳаи заминаофари комплекси агросаноатӣ якчанд хусусиятҳои назаррас дорад, ки онҳо ба раванди такрористеҳсол ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ таъсир мерасонанд. Хусусияти муҳими истеҳсолоти кишоварзӣ аз он иборат аст, ки замин дар ин соҳа воситаи асосии истеҳсолот буда, ба рушди соҳибкории кишоварзӣ саҳми назаррас дорад.

Ҳар қадар самаранокии фаъолияти ташкилотҳои соҳибкорӣ бештар бошад, ҳамон андоза воридшавии маблағҳо ба буҷетҳои сатҳҳои гуногун зиёдтар мегардад [4].

Дар самти муайяну мушаххас намудани самаранокии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар тамоми бахшҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус соҳаи кишоварзӣ, нишондиҳандаҳои зиёде метавонад таъсиргузор бошанд. Таҳлилу арзёбии сармоягузориҳо ва самаранокии иқтисодии он аз ҷумлаи нишондиҳандаи асосӣ дар ин ҷода дониста мешавад, зеро дар шароити кунунӣ таъмини рушди устувори ҳар як соҳа аз бисёр ҷиҳат ба ҷалби сармоя ва соҳибкорӣ вобаста мебошад.

Тибқи омори расмӣ дар давоми солҳои 2016–2022 ба рушди соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 409 миллион доллар сармоягузории мустақими хориҷӣ равона гардидааст. Барои исботи ин гуфта ба рақамҳои омории ҷадвали зерин мегирем:

**Ҷадвали 1.**

**Самаранокии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ дар рушди соҳибкории кишоварзӣ дар солҳои 2016–2022**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
| I | 28808,4 | 30765,9 | 31984,5 | 34264,8 | 37298,5 | 39769,4 | 49273 |
| II | 17,8 | 17,9 | 19,1 | 86,5 | 11,3 | 106,1 | 150,3 |
| III | 1618,4 | 1718,8 | 1674,6 | 396,1 | 3300,8 | 374,8 | 327,8 |

***Манбаъ:*** *Дар асоси маълумоти оморӣ аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст.*

***Эзоҳ:*** *I–МУК млн. сомонӣ, II– маблағи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, млн. доллари амрикоӣ, III ба ҳар як доллари сармоягузоришуда ин қадар маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд, ҳазор сомонӣ [5].*

Тавре аз ҷадвал ба назар мерасад, соли 2022 ба ҳар як доллари сармоягузориҳои мустақими ба соҳаи кишоварзӣ равонагардида 327,8 сомонӣ маҳсулоти умумии кишоварзӣ рост омада, нисбат ба соли 2016 зиёда аз 4,9 маротиба кам аст. Аз ин бармеояд, ки фарҳанг ва истифодаи самарнокии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ тамоюли пастравиро касб намудааст, ки аз мутасаддиён ташкили дурусти фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, коҳиш додани сатҳи хароҷоти истеҳсолӣ ва беҳтар намудани вазъи инфрасохторҳои истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзиро талаб менамояд.

Ҳамзамон, солҳои охир бо вуҷуди амалӣ гардидани тадбирҳои муассири давлатӣ ва мунтазам афзоиш ёфтани ҳаҷми маблағгузориҳо ва ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ ба дастгирӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, ҳанӯз ҳам фаъолияти аксар корхонаҳои дар ин соҳа фаъолияткунанда зараровар ба назар мерасад. Аз ин бармеояд, ки ҳоло бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, боз масъалаҳои зиёди ҳалталаб дар ин самт ҷой доранд, ки ҳаллу фасли онҳо метавонад нишондиҳандаҳои ин бахши муҳими иқтисодиётро боз ҳам беҳтару хубтар ва баланд гардонад.

**Ҷадвали 2.**

**Натиҷаҳои молиявии корхонаҳои кишоварзие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд ва мақоми шахси ҳуқуқӣ доранд, ҳазор сомонӣ**

| 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи умумии корхонаҳои фоидаовар, адад** | | | | | | |
| 230 | 226 | 278 | 654 | 552 | 1110 | 803 |
| **Ҳаҷми маблағи фоида, ҳазор сомонӣ** | | | | | | |
| 19708,9 | 22513 | 20073,7 | 52059 | 58500,3 | 71931,8 | 98578,7 |
| **Ба ҳар як корхона ин қадар рост меояд, ҳазор сомонӣ** | | | | | | |
| 85,7 | 99,6 | 72,2 | 79,6 | 106,0 | 64,8 | 122,8 |
| **Шумораи умумии корхонаҳои зараровар, адад** | | | | | | |
| 117 | 90 | 173 | 289 | 214 | 189 | 381 |
| **Ҳаҷми маблағи зарар, ҳазор сомонӣ** | | | | | | |
| 44723,7 | 24398,8 | 84128 | 57213,7 | 79938,1 | 68621,3 | 96820 |
| **Ба ҳар як корхона ин қадар рост меояд, ҳазор сомонӣ** | | | | | | |
| 382,3 | 271,1 | 486,3 | 198,0 | 373,5 | 363,1 | 254,1 |
| **Ҳамаги маблағи фоида ва зарар, ҳазор сомонӣ** | | | | | | |
| 64432,6 | 46911,8 | 104202 | 109273 | 138438 | 140553 | 195399 |
| **Ҳиссаи маблағи фоида дар ҳаҷми умумии маблағҳо, бо %** | | | | | | |
| 30,6 | 48,0 | 19,3 | 47,6 | 42,3 | 51,2 | 50,5 |
| **Ҳиссаи маблғи зарар дар ҳаҷми умумии маблағҳо бо %** | | | | | | |
| 69,4 | 52,0 | 80,7 | 52,4 | 57,7 | 48,8 | 49,5 |

***Манбаъ:*** *Молияи Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ, Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2016– С.132,133. Молияи Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, 2023. –С.86, 87, 88, 89, 90, 91 [6].*

Агар ба рақамҳои ҷадвали мазкур назар афканем, мебинем, ки соли 2022-ум шумораи корхонаҳои фоидаовар 803 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 573 ё тақрибан 3,5 адад зиёд мебошад. Дар давраи таҳлилӣ шумораи корхонаҳои зараровар 381 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 264 адад ё беш аз 3,2 маротиба зиёд мебошад.

Бо вуҷуди он, ки соли 2022 ҳаҷми маблағи зарар ба ҳар як корхона 254,1 ҳазор сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2016–50,4 дарсад камтар бошад ҳам, вале ҳиссаи корхонаҳои зараровар дар ҳаҷми умумии

маблағи фоида ва зарар, тақрибан 50 дарсадро ташкил додааст. Илова бар ин, тибқи таҳлилҳои мо, ки муҳтавояш дар ҷадвали 3 оварда шудааст, танҳо дар соли 2022 ҳаҷми қарзҳои кредиторӣ 1822163,1 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2016 беш аз 7,2 баробар зиёд мебошад. Зимни натиҷаҳои таҳлил, баъзе аз сабабҳои асосии вазъи баамаломада, яъне тамоюли пасту баландшавии шумораи корхонаҳои фоидаовар дар таъсири оқибатҳои манфии тағйирёбии иқлим ва афзоиши ҳаҷми хароҷоти истеҳсолӣ асоснок карда шуд, ки метавонад исботи ин гуфтаҳо бошад.

**Ҷадвали 3.**

**Ҳаҷми қарзҳои дебиторӣ ва кредитории ташкилоту муассисаҳои кишоварзӣ дар солҳои 2017–2022, ҳазор сомонӣ**

| Нишодиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои кредиторӣ | 250734 | 864943 | 799155 | 1566593 | 1872577,5 | 1822163,1 |
| Қарзҳои дебиторӣ | 178230 | 471614 | 384199 | 419084 | 708140 | 794983,3 |
| Ҳамагӣ | 428965 | 1336557 | 1183355 | 1985676 | 2580717,5 | 2617146,4 |
| Ҳиссаи қарзҳои кредиторӣ дар ҳаҷми умумии қарзҳо, % | 58,5 | 64,7 | 67,5 | 78,9 | 72,6 | 69,6 |
| Ҳиссаи қарзҳои дебиторӣ дар ҳаҷми умумии қарзҳо, % | 41,5 | 35,3 | 32,5 | 21,1 | 27,4 | 30,4 |

***Манбаъ:*** *Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2023. С.113, 115 [7].*

Чуноне аз рақамҳои ҷадвали мазкур дида мешавад, соли 2022 ҳиссаи қарзҳои кредиторӣ дар ҳаҷми умумии қарзҳо 69,6 дарсадро ташкил дода, дар қиёс бо соли 2016-ум 11,1 банди дарсадӣ (фоизӣ) зиёд мебошад. Чунин вазъ дар ҳаҷми қарзҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ аз рӯйи уҳдадорӣ низ ба назар мерасад. Масалан, тибқи таҳлилҳои мо, ки натиҷааш дар диаграммаи зерин ба таври зайл нишон дода шудааст, дар давраи солҳои 2016–2022 ҳаҷми қарздории ташкилоту корхонаҳои дар соҳаи кишоварзӣ фаъолияткунанда, бахусус аз рӯйи уҳдадорӣ 3094112,8 сомониро ташкил дод, нисбат ба соли 2018-ум беш аз 2,6 маротиба зиёд мебошад. Ҳолати мазкур, бешубҳа, аз вазъи ноустувори молиявии ташкилоту муасссаҳои дар ин соҳа амалкунанда дарак медиҳад.

**Диаграммаи 1.**

**Ҳаҷми қарздории ташкилоту корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ аз рӯйи уҳдадорӣ, ҳазор сомонӣ**




***Манбаъ**: Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Душанбе, 2023. –С.109 [4].*

Рақамҳои диаграммаи мазкур, агар аз як тараф, баёнгари бори дигар ноустувор будани вазъи молиявии корхонаҳои кишоварзӣ бошад, аз ҷониби дигар, аз сатҳи пасти пардохтпазирии корхонаҳо, ки сабабҳои гуногунро дар пай дорад, дар ин соҳа дарак медиҳад. Ин вазъро ҳамзамон, бо ноустувории натиҷаҳои молиявии баъзе аз хоҷагиҳои алоҳидае, ки бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, аз ҷумла Кооперативи истеҳсолии ба номи А.Кенҷаеви шаҳри Ваҳдат, ҶДММ «Л. Муродов»-и шаҳри Ҳисор, ҶДММ «А.Фирдавсӣ–2000»-и ноҳияи Рӯдакӣ, ҶДММ «Агротаъминот»-и шаҳри Турсунзода ва Кооперативи истеҳсолии «Наврӯз»-и ноҳияи Шаҳринав метавон асоснок намуд.

Масалан, мо зимни таҳлилҳои худ муайян кардем, ки соли 2022 хоҷагиҳои зикргардида, аз ҷумла Кооперативи истеҳсолии ба номи А.Кенҷаеви шаҳри Ваҳдат, аз ҳар сентнер истеҳсоли пахта бо сабабҳои гунонун, бахусус камҳосилӣ, афзоиши хароҷоти истеҳсолӣ дар ҳаҷми тақрибан 67 сомонӣ зарар дидааст. Ин нишондиҳанда дар ҶДММ «Л. Муродов»-и шаҳри Ҳисор 25 сомонӣ, ҶДММ «А.Фирдавсӣ–2000»-и ноҳияи Рӯдакӣ 36,3 сомонӣ, ҶДММ «Агротаъминот»-и шаҳри Турсунзода 128 сомонӣ ва Кооперативи истеҳсолии «Наврӯз»-и ноҳияи Шаҳринав бошад, 150 сомониро ташкил менамояд. Ҳамзамон, дар натиҷаи таҳлилҳо муайян карда шуд, ки хоҷагиҳои ба таҳқиқот фарогирифта дар самти истеҳсоли пахта чандон ҳавасманд набуда, барои онҳо аз парвариши пахта дида дигар маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус, юнучқа, картошка, полизӣ ва ғалладонагиҳо афзалияти бештар доранд, дар сурате, ки самти асосии фаъолияташон бевосита парвариши пахта, ҳамчун маҳсулоти стратегии кишвар, муайян шудааст.

Дар шароити кунунӣ ҳар қадаре, ки сатҳи дароматднокии фаъолияти корхона, бахусус дар заминаи коҳиш ёфтани ҳаҷми хароҷот дар ин ё он соҳа, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ баланд бошад, ҳамон андоза, устувории молиявӣ ва сатҳи баланди рақобатпазирӣ ва самаранокии фаъолияти он таъмин хоҳад гашт [9].

Ширкати байналмилалии суғуртаи “COFACE” сатҳи дароматнокии қобили қабулро барои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 22 дарсад арзёбӣ менамояд. Яъне мувофиқи арзёбиҳои ширкати мазкур, фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ки сатҳи дароматнокиаш то 22 дарсадро ташкил медиҳад, чунин фаъолият аз нуқтаи назари иқтисодӣ самаранок ҳисобида намешавад. Мутаассифона, чунонки дар натиҷаи таҳлилҳо муйян карда шуд, ҳоло фаъолияти аксар ХДФ, ки майдонҳои хурди заминро дар ихтиёр доранд, ба ғайр аз кооперативҳои истеҳсолию тиҷоратӣ ва дигар шаклҳои ҳамгироӣ, аз нуқтаи назари иқтисодӣ натанҳо самараноку рақобатпазир ва даромаднок, балки зараровар ба назар намерасанд. Чунки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки ҳар қадаре, ки андозаи майдони замини кишт хурд гардад, ҳамон андоза имкони хоҷагидор, бахусус дар самти дастрасӣ ба техникаю таҷҳизот, мошинолоти муосири кишоварзӣ ва истифодаи самараноки онҳо, инчунин, иҷрои киштгардон, дастрасӣ ба захираҳои қарзию молиявӣ ва иҷрои пурраи қоидаҳои агротехникӣ, ки аз ҷумлаи омилҳои асосии баланд гардидани сатҳи ҳосилнокӣ ва таъмини самаранокии истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоб меравад, маҳдуд мегардад. Мо бо мақсади асоснок, муайян ва дақиқ намудани сатҳи даромаднокӣ ва афзоиши ҳаҷми хароҷоти истеҳсолӣ дар чаҳор хоҷагии кишоварзии таҳқиқот анҷом додем, ки натиҷааш дар ҷадвали 4 ба таври зайл нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 4.**

**Сатҳи даромаднокии хоҷагиҳои кишоварзие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, дар солҳои 2016–2022.**

| Нишондиҳандаҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **ҶДММ «Л. Муродов»-и шаҳри Ҳисор** | | | | | | | |
| Маҷмуи даромад, ҳаз. сом. | 7940 | 12447 | 15457 | 12203 | 15234 | 17736 | 20641 |
| Хароҷоти умумии истеҳсоли маҳсулот, ҳазор сомонӣ | 6807 | 10459 | 12722 | 9873 | 12197 | 13921 | 15890 |
| Ҳаҷми маблағи фоида, ҳазор сом. | 1134 | 1987 | 2735 | 2330 | 3037 | 3814 | 4751 |
| Сатҳи дароматнокӣ, % | 16,6 | 19 | 21,5 | 23,6 | 24,9 | 27,4 | 29,9 |
| **Кооперативи истеҳсолии «Тиҷорат»-и ноҳияи Шаҳринав** | | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҷмуи даромад, ҳазор сомонӣ | 3245 | 5125 | 3288 | 2972 | 3371 | 3504 | 3663 |
| Хароҷоти умумии истеҳсоли маҳсулот, ҳазор сомонӣ | 2869 | 4476 | 2825 | 2487 | 2761 | 2853 | 2949 |
| Ҳаҷми маблағи фоида, ҳаз. сом. | 376 | 649,0 | 463,3 | 485,0 | 610,2 | 650,6 | 713,7 |
| Сатҳи дароматнокӣ, % | 13,1 | 14,5 | 16,4 | 19,5 | 22,1 | 22,8 | 24,2 |
| **ҶДММ «Агротаъминот»-и шаҳри Турсунзода** | | | | | | | |
| Маҷмуи даромад, ҳазор сомонӣ | 1943 | 6325 | 3987 | 2992 | 3237 | 4286 | 5676 |
| Хароҷоти умумии истеҳсолӣ маҳсулот, ҳазор сомонӣ | 1574 | 5109 | 3195 | 2358 | 2519 | 3297 | 4317 |
| Ҳаҷми маблағи фоида, ҳаз. сом. | 368 | 1216 | 792 | 634 | 718 | 989 | 1360 |
| Сатҳи даромaтнокӣ, % | 23 | 24 | 25 | 27 | 29 | 30 | 32 |
| **Кооперативи истеҳсолии ба номи А.Кенҷаеви шаҳри Ваҳдат** | | | | | | | |
| Маҷмуи даромад, ҳазор сомонӣ | 4465 | 6599 | 3907 | 3928 | 4716 | 5546 | 7146 |
| Хароҷоти умумии истеҳсолӣ маҳсулот, ҳазор сомонӣ | 3856 | 5611 | 3261 | 3209 | 3719 | 4309 | 5455 |
| Ҳаҷми маблағи фоида, ҳаз. сом. | 609 | 988 | 646 | 719 | 997 | 1237 | 1691 |
| Сатҳи даромaтнокӣ, % | 16 | 18 | 20 | 22 | 27 | 29 | 31 |

***Манбаъ:*** *Ҷадвалро муаллиф дар асоси маълумоти омории ҶДММ «Л. Муродов», КИ «Тиҷорат» ва ҶДММ «Агротаъминот» тартиб додааст [10].*

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқи самаранокии иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзии кишвар ба мо имкон доданд, ки чунин хулоса намоем:

–Инкишофи сусти низоми суғуртакунонӣ, бахусус миллии суғуртаи ҳосил, ноустувории вазъи молиявӣ; надоштани маблағҳои озоди гардон; норасоӣ ва мунтазам баланд гардидани нархи воситаҳои истеҳсолӣ (сӯзишворӣ, нуриҳои менералӣ); дастрасӣ ба захираҳои қарзию молиявии имтиёзноки дарозмуҳлат, баланд будани меъёри дарсади қарзҳои бонкӣ, надоштани молу мулки ба сифати гарав истифодашаванда; талаби барзиёди амонати молу мулк, инчунин, ҳаҷми гарав нисбат ба қарзи дархостшуда; маҳдудият дар самти дастрасӣ ва истифодаи техникаи муосири кишоварзӣ, бахусус техникаи хурди каммасраф; паст будани донишу малака, сатҳи ҷаҳонбинӣ, маърифати молиявию иқтисодӣ ва ҳуқуқии аксар соҳибкорон; набудани кафолати давлатию ғайридавлатӣ дар бобати парваришу ва фурӯши маҳсулот, аз ҷумла пахта, инчунин, пардохти ҷуброни он ҳангоми ба вуҷуд омадани зарар ва иҷрои саривақтии пурраи қоидаҳои агротехникӣ, бахусус киштгардон [6].

– Ҳарчанд, ки давоми солҳои 2016–2022 ба рушди соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 409 миллион доллари ИМА сармоягузории мустақими хориҷӣ равона гардида, бошад ҳам, вале ин ба 0,16 дарсади ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ баробар аст. Дар сурате, ки ҳаҷми воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар дар соли 2021 ба 43,0 дарсади ММД баробар буд. Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар раванди истифодаи сармоягузориҳои хориҷӣ таносуби ҳиссаи соҳаҳо дар сохтори ММД ба назар гирифта намешавад. Зиёда аз ин, соли 2022 ба ҳар як доллари сармоягузориҳои мустақими ба соҳаи кишоварзӣ равонагардида 327,8 ҳазор сомонӣ маҳсулоти умумии кишоварзӣ рост омад, ки нисбат ба соли 2016 тақрибан 5 маротиба камтар мебошад. Вазъи мавҷуда баёнгари он аст, ки масъалаҳои ҳавасмандкунонии марбут ба ташкили фаъолияти соҳибкорӣ, инкишофи бахши хусусӣ, инчунин, коҳиш додани сатҳи хароҷоти истеҳсолӣ ва беҳтар намудани вазъи инфрасохторҳои истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ пурра ба роҳ монда нашудааст.

–Соли 2022 шумораи корхонаҳои фоидаовар 803 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2016-ум 573 ё тақрибан 3,5 адад зиёд мебошад. Дар давраи таҳлилӣ шумораи корхонаҳои зараровар 381 ададро ташкил дода, нисбат ба соли 2016-ум 264 адад ё беш аз 3,2 маротиба зиёд мебошад. Бо вуҷуди он, ки соли 2022 ҳаҷми маблағи зарар ба ҳар як корхона 254,1 ҳазор сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2016-ум 50,4% камтар бошад ҳам, вале ҳиссаи корхонаҳои зараровар дар ҳаҷми умумии маблағи фоида ва зарар, тақрибан 50 дарсадро ташкил додааст. Илова бар ин, тибқи таҳлилҳои мо, ки муҳтавояшон дар ҷадвали 2.3.8. оварда шудаанд, танҳо соли 2022 ҳаҷми қарзҳои кредиторӣ 1822163,1 ҳазор сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2016-ум беш аз 7,2 баробар зиёд мебошад. Мо зимни натиҷаҳои таҳлили худ баъзе аз сабабҳои асосии вазъи баамаломада, яъне тамоюли пасту баландшавии шумораи корхонаҳои фоидаовар дар таъсири оқибатҳои манфии раванди тағйирёбии иқлим ва дигар омилҳое, ки боиси афзоиши ҳаҷми хароҷоти истеҳсолӣ мегардад, асоснок намудем.

–Мутаассифона, натиҷаҳои фаъолияти шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ гувоҳи он аст, ки сарфи назар аз бунёди рақобат, ҳанӯз ҳам натиҷаҳои молиявии хоҷагиҳои кишоварзӣ мусбат арзёбӣ карда намешаванд. Гузариш ба низоми худмаблағгузорӣ, сатҳи нокифояи дастгирии давлатӣ ва рақобат соҳибкорони кишоварзиро ба мушкилии таъмини самаранокии фаъолият, бахусус аз нуқтаи назари фоиданокӣ, мувоҷеҳ сохтааст. Ташкили ХДФ, ки мебоист истифодаи самараноки заминро таъмин мекард, мутаассифона, ҳоло вазъ чунин ба назар намерасад. Ин матлабро боз ба он метавон асоснок намуд, ки ХДФ ҳамчун соҳибкори инфиродӣ аз як гектар замин нисбат ба хоҷагиҳои аҳолӣ 3,5 баробар ва хоҷагиҳои ҷамъиятӣ 35,3 дарсад

кам маҳсулот истеҳсол намудаанд. Аз ин нуқтаи назар, хулоса намудан мумкин аст, ки ҳоло ХДФ ҳамчун соҳибкории инфиродӣ ҳанӯз дар самти истифодаи оқилонаи замин ба натиҷаҳои назаррас ноил нагардидаанд, ҳол он, ки 70 дарсади заминҳои истифодаи кишоварзӣ ва 82,3 дарсади заминҳои мазраъро дар ихтиёр доранд [7].

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, минбаъд ҳаллу фасли масъалаҳои зикргардида ба рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, афзоиши маҳсулоти кишоварзии рақобатпазиру ба содирот нигаронидашуда ва раванди таъмини амнияти озуқаворӣ, бахусус дар заминаи рушди бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ дар соҳаи зикргардида, мусоидат хоҳад кард.

## АДАБИЁТ

1. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. С–79.

2. Раҳимов М.З. Муаммои озодии фаъолияти соҳибкорӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷанбаҳои давлатӣ–ҳуқуқӣ). - Душанбе: ИфиП АИ ҶТ, 1996. – С.81–92.

3. Пириев ДЖ.С. Методические подходы к оценке природно – ресурсного потенциала сельского хозяйства Таджикистана//Доклады Таджикской академии сельскохозяйственных наук. – Душанбе, 2002. - №5-6. – 141

4. Иброҳимзода О.Ю. Такмили механизми ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории аграрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсия барои дарёфти н.и., 2023.–С-24,30,32.

5. Дар асоси маълумоти оморӣ аз ҷониби муаллиф таҳия гардидааст. **Эзоҳ:** I–МУК млн. сомонӣ, II– маблағи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, млн. доллар, III ба ҳар як доллари сармоягузоришуда ин қадар маҳсулоти кишоварзӣ рост меояд, ҳазор сомонӣ.

6. Молияи Тоҷикистон: 25 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. Душанбе, 2016. –С.132,133. Молияи Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2023.–С.86, 87, 88, 89, 90, 91.

7. Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. -Душанбе, 2023. – С.113–115.

8. Молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, 2023.– С.109.

9. Мирсаидов А.Б. Идиев М.Х. Мониторинги фаъолияти иқтисодӣ ва нақши он дар низоми идоракунии корхонаҳои кишоварзӣ//Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир, 2022 №4.–С.119-130, ISSN 2075-9584 Захираи электронӣ:https://www.coface.com/Economic-Studies-and-Country-Risks/Tajikistan.

10. Ҷадвалро муаллиф дар асоси маълумоти омории ҶДММ «Л.

Муродов», КИ «Тиҷорат» ва ҶДММ «Агротаъминот» тартиб додааст.

11. Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф.

12. Нишондиҳандаҳои гендрии ХДФ. Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, 2023. –С.16–18.

## ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОСТИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

**ОДИНАЗОДА АМИН ИБРАГИМОВИЧ,**
начальник Управления исследовании проблем предпринимательства и развития частного сектора ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 89;
тел.(+992) 988552690, e–mail: o–amin@mail.ru

*В статье рассмотрено и оценено уровень эффективности прямых иностранных инвестиций, объем дебиторской и кредиторской задолженности организаций и учреждений, особенно по обязательствам, а также финансовые результаты предприятия и хозяйствующих субъектов, осуществляющих деятельность в сфере сельского хозяйства. В рамках своего исследования автор с конкретными фактами выявил основные причины с экономической точки зрения нерентабельность большинства субъектов хозяйствования в сфере сельского хозяйства.*

***Ключевые слова:*** *прямые инвестиции, экономическая эффективность, дебиторская задолженность, залог, средства производства, финансовые результаты, прибыль, убыток, страхование, государственная гарантия.*

## ASSESSING THE EFFICIENCY OF ENTREPRENEURIAL ACTIVITY IN AGRICULTURE

**ODINAZODA AMIN IBROHIMOVICH,**
Head of the Department of analysis of entrepreneurship issue and development of the private sector of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tell.:(+992) 988-55-26-90; e–mail: o-amin@mail.ru

*The article examines and evaluates the level of effectiveness of foreign direct investment, the volume of receivables and payables of organizations and institutions, especially for obligations, as well as the financial results of the enterprise and economic entities operating in the sphere of agriculture. Within*

*the framework of his research the author with specific facts identified the main reasons from the economic point of view unprofitability of the majority of economic entities in the agricultural sector.*

***Keywords:*** *direct investments, economic efficiency, accounts receivable, collateral, means of production, financial results, profit, loss, insurance, state guarantee.*

УДК: 330.59

# РОҲҲОИ ПАСТ КАРДАНИ САТҲИ КАМБИЗОАТӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ

**ҒУЛОМНОСИРОВА ФАРЗОНА МАМАДНОСИРОВНА,**
муовини сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89;
тел.: (+99237) 227-15-83; e-mail: fmamadno@gmail.com

*Муаллиф дар мақола доир ба роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъсири он ба амнияти иқтисодӣ андешаҳои худро дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ баён кардааст. Дар мақола омӯзиши стратегияи барномаҳои миллӣ ва таҷрибаи малакатҳои хориҷӣ, ба мисли Русия, нишон дода шудааст. Роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатиро муаллиф дар ду қисмтағйирёбии миқдории аҳолӣ ва сохтори он; таваллуд, фавт ва сохтори шуғли аҳолӣ, даромадҳои аҳолӣ, дараҷа ва сифати зиндагӣ ва рушди илмию техникӣ ва навоварии самтҳои асосии тараққиёти илм, навоварӣ ва технологияро, ки муаяйнкунандаи рақобатоварии маҳсулоти миллӣ ва умуман иқтисодиёт мебошад, нишон додааст:*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти иқтисодӣ, сатҳи камбизоатӣ, рушди ҷомеа, даромад, рушди иқтисодию иҷтимоӣ.*

Дар замони ҳозира ягон соҳаҳои имрӯзаи ҷомеа наметавонад бидуниояндабинии рушди иҷтимоӣ ва фаъолияти ба мақсад мувофиқ амал намояд. Асосан, роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ аз соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, рушди ҷомеа, асоснок кардани ҷараёни сиёсати иқтисодӣ ва пешгӯйии натиҷаҳои қарорҳои қабулшуда аҳаммияти калон дорад. Аз ин рӯ, роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатии иқтисодию иҷтимоӣ яке аз омилҳои ҳалкунандаи илмии ташаккули стратегия ва татбиқи он дар рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад [1].

Тамоми кишварҳо бидуни таъмини амнияти иқтисодӣ наметавонанд рушд кунанд, зеро имрӯзҳо ҳар омили сунъию табиӣ ба фазои рушди амнияти иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад, хусусан таъсири сатҳи камбизоатӣ дар ин самт омили муҳим ба ҳисоб меравад.

Стратегияи амнияти иқтисодӣ бошад, шароитҳои мусоиди рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ, инчунин, ҳимояи манфиатҳои барои ҳаёт муҳимро аз хатарҳои дохилӣ ва берунӣ дар бахши иқтисодиёт таъмин менамояд. Фароҳам овардани чунин шарту шароитҳо, барои ғанӣ гардидани буҷаи давлат, аз ҷумла барои таъмини захираҳои

молиявӣ-иқтисодӣ, ки дараҷаи таъминоти зарурии амнияти миллиро дар бар мегирад, дар навбати аввал қобилияти мудофиавиро боъэтимод ва барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ вобаста ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум мусоидат менамояд. Таъмини амнияти иқтисодӣ аз рӯйи хусусиятҳои худ вазифаи стратегӣ ва дарозмуддат мебошад.

Мубрамият ва хусусияти замонавӣ доштани ин мавзуъ, чи дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва чи дар давраи иқтисоди гузариш, аз рӯйи дараҷаи дурнамосозии равандҳои рушди ҷомеа муайян карда мешавад, зеро боиси банақшагирию идоракунии самараноки иқтисод ва дигар соҳаҳо мешавад ва дар ниҳояти кор он метавонад бевосита ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ таъсир расонад.

Баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дар ин замина паст кардани сатҳи камбизоатӣ вазифаи муҳимму афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, баҳри расидан ба ҳадафи миллӣ дар доираи ин масъала то ин муддат дар мамлакат Стратегияҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2002-2006, барои солҳои 2007-2009 ва барои солҳои 2010-2012, “Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015” қабул карда шуда буд. Дар ҳар яке аз ин марҳалаҳо барномаҳои корӣ таҳия гардида, мутобиқи ин барномаҳо давлат фаъолияти худро ба роҳ мондааст. «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР) «Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030» (СБСНМТ) таҳия ва қабул гардид [2].

Роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: тағйирёбии миқдории аҳолӣ ва сохтори он; таваллуд, фавт ва сохтори шуғли аҳолӣ, даромадҳои аҳолӣ, дараҷа ва сифати зиндагӣ ва ғайра. Дигар роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ин рушдӣ илмию техникӣ ва навоварии самтҳои асосии тараққиёти илм, навоварӣ ва технологияро, ки муаяйнкунандаи рақобатоварии маҳсулоти миллӣ ва умуман иқтисодиёт мебошад, иҷро менамояд.

Аз рӯйи идоракунӣ роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

–дар доираи корхонаи алоҳида, бонкҳо, ташкилотҳо, ки хусусияти кӯтоҳмуддат дорад;

– минтақавӣ, ки дар доираи минтақаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ё дигар сохторҳои минтақавӣ тартиб дода мешавад;

– соҳавӣ, ки асосан доираи амалиёти соҳаҳои иқтисоди миллиро дар бар мегирад;

– проблемавӣ, ки доир ба инкишофи муаммоҳои алоҳидаи иқтисодӣ, илмию техникӣ, экологӣ ва ғайра тартиб дода мешавад;

– миллӣ, ки дар доираи мамлакат тартиб дода мешавад;

–байналмилалӣ, ки дар доираи иттиҳодҳои алоҳидаи мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ё умумибашарӣ тартиб дода мешавад.

Дар робита ба гузаштан ба модели бозории иқтисод дар Русия, раванди табақабандии ҷомеа якбора шиддат гирифт ва зарурати истифодаи усулҳои дар амалияи байналмилалии оморӣ васеъ истифодашавандаи таҳлили тафовути иҷтимоию иқтисодии аҳолӣ аз рӯйи пули нақд ба миён омад. Даромад дар асоси таҳқиқи намунавии ҳисоби хочагӣ. Воситаи муҳимтарини чунин таҳлил сохти тақсимоти ахолӣ тибқи дараҷаи даромади пулии миёна ба ҳар сари аҳолӣ мебошад, ки имкон медиҳад сатҳи некуаҳволии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ баҳогузорӣ ва арзёбӣ карда шавад. Ба табақаҳои иҷтимоии камдаромад, ки ба сиёсати мақсадноки иҷтимоии давлат эҳтиёҷ доранд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мегардад [13] .

**Ҷадвал 1.**

**Омилҳои фарқи даромади аҳолӣ**

| **Омилҳои фарқи даромад** | **Мисолҳо** |
|---|---|
| **Хусусиятҳои муҳити иҷтимоию иқтисодӣ** | |
| Сохтори бозор | Бозорҳои рақобати номукаммал (хусусан олигополия ва монополия); талабот ва таклиф ба кори дорои ихтисосхои гуногун |
| Омилҳои ҳудудӣ | Нобаробарии шаҳру деҳот, фарқҳои минтақавӣ ва соҳавӣ |
| Давраҳои иқтисодӣ | Бекорӣ |
| Мутобиқшавии нобаробари аҳолӣ ба доираи тағйирёбандаи имкониятҳои иқтисодӣ | Нобаробар таксим кардани фоида аз хусусигардонии моликияти давлатӣ |
| Ташкили институтсионалии иқтисодиёт | Афзалиятҳои аз ҷиҳати институтсионалӣ муайяншудаи мавқеи баъзе табақаҳои иҷтимоӣ нисбат ба дигарон: тафовути статус; мавҷуд будани муассисаҳои танзимкунандаи муносибатҳои ичтимоию меҳнатӣ |
| Омилҳои демографӣ | Таъсири ҷинс, синну сол, миллат ва тафовут дар ҳаракати аҳолӣ |
| Меъёрҳои ахлоқӣ ва ахлоқии ҷомеа | Ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои ташаккулёфта, интихоби усулҳои рафтори иқтисодӣ ва иҷтимоӣ |
| Системаи андоз | Андозбандии прогрессивӣ, мутаносиб, регрессивӣ; андоз аз амвол ва мерос |
| **Хусусиятҳои инфиродӣ** | |
| Омилҳои меросӣ | Қобилиятҳои модарзод, мерос ва имкониятҳои сармоягузорӣ |
| Сармояи инсонии ҷамъшуда | Маълумот, малакаҳои тиҷоратӣ ва касбӣ, муносибат ба хатар, саломатӣ |
| Навъи оила | Сарбории вобаста |
| Пайвастшавӣ | Сарпарастӣ, тавсиянома, бо кор таъмин кардани «худ», таъмин намудани характеристикаҳои ғайрирасмии ҷойи кор |
| **Хусусиятҳои табиати ғайричашмдошт** | |
| Садамаҳо | Ноомадӣ, бурди калон, бадбахтиҳо, бозорҳо |

| | |
|---|---|
| Зарбаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва табиӣ | Таварруми ғайричашмдошт |

Омилҳои гуногуне ҳастанд, ки ба фарқи даромад таъсир мерасонанд. Дар ҷаҳони муосир ба ғайр аз омилҳои маъмулӣ (сохтори бозор, қобилиятҳои инфиродӣ ва ғайра) меъёрҳои ахлоқию ахлоқии ҷомеаи муосир ва тафовутҳои ҳудудӣ дар ҷойи истиқомат дар афзоиши фарқи даромадҳо ва сатҳи зиндагии аҳолӣ нақши рӯзафзун мебозанд. Фарқи даромад боиси афзояндаи қутбшавии ҷомеа ва ба вуҷуд омадани низоъҳо дар байни табақаҳои аҳолӣ мегардад, ки ба сифати зиндагии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Бисёре аз муҳаққиқони муосир ба арзёбии таъсири фарқи даромад ба равандҳои иҷтимоӣ ва паҳлуҳои гуногуни ҳаёти инсон эътибор медиҳанд [18] .

Барои расидан ба мақсадҳо як қатор вазифаҳои муҳими иҷтимоиро ҳал намудан лозим аст:

–Якум, давра ба давра баланд бардоштани дараҷаи зиндагии аҳолӣ дар асоси рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД), самаранокии истеҳсолот, ташкили шароитои мусоид барои тавсияи талаботи дохилӣ, ки дар навбати аввал паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва кам намудани фарқи даромадҳои табақаҳои мухталифи аҳолиро аз ҳисоби тақвияти мувофиқи суроға (адрес) дастгирӣ намудани аҳолӣ, ҳавасмандгардонии музди меҳнат, таъмини дараҷаи самараноки шуғли аҳолии қобили меҳнат тақозо менамояд.

Дуюм, ташкили шароит барои расидан ба рушди истесолот дар асоси модернизатсиякунонии иқтисодиёт ва баланд бардоштани самаранокии он, ки гарави таъмини он суръатҳои рушди иқтисодӣ мегардад, ки дар дурнамои мазкур ва “Барномаи рушди иқтисодии ҷумҳурӣ дар давраи то соли 2015” пешбинӣ шудаанд:

–сиёсатеро ҷорӣ намудан лозим аст, ки он ба афзунгардонии ҳиссаи ашёи хоми маҳаллӣ дар ҷумҳурӣ коркардшаванда ва зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти дорои дараҷаи баланди изофа равона шудааст;

–кам кардани сатҳи масолеҳталабии истеҳсолот омили муҳимми баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот ба ҳисоб меравад, ки ба он таваҷҷуҳи махсус додан лозим аст, чунки солҳои охир хароҷоти истеҳсолот зиёд шуда истодааст.

–бо дарназардошти маҳдуд будани захираҳое, ки давлат метавонад онҳоро ба мақсадҳои сиёсати сохторӣ равон намояд, интихоби соҳаҳои афзалиятдошта аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Сеюм, муътадил гардонии фаъолият ва аз нав истеҳсолкунии захираҳои истеҳсолию технологӣ. Ин ҳолат зарурати онро пайдо менамояд, ки тавсияи манбаъҳои молиявии дохилии маблағгузориҳо, қабл аз ҳама, аз

ҳисоби даромадҳо ва андӯхтҳои бахши воқеии иқтисодиёт ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ сурат мегирад.

Чорум, ин ташкили муҳити институтсионалӣ, ки ҳавасмандгардонии рушди иқтисодиро дар асоси ҷалби сармоя ба бахши воқеии иқтисод таъмин намояд.

Панҷум, аз ҷониби давлат ба таври ҳатмӣ иҷро гардидани ҳамаи уҳдадориҳои молиявии он ва истифодаи буҷет ба сифати воситаи фаъоли сиёсати давлатии иқтисодӣ, ки ин дар навбати аввал ба баланд бардоштани самаранокии хароҷоти воситаҳои буҷетӣ вобаста аст.

Бояд қайд намуд, ки дар дурнамосозӣ тамоюлҳои объективии рушд муайян гарданд, вариантҳои меъёрие пешниҳод карда шаванд, ки бо тамоюлҳои муқарраркардашудаи рушд мувофиқат мекунанд, аз ҷумла навъҳои робитаҳои байниҳамдигарии ҷараёнҳои истеҳсолот, тақсимот ва истеъмолот бо дарназардошти маҳдудияти манбаъҳо ва маҳдудиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва инчунин, пешрафти илмию техникӣ ба ҳисоб меравад.

Вазифаҳои асосии сиёсати минтақавии иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба иҷрои он бояд диққати калон дода шавад, аз инҳо иборат мебошанд:

– тақвияти раванди ҳамгироии байниминтақавӣ ва беҳтар намудани сифати фазои иқтисодӣ;

– кам кардани фарқи дараҷаи рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳо;

– таъмини интиқоли озоди молҳо, хизматрасонӣ ва қувваи корӣ дар тамоми ҳудуд;

– таъмини шароитҳои баробар барои пешниҳод намудани қумаки давлатӣ;

–рушди асосҳои иқтисодию зудидоракунии маҳаллӣ.

Идоракунии татбиқи Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ тарзе сурат мегирад, ки аз ҷониби Ҳукумат ноил гардидан ба мақсадҳои Стратегия, сафарбаркунии захираҳои дохилӣ ва берунӣ, истифодаи нисбатан самарабахши онҳо, ҷалби ҳамаи гурӯҳҳои ҷомеа дар фаъолияти паст кардани сатҳи камбизоатӣ таъмин карда шавад, ки метавонад равандҳои зеринро дар бар гирад:

1. Дар раванди татбиқи СПКСК, Шурои миллӣ, ки дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил гардидааст, эҳтимол меравад, ки дар он намояндагони Ҳукумат, парлумон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ иштирок хоҳанд кард, нақши роҳбарикунандаро ба ҷо меорад. Ин Шуро Стратегияи умумии ислоҳотро муайян карда, ҳисобот доир ба ҷараёни татбиқи СПКСК-ро баррасӣ менамояд ва ташаббускории таҳияи СПКСК–и нав хоҳад буд. Котиботи Стратегияи миллии рушд фаъолияти ҳамарӯзаро доир ба ҳамоангсозии азму талоши иштирокчиёни давлатӣ ва ғайридавлатиро ба

раванди татбиқи СПКСК анҷом дода, таҳияи мақоми ҳуқуқии СМР/СПКСК, таҳлили натиҷаҳои раванди иҷрои СПКСК, таҳияи пешниҳодҳо оид ба тавзеҳи СПКСК-и амалкунанда ва таҳияи СПКСК-и нав, таъмини мартабот (субординатсия) ва мақсаднокии ҳамаи барномаҳо ва стратегияҳои давлатии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро таъмин хоҳад кард.

2. Ҳамаи фаъолияти амалӣ доир ба татбиқи Стратегия аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоҳанг хоҳад шуд. Ҳамзамон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқати Барномаи миёнамуҳлати буҷавӣ ва буҷетҳои солонаро вобаста ба мақсад, вазифаҳо ва чорабиниҳои СПКСК таъмин менамояд. Вазоратҳои соҳавӣ, идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мақомоти кории асосӣ хоҳанд буд, ки СПКСК-ро дар доираи соҳаҳо ва минтақаҳои дахлдор татбиқ менамоянд. Онҳо барои татбиқи фаслҳои дахлдоре, ки қисми таркибии СПКСК мебошад, масъулият доранд. Ҳукумат ҳамкориҳои конструктивиро бо ташкилотҳои донорӣ анҷом дода, истифодаи ҳамоҳангшуда ва ҳаддалимкон самарабахши кумаки берунаи ба кишвар фароҳамовардаро таъмин менамояд, инчунин, барои ба иқтисодиёт ҷалб намудани маблағгузориҳои мустақими хориҷӣ ва дохилӣ шароитҳои мусоид фароҳам меорад.

3. Парлумон бояд ифодаи қонунии сиёсати чорабиниҳои пешбиникардаи Стратегия, инъикоси мақсад ва афзалиятои СПКСК-ро дар ҷараёни баррасӣ ва тасдиқи буҷети давлатӣ таъмин намояд.

4. Дар татбиқи СПКСК ба ташкилотҳо, ҷомеаҳои шаҳрвандӣ, ки бояд неруи ҷамъиятиро барои ноил шудан ба мақсадҳои Стратегия сафарбар намоянд, нақши муҳим ҷудо карда шудааст. Шаклҳои иштироки ҷомеаҳои шаҳрвандӣ аз хизматрасонии иҷтимоӣ, паҳн намудани иттилоот доир ба СПКСК дар байни аҳолӣ, иштирок дар мониторинги СПКСК ва раванди машваратҳо вобаста ба татбиқи он, таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ доир ба ҷараёни татбиқи СПКСК иборат хоҳад буд. Ҳамзамон, ҳамкории самарабахши мутақобила ва шариконаи мақомоти давлатӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ таъмин хоҳад гашт. Махсусан, саҳми ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати ҷалби ҷомеаҳои маҳаллӣ ва раванди татбиқи СПКСК ниҳоят муҳим аст.

5. Функсияҳо ва масъулияти мақомоти гуногуни идоракунии давлатӣ дар раванди татбиқи СПКСК, инчунин, мавқеи Стратегияи миллии рушд ва СПКСК дар системаи меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон бо санади махсуси меъёрӣ, ки қабули он дар соли 2007 таъмин шудааст, танзим мегардад.

6. Яке аз унсурҳои муҳими системаи идоракунии татбиқи СПКСК аз Системаи мониторинг ва арзёбии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ иборат мебошад. Он барои арзёбии пешрафт дар фаъолият ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои СПКСК, таҷрибаи мусбати андӯхта ва

проблемаҳои мавҷудаи татбиқи Стратегия, таҳлили раванди рушд дар доираи СПКСК ва таҳияи пешниҳодҳои асоснок доир ба тавсеи сиёсати паст кардани камбизоатӣ, ки ба баланд бардоштани самарабахшии он нигаронида мешавад, таъйин гардидааст. Системаи мониторинг ва арзёбии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил байни қарорҳои қабулгардида ва натиҷаҳои татбиқи амалии он, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ доир ба фаъолияти марбут ба мақсадҳои СПКСК таъмин карда шавад.

7. Таъмини арзёбии мустақим, шаффофият ва ҳисоботӣ, самтгирӣ ба натиҷаҳо ва афзалиятҳои Стратегия, истифодаи усулҳои нисбатан муосири мониторинг, ҷалби парлумон, мақомоти ҳокимияти иҷроияи ҳамаи сатҳо, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва шарикон доир ба рушд яке аз усулҳои асосии мониторинг ва арзёбии СПКСК ба ҳисоб меравад.

8. Сохтори системаи мониторинг ва арзёбӣ. Асоси Системаи мониторинг ва арзёби Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро мақсадҳои миқдоран муайян намудаи Стратегия ташкил медиҳанд. Барои арзёбии пешрафти кишвар ҷиҳати ноил шудан ба ин мақсадҳо системаи индекаторҳо истифода бурда мешавад, ки имкон медиҳад таъсирнокӣ ва самарабахшии тадбирҳои сиёсати дар СПКСК инъикосёфта баррасӣ гардад. Зерсистемаи асосии Системаи мониторинг ва арзёбии Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатиро системаи ҷамъоварии маълумот дар бораи аҳаммияти индикаторҳои мониторинг ва дигар иттилооти миқдорию сифатӣ, ки рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистонро тавсиф менамояд, ташкил хоҳад дод [14].

## АДАБИЁТ


1. Барномаи рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015 сол. – Вазорати рушди иқтисод ва савдо. – Душанбе, 2003.

2. Стратегияи дарозмуҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2030. –Душанбе, 2016.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 28 декабри соли 2023 // Ҷумҳурият, 29 декабр соли 2023.

4. Қонун «Дар бораи дурнамоҳои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон».- Душанбе, 21 ноябри соли 2003. №439.

5. Государственное регулирование рыночной экономики: Учебник /Под ред. Кушлина В.И., Волгина Н.А. – М.: Экономика, 2001. - 735 с.

6. Камолов С.А. Масоили беҳтарсозии вазъи қарзи берунии Тоҷикистон /Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2005. - № 1. – С.105-115/

7. Лабанов Е. Стратегическое управление. –М.: Экономика, 1989.

8. Лабанов Е. Стратегическое планирование и прогнозирование на предприятиях //Экономический журнал. -1992. -№5. – С. 76-93.

9. Лебедева Н.Н. Институциональный механизм экономики: сущность, структура, развитие. – Волгоград: Изд-во Волгу, 2002.–326 с.

10. Мельник А.И. Стратегическое планирование на этапа перехода к рыночным отношениям. –СПБ: Издательство СПБ УЭФ, 1996.

11. Прогнозирование и планирование в условиях рынка: Учеб. / Под ред. Т.Г. Морозовой, А.В. Пикулькина. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2003. – 279с.

12. Райзберг Б.А. Государственное управление экономическими и социальными процессами: Учеб. пособие. –М.: ИНФРА-М, 2006. -384 с

13. Рахимов Р.К. Экономическая эффективность: некоторые вопросы теории и практики // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2005. - № 1. – С. 22-38.

14. Солиев Ҳ.Ҳ. Рушди иқтисодию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004 ва вазифаҳо барои соли 2005 //Иқтисодиёти Тоҷикистон: стратегияи тараққиёт. – 2005. - № 1.– С. 5-21.

15. Ходов Л.Г. Государственное регулирование национальной экономики: Учебник. – М.: Экономист, 2004. – 620 с.

16. Ходжсон Дж. Экономическая теория и институты: Манифест современной институциональной экономической теории / Пер. с англ. – М.: Дело, 2003. – 464 с.

17. Ҳакимов А.Ҳ. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: Ирфон, 2005. - 416 с.

18. Ҳакимов А.Ҳ. Иқтисоди миллӣ: асосҳои бехатарӣ ва рақобатпазирӣ. Воситаи таълим. – Душанбе: Ирфон, 2007. - 488 с.

19. Экономика: Учебник /Под ред. А.С. Булатова. М.: Экономистъ, 2004. – 896 с.

## СПОСОБЫ СНИЖЕНИЯ УРОВНЯ БЕДНОСТИ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ЭКОНОМИЧЕСКУЮ БЕЗОПАСНОСТЬ

**ГУЛОМНОСИРОВА ФАРЗОНА МАМАДНОСИРОВНА,**
заместитель начальника Управления анализа макроэкономических вопросов Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 89;
тел .: (+99237) 227-15-83; e-mail: fmamadno@gmail.com

*В статье о способах снижения уровня бедности и его влиянии на экономическую безопасность автор изложил свои взгляды, основанные на изучении научной литературы. В статье показано стратегическое*

*изучение национальных программ и опыт зарубежных государств, таких как Россия. Способы снижения уровня бедности показаны автором в двух частях: количественное изменение численности населения и его структуры; изучены рождаемость, смертность и структура занятости населения, доходы населения, уровень и качество жизни и научно-техническое развитие, и инновации основных направлений развития науки, инноваций и технологий, определяющих конкурентоспособность национального продукта и экономики в целом.*

***Ключевые слова:*** *экономическая безопасность, уровень бедности, развитие общества, доходы, социально-экономическое развитие.*

## WAYS TO REDUCE POVERTY AND ITS IMPACT ON ECONOMIC SECURITY

**GHULOMNOSIROVA FARZONA MAMADNOSIROVNA,**
Deputy head of the Department of Analysis of Macroeconomic Issuses of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 89;
tel.: (+99237) 227-15-83; e-mail: fmamadno@gmail.com

*In the article on ways to reduce poverty and its impact on economic security, the author outlined her views based on the study of scientific literature. The article shows the strategic study of national programs and the experience of foreign countries such as Russia. Ways to reduce poverty are shown by the author in two parts: quantitative change in the number of population and its structure; the birth rate, mortality and employment structure of the population, population income, standard of living and quality of life and scientific and technological development, and innovation of the main directions of development of science, innovation and technology that determine the competitiveness of the national product and the economy as a whole are studied.*

***Keywords:*** *economic security, poverty level, social development, income, socio-economic development.*

УДК: 336

# РУШДИ ЭКОСИСТЕМАҲОИ БОНКӢ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

**ОДИНАЕВ ҲУСАЙН САИДРАҲМОНОВИЧ,**
докторанти (Phd) Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734055, Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ ½;
тел: (+992) 939-22-70-00; e-mail: husayn_odinaev_89@mail.ru

*Мақолаи мазкур масъалаҳои рушди экосистемаҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва татбиқи навовариҳои технологии марбут ба ташкилотҳои қарзиро бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо мавриди омӯзиш қарор додааст. Воқеан ҳам, таҳияи экосистема ба бонкҳо имкон медиҳад, ки дар шароити воридшавии рақибони рақамӣ ба бозори хизматрасониҳои бонкӣ мавқеи худро дар он нигоҳ доранд.*

*Таҳқиқи масъалаи мазкур тақозои замон буда, бонкҳо пайваста барои воридшавӣ ба сегментҳои нави фоидаовартари бозори молиявӣ талош меварзанд ва дар самти рушди экосистема хизматрасониҳои худро васеъ менамоянд. Бинобар ин, барои мавқеи худро дар бозори хизматрасонӣ боз ҳам устувортар ва рақобатпазир нигоҳ доштан, ташкили платформаи хизматрасониҳои бонкӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ талаботи замон мебошад. Зеро ҳадафи калидии ташкили платформаҳо дақиқ буда, барои қонеъ намудани тамоми ниёзҳои мизоҷони бонкҳо муҳим арзёбӣ мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *экосистема, бонк, стратегия, иқтисоди рақамӣ, технологияҳои инноватсионӣ, идоракунӣ, ташаккул, самаранокӣ, рақобат.*

Имрӯзҳо ташкилотҳои қарзӣ дар пешбурди соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ нақши хосса дошта, дар рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар заминаи асосӣ мегузоранд. Бо дарназардошти ин, гузариш ба низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ талаби замон буда, дар заминаи истифодаи босамари технологияҳои рақамӣ бо ташаккул додани муҳити инноватсионии созгор ба роҳ монда мешавад.

Мусаллам аст, ки рушди экосистемаҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ муҳимтарин омили мусоидаткунанда дар расидан ба ҳадафҳои калидии соҳа хоҳад буд. Тамоюли муосири рушди низоми бонкии кишвар ба бунёди экосистемаҳои бонкии рақамӣ алоқамандии зич дошта, бо ин усул онҳо метавонанд тамоми хизматрасонӣ ва маҳсулоти бонкиро бо хосиятҳои муосиру рақобатпазир дар бозори бонкӣ фароҳам

оваранд. Дарвоқеъ, имрӯзҳо истилоҳи «экосистема» дар соҳаҳои тиҷорат ва илм, бахусус дар робита ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бештар мавриди истифода қарор гирифта, дар ин самт таваҷҷуҳ беш аз пеш меафзояд.

Лозим ба ёдоварист, ки мафҳуми "экосистема" бори аввал ба иқтисодиёт аз биология ворид шудааст. Ба ақидаи олими ботаники англис Артур Тансли, калимаи мазкурро дар солҳои 1930-ум барои тавсифи ҷамоаҳои маҳаллии организмҳо истифода бурда, бо муҳити зисти онҳо якҷоя дар муҳити берунӣ ва дохилӣ барои инкишоф рақобаткарда (ҳаво, об, замин ва ғайра рушд мекунанд ва ба зарбаҳои беруна мутобиқ мешаванд. [8] Сипас истилоҳи «экосистема»-ро соли 1993-юм муҳаққиқ ва стратеги тиҷорат Ҷеймс Мур дар мақолаи худ дар Ҳарварди Business Review таҳти унвони «Дарандаҳо ва сайд: экологияи нави рақобат» истифода намуда, ӯ фаъолияти ширкатҳои тиҷоратии дар ҷаҳон ба ҳам алоқаманд бударо ба ҷомеаи организмҳое муқоиса намуд, ки чӣ гуна барои боқӣ мондан мутобиқ ва таҳаввул мекунанд. Дар ин хусус муҳаққиқон: Д.С. Вахрушев, А.Е. Калсин ва Г.Д. Нидерштрат [2, 92] қайд менамоянд, ки моҳияти "экосистема"-ро ҳар як бонки тиҷоратӣ ба таври худ муайян мекунад: баъзе бонкҳо шабакаи шарикони худро бо таъминкунандагони молҳо ва хидматҳои ғайрибонкӣ васеъ месозанд, дигарон бо риояи консепсияи бренди "чатр" хидматҳои нави худро эҷод мекунанд ва дигарон дар шакли бозор онро ташкил медиҳанд.

Аслан, масъалаи рушди бонки тиҷоратӣ ва экосистемаи он тавассути беҳтар намудани хизматрасониҳои дурдасти бонкӣ мавзуи муҳимми омӯзиш, ҷустуҷӯйи самтҳои мушкилот ва таҳияи тавсияҳо буда, татбиқи онҳо ба рушди устувори низоми бонкии муосир мусоидат мекунад [6].

Сарфи назар аз гуногунии мушоҳидаҳо бо мақсади мукаммалгардонии ҷараёни рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, заминаҳои ҳуқуқии ин соҳа сол то сол мустаҳкам шуда, санадҳои гуногуни меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуда истодаанд. Чунончи, 22-юми июни соли 2023 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" қабул шуд, ки тибқи он аз 1-уми августи соли 2023 ҳамаи навъҳои хизматрасониҳои муздноки давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ мешаванд [4]. Дар ин замина, экосистема ҳамчун модели нави рушди фаъолияти бонкии кишвар дониста шуда, имрӯзҳо дар баробари марҳалаҳои ташаккул, рушди экосистемаҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро имрӯз мо бештар намунаҳои маҳсулоти муваффақи IT ё ширкатҳои хизматрасониро мебинем, ки дар як давраи муайян ба таври органикӣ ба экосистема табдил меёбанд.

Зимнан, бахши бонкии кишвар имкон дорад бо татбиқи иқтисоди рақамӣ, инфрасохтор, технологияи кунунӣ, мизоҷон ва сармоягузорӣ ва муҳимтар аз ҳама, таҷрибаи ҷиддии рафъи давраҳои бӯҳронӣ, яке аз

пешсафон дар эҷоди экосистемаҳо гардад. Ин ҷо суоле ба миён меояд, ки чаро бонкҳо дар атрофи худ экосистема эҷод мекунанд ва ин ба истеъмолкунанда чӣ медиҳад? Дар ин хусус метавон гуфт, ки аслан экосистемаи бонк фазоест, ки дар он бонк баъзе имтиёзҳо ё имкониятҳои махсус дода, дар он истеъмолкунанда метавонад ба як қатор хизматҳои гуногун ворид ва дастрасӣ пайдо кунад. Ин метавонад платформаи алоҳидае бошад, ки дар он ҳама пешниҳодҳо ё рӯйхати хизматрасониҳо ҷойгир карда мешаванд. Пас метавон гуфт, ки экосистемаҳои бонкӣ ҳамчун усули фаъолияти инноватсионӣ буда, бо ҳадафи рақамикунонии ҷомеаи муосир, табдили ҷаҳонии рақамии фаъолияти тиҷоратӣ, молиявӣ ва қарзӣ ба роҳ монда мешавад. Бо ин усул ҳарчи бештар равиши экосистема афзоиш хоҳад ёфт. Аммо муҳаққиқи рус А.Г.Наришкин [5] қайд менамояд, ки “…равандҳои инноватсионӣ дар аксари бонкҳо бо истифода аз равиши куҳна идома дошта, ин равандҳо тағйироти рақамӣ ва ислоҳоти сохтории васеъро талаб мекунад, ки тамоми низомро фаро гирад.

Дарвоқеъ, бонк ҳамчун ташкилоти молиявие, ки фаъолияти асосии он аз ҷалби маблағҳо ва ҳисоббаробаркуниҳо иборат мебошад, татбиқи муосиртарин барномаҳо ва ҷорӣ намудани низомҳои дастрасро барои ҷомеа тақозо менамояд. Бо дарназардошти ин, бонкҳо ҳамчун миёнарави молиявӣ байни онҳое, ки маблағҳои мавҷуда доранд ва онҳое, ки ба захираҳои иловагӣ ниёз доранд, мунтазам амал менамоянд. Бо ин усул миқдори пули нақд дар муомилот коҳиш ёфта, бо истифода аз технологияи ҷадид муомилоти ғайринақдӣ ва фосилавии пул рушд хоҳад ёфт.

Дар ин хусус мутахассиси соҳа Муқтадар Аҳмад [12] иброз менамояд: “…аллакай, стратегияҳои экосистема бонкҳоро ба муштариён бештар мувофиқ карда, барои ба даст овардани саҳмияҳои калонтар суръат мебахшад ва барои рақобат дар ҷаҳони рақамӣ кумак мекунанд. Шарикиҳои экосистема имрӯз бонкҳоро ба муштариён бештар мувофиқ мегардонанд ва метавонанд дар оянда барои даромаднокии бонк аҳаммияти ҳалкунанда дошта бошанд”. Зимнан, платформаи рақамӣ дар расми 1 нишон дода шудааст.

Вобаста ба ин, таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳкими низоми пардохтҳои электронӣ ба рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ ва низоми молиявии кишвар заминагузор мебошад. Дар баробари ин, имрӯз истилоҳи «экосистема» пайдарпай тамоми соҳаҳои гуногунро фаро гирифта, аксари ширкатҳо ва ташкилоту корхонаҳо барои самаранокӣ ва мубодилаи арзишҳо бо мизоҷони худ беш аз пеш муттаҳид шуда истодаанд. Мисоли равшан аст, ки ҳанӯз дар давраҳои аввали хуруҷи беморӣи сироятии “КОВИД-19” заифии қобилиятҳои рақамии бештари бонкҳо эҳсос гардида, якбора бо ҷорӣ намудани низоми инноватсионӣ тавассути технологиҳои иттилоотию иртиботии муосир низоми

хизматрасониҳои бонкии кишвар куллан тағйир ёфт. Албатта, дар кӯтоҳтарин муҳлат ҳамёнҳои электронӣ ва замимаҳои махсуси телефонии ташкилотҳои молиявӣ ва ширкатҳои алоқаи мобилӣ роҳандозӣ шуданд, ки аз ҷониби муштариён низ хуб пазируфта шуданд. Бахусус, хуруҷи пандемияи "КОВИД-19" дар ҷаҳон боис гардид, ки пардохтҳои электронӣ дар иқтисодиёт аҳаммияти бештарро касб намоянд.




**Расми 1. – Платформаи рақамӣ.** *Манбаъ: Таҳияи муаллиф*

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин давра бо сода кардани хизматрасониҳо ва сохтани замина ба экосистемаҳои шахсӣ тавассути ҳамёнҳои мобилӣ ва замимаҳои телефонӣ муомилоти ғайрнақдии пул такони тоза хӯрд. Инак, имрӯзҳо муомилоти ғайрнақдӣ бо ҳамёнҳои мобилӣ ва замимаҳои телефонӣ аз сӯйи муштариёни «Алифбонк» хизматрасонии бонкии "Alif-mobi", аз КВД ҶТ «Амонатбонк» хизматрасонии бонкии "Амонатмобайл", аз бонки «Арванд» хизматрасонии бонкии "Арванд", аз «Спитаменбонк» хизматрасонии бонкии "Spitamenpay", аз «Комерсбонк Тоҷикистон» хизматрасонии бонкии "Фаврӣ", аз «Бонки Эсхата» хизматрасонии бонкии "Эсхата онлайн", аз низоми пардохтии «Тамвил» хизматрасонии "Atlaspay", аз «Dushanbe city» хизматрасонии "DC Wallet", аз "Имон Интернешнл" хизматрасонии "IMON online", аз «Ҳумо» хизматрасонии "Humo Online", аз ширкати «Мегафон Тоҷикистан» хизматрасонии "МегаФон Life", аз «Вавилон-Мобайл» хизматрасонии "MyBabilon" ва замимаи «ТезСум» аз ширкати "Tcell" ва "Аввалин бонки молиявии хурд" васеъ истифода бурда мешаванд.

Дар замони муосир технологияи иттилоот ҷомеаро шомили муҳити кор, манзил ва фароғат намуда, шадидан таҳти таъсири худ қарор додааст. [7, 206]. Мантиқист, ки бонкҳо мунтазам талош меварзанд, ки ба сегментҳои нави фоидаовартари бозори молиявӣ ворид шаванд ва хизматрасониҳои худро дар самти рушди экосистема васеъ намоянд. Бо ин усул, дар баробари ташкили платформаи хизматрасониҳо мавқеи худро дар бозори хизматрасонӣ устувортар нигоҳ хоҳанд дошт. Чунки ҳадафи ташкили платформаҳои мазкур маҳз қонеъ кардани тамоми ниёзҳои муштариёни бонкҳо аз фармоиши таксӣ то пур намудани эъломияи андоз ё гирифтани қарз ба ҳисоб меравад. Ё ин, ки ба ибораи дигар гӯем, бо сарфаи вақт ва коҳиш ёфтани навбатпоиҳои муштариён метавонанд ба як ҷо рафта, ё ба таври фосилавӣ ҳама чизи зарурии худро харид намоянд.

Дар баробари ин, тибқи маълумоти Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳолати 31 декабри соли 2023-юм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмуъ, 63 ташкилоти қарзии молиявӣ фаъолият менамоянд, ки аз онҳо:

- 15 бонки анъанавӣ;
- 1 бонки исломӣ;
- 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ;
- 19 ташкилоти амонатии қарзии хурд;
- 3 ташкилоти қарзии хурд;
- 25 фонди қарзии хурд.

Бо дарназардошти ин, теъдоди воҳидҳои сохтории онҳо дар ин давра 1897 ададро ташкил намуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли қаблӣ 35 адад зиёд гардидааст [10]. Дар ин бобат пажуҳишгарон О.Қ. Муртазоев, Л.М. Ҳалимов, З.С.Султонов қайд менамоянд, ки: "…имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро рушди бо шароити зуд тағйирёбандаи муҳити инноватсионӣ фаро гирифта, бо суръати кайҳонӣ пеш рафта истодааст. Аз ин рӯ, ҳаёти имрӯзаи одамон бо истифодаи мақсадноку босамари технологияи рақамӣ ва рақамикунонӣ дар соҳаи истеҳсолот, тиҷорат ва хизматрасонӣ муҳимтарин омили рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионии мамлакат дониста мешаванд. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи рушди иқтисодиёти рақамӣ қарор дошта, он барои рушди иқтисоди миллӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад" [3]. Дар ин раванд соли 2023-юм 6,7 млн. адад кортҳои пардохтии бонкӣ, 8,7 млн. адад ҳамёнҳои электронӣ, 6 939 POS-терминал, 12,6 QR–рамзи ягона, 2 240 банкомат ва 3492 терминали электронӣ дар хазинаҳои воҳидҳои сохтории бонкҳо насб карда шудаанд, ки дар қиёс ба солҳои қаблӣ мунтазам афзоиш ёфтаанд. Дар натиҷа, тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ (кортҳои пардохтӣ ва ҳамёнҳои электронӣ) ба маблағи 15,5 млрд, сомонӣ амалиёти ғайринақдии пардохти молу

хизматрасонӣ анҷом дода шудаанд, аммо барои расидан ба ҳадафҳои асосии кишвар нокифоя боқӣ мемонад.

Дар ин замина, бо такя ба нуктаҳои асосии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 28-уми декабри соли 2023 ба Маҷлиси Олии кишвар ироагардида, бахусус қайд намуданд, ки: *“...Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо дарсади паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд”* [1].

Метавон гуфт, ки дар шароити рақобатҳои шадиди бонкҳои ватанӣ шумораи корбарони платформаҳои бонкии кушода давра ба давра афзоиш ёфта, гардиши пардохтҳои электронӣ ва тиҷорати сабз бо таҳвили молу маҳсулот рушд менамояд. Бинобар ин, унсурҳои асосии экосистемаи бонкӣ дар расми 1 возеҳу равшан оварда шудаанд:




**Расми 2.–Унсурҳои асосии экосистемаи бонкӣ ва инкишофи хизматрасониҳои молиявӣ.** *Манбаъ: Таҳияи муаллиф.*

Аз расми 1 дида мешавад, ки имрӯзҳо доираи васеи хизматрасониҳо ва маҳсулоти бонкӣ боис гардида, дар доираи соҳаҳои гуногуни ҷомеа экосистемаҳои бонкӣ тақвият меёбанд. Дар заминаи ин, тавассути

платформаи рақамӣ мизоҷону шарикони тиҷоратӣ ҷалб гардида, бо таҳкими хизматрасониҳои гуногун ҳамчун шарикони боэътимод муттаҳид карда мешаванд. Вобаста ба ин, бонкҳо метавонанд бо истифода аз платформаи тиҷорати электронӣ ва хизматрасониҳои онлайнии бозоргир доираи фаъолияти худро васеъ намоянд ва мизоҷон, новобаста аз вақту соат, ба онҳо дастрасӣ дошта бошанд. Бахусус, баланд бардоштани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ зарур дониста шуда, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳо аз ҷорӣ намудани технологияи муосири рақамӣ ва пешниҳоди хизматрасониҳои муосир вобастагии калон дорад.

Мусаллам аст, ки дарояндаи наздик тамоюли рақамикунонӣ ба мақсаднокии бонкҳо суръат мебахшад ва фаъолияти онҳоро низ тақвият хоҳад дод. Комилан, ҳадафҳои асосии экосистемаҳои бонкӣ муайян буда, бештар дар платформаҳои худ муттаҳид кардани ҳама маълумот барои муштариён мебошанд. Аслан, ду роҳи эҷоди экосистема вуҷуд дорад. Аввал, бунёди экосистемаи умумӣ мебошад, ки дар он ҳадаф ҳарчи бештар пӯшонидани ниёзҳои ҳаррӯзаи мавҷуда ва эҳтимолии мизоҷон дар як барнома ва дуюм, бунёди экосистемаи соҳавӣ, ки бештар эҳтиёҷоти муштариёнро дар як соҳаи ҳаёт (харидани хона, таҳсил, дору ва ғайра) қонеъ карда метавонад. Масалан, таҷрибаи бонкҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки роҳи дуюми эҷоди экосистема самараи бештар дорад, зеро ташкилотҳои қарзӣ маҳз ҳамин роҳро сипарӣ намуда, дар атрофи он экосистемаҳоро бо хариди хона ва ё дигар заруратҳо пайдарпай инкишоф медиҳанд.

Бояд гуфт, ки экосистемаи бонкӣ бо барномаи мобилии бонк, ки асосан хизматҳои молиявиро пешниҳоди мизоҷон менамояд, набояд омехта карда шавад, чунки бо экосистема ҳама чиз дар як ҷо бо якчанд клик дастраси муштарӣ буда, корбарон натанҳо ба маҳсулоти молиявӣ, балки ба хизматрасониҳои бозор низ дастрасӣ пайдо менамоянд. Ё ин, ки замоне аҳолӣ бо телефон таксиро дархост мекарданд, алҳол бошад, бештари аҳолӣ истифодаи барномаҳоро дар ин самт афзалтар медонанд. Пас экосистемаи бонкӣ барои мизоҷон чӣ бартарӣ хоҳад дошт, ки он дар расми 3 оварда шудааст.

Муҳимтар аз ҳама, бонкҳо бо экосистемаи худ ва таъсиси платформаи рақамӣ ҳамкориҳои шарикиро густариш дода, бо дархостҳои худ хизматҳои зиёдеро барои ҳама ҳолатҳо ҷорӣ мекунанд, аз қабили пардохти хизматҳо, харид, мошинҳо, хӯрокворӣ, фароғат, доруворӣ ва дорухонаҳо, таксӣ, таваққуфгоҳ, хизматрасонии манзилию коммуналӣ ва ғайра онлайн муттаҳид карда мешаванд.




**Расми 3. – Бартарии экосистема ва самаранокии фаъолияти бонкӣ.** *Манбаъ: Таҳияи муаллиф.*

Дар ин раванд, ҳар як бонк худро ҳамчун гуногунсамт ва муосиру дастрас барои муштариён муаррифӣ хоҳад намуд. Дар баробари ин, бонк ба сифати миёнарав дар муомилот баромад намуда, пардохти молу хизматрасониро кафолат ва харидорро аз хавфу хатарҳои эҳтимолӣ эмин нигоҳ медорад. Дар ин росто, олими иқтисодшинос Ю.С.Эзрох [11] қайд намудааст: "… экосистемаҳои бонкӣ, бешубҳа,ояндаи бонкҳо мебошанд. Бидуни танзими муайяни давлатӣ, ин варианти рушд дар оянда бо мушкилоти ҷиддӣ мувоҷеҳ мешавад".

Ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафҳои асосӣ дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» омадааст: "…сатҳи нокифояи воситаҳои ниҳодҳои молиявии амалкунанда (бонкҳо, ТХҚ, ширкатҳои суғуртавӣ ва ғайра) боиси пешниҳоди номгӯйи маҳдуди хизматрасонии молиявӣ, хусусан хизматрасонии кӯтоҳмуҳлат гардида, ба талаботи бахши воқеӣ ҷиҳати азнавсозии иқтидори истеҳсоли онҳо мувофиқат намекунад" [9, 70].

Аз маълумоти дар боло овардашуда аён мегардад, ки бозори бонкии кишвар хеле динамикӣ рушд намуда, рақамикунонии пуршиддатро аз сар гузаронида истодааст ва рақобатпазир низ мебошад. Аз ин лиҳоз, итминони комил дорем, ки модели экосистемаояндаи бахши бонкӣ буда, вазифаҳои муқаррарии моро боз ҳам осонтар мегардонад. Дар ин росто, ҷиҳати самаранок иҷрои ниёзҳои муштариён, анҷоми як қатор корҳо дар ин самт тақозои замон мебошад. Аз ҷумла:

–татбиқи пурраи барномаҳои давлатӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар сатҳи зарурӣ;

–омода намудани малакаҳои нави корӣ ва кадрҳои баландихтисосу бозоргир дар бозори меҳнат дар соҳаи технологияҳои рақамӣ;

–такмили фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар самти татбиқи иқтисодиёти рақамӣ;

–таъмини рақобатпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ.

Ҳамин тариқ, дар шароити рақобати шадид бонкҳоро зарур аст, ки ба вазъ ва тағйироти бозор диққати хосса ва дар ҳолати лозима фавран вокуниш нишон диҳанд. Дарвоқеъ, бонкҳо сатҳи даромаднокӣ ва равандҳои фаъолияти худро дар сатҳи замонавӣ ба осонӣ нигоҳ дошта наметавонанд. Пас бонкҳоро лозим аст, ки аз дермонӣ дар истифода ва таҷдиди технологияҳои муосир худдорӣ намоянд. Албатта, ки қобилиятҳои техникии платформа ба ташаккули иқтисоди рақамӣ ва дастрасӣ ба иттилоотро беҳтар ва хубтар хоҳад кард.

## АДАБИЁТ


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». 28.12.2023, ш. Душанбе, [Захираи электронӣ] http://president.tj/node/32191

2. Вахрушев Д.С., Кальсин А.Е., ва Нидерштрат Г.Д. Цифровизация как фактор формирования банковских экосистем: современные тенденции и актуальные вопросы регулирования//Вестник Тверского государственного университета. Серия: Экономика и управление. 2021. № 4 (56). С. 91–103

3. Муртазоев О.Қ., Ҳалимов Л.М., Султонов З.С. Рақамикунонии иқтисоди миллӣ ва равандҳои асосии ташаккулёбии он//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон–Душанбе:ТГУК, 2023. - №4(45).-С.287-294

4. Нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон//Ҷумҳурият/ Ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ – талаби замон (04.03.2024, №: 44)

5. Нарышкин А.Г. Условия и перспективы формирования банковских экосистем// Экономические науки/Научный альманах · 2020 · N 12-1(74). –

С. 53-56. [Электронный ресурс] file:///D:/HUSEIN/elibrary_44547560_25898263.pdf

6. Никонец О.Е., Попова К.А. Дистанционное банковское обслуживание как элемент экосистемы современного банка// Вестник Волжского университета имени В.Н. Татищева № 1, том 2, 2020. [Электронный ресурс] file:///D:/HUSEIN/elibrary_42596094_43451669.pdf

7. Одинаев Ҳ.С. Зарурати ҷорӣ кардани хизматрасониҳои муосири бонкӣ дар бозори бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Проблемаҳои актуалии тараққиёти иқтисодиёт ва маориф/Материалҳои конференсияи чоруми байналхалкии илмию амалӣ (2-3 июня 2016 сол). – Душанбе: ДДТТ, 2016. - С. 205-209.

8. Тарханова Е.А., Борисов Д.С., Тарханова А.В., Фрицлер А.В. Банковские экосистемы: сущность, типология и современные подходы к регулированию в России // Экономика, предпринимательство и право. – 2023. – Том 13. – № 6. – С. 1877-1888. – doi: 10.18334/epp.13.6.117771.

9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030//Бахши молиявӣ.–Душанбе, 2016. – С.70

10. Сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон//Шарҳи мухтасари натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ ва суғурта дар соли 2023 [Захираи электронӣ] https://nbt.tj/tj/news/559906/

11. Эзрох Ю.С. Банковские экосистемы: будущее или проблемы в будущем? [Электронный ресурс] file:///D:/HUSEIN/elibrary_44092484_12643258.pdf

12. Muqtadar A. How banks are using ecosystems to drive growth and profits. [Electronic resource] https://www.ey.com/en_us/banking-capital-markets/how-banks-are-using-ecosystems-to-drive-growth-and-profits

## РАЗВИТИЕ БАНКОВСКИХ ЭКОСИСТЕМ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

**ОДИНАЕВ ХУСАЙН САИДРАХМОНОВИЧ,**
доктор (Phd) Таджикского государственного университета коммерции
734055, Таджикистан, г. Душанбе, ул. Дехоти ½;
тел: (+992) 939-22-70-00; e-mail: husayn_odinaev_89@mail.ru

*В данной статье рассматривается развитие банковских экосистем в условиях перехода к цифровой экономики и внедрение технологических инноваций, с целью повышения эффективности их деятельности. Действительно, развитие экосистемы позволяет банкам сохранять свои*

*позиции в условиях входа цифровых конкурентов в рынок банковских операций и обеспечения свой конкурентоспособности.*

*Исследование этого вопроса–веление времени, и банки постоянно пытаются выйти на новые, более прибыльные сегменты финансового рынка, расширить свои услуги в направлении развития экосистемы. Поэтому сохранение своих позиций на рынке услуг, стать еще более стабильным и конкурентоспособным будет зависеть от создания платформы банковских услуг. Потому, что основная цель создания платформ ясна и считается важным удовлетворить все потребности банковских клиентов.*

***Ключевые слова:*** *экосистема, банк, стратегия, цифровая экономика, инновационные технологии, менеджмент, формирование, эффективность, конкуренция.*

## DEVELOPMENT OF BANKING ECOSYSTEMS IN THE CONTEXT OF THE TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY

**ODINAEV HUSAYN SAIDRAHMONOVICH,**
Doctoral student (PhD) of the Tajik state university of commerce
734055, Tajikistan, Dushanbe city, Dehoti str. ½;
tell: (+992) 939-22-70-00; e-mail: husayn_odinaev_89@mail.ru

*This article discusses the development of banking ecosystems in the context of the transition to the digital economy and the introduction of technological innovations related to credit institutions in order to increase the efficiency of their activities. Indeed, the development of the ecosystem allows banks to maintain their positions on it in the face of the penetration of digital competitors into the banking services market.*

*In this regard, due to the fact that banks are constantly striving to enter new, more profitable segments of the financial market, they are expanding their services in the direction of ecosystem development. Therefore, in order to maintain its position in the services market more stable and competitive, the creation of a banking services platform using digital technologies is a time requirement. Because the key goal of creating platforms is accurate and important to meet all the needs of bank customers.*

***Keywords:*** *ecosystem, bank, strategy, digital economy, innovative technologies, management, formation, efficiency, competition.*

**УДК: 332**

# ОБОСНОВАНИЕ КРИТЕРИЕВ ВЫБОРА ОБЪЕКТОВ ИНВЕСТИЦИИ В РАЗВИТИИ СОЦИАЛЬНОЙ ИНФРАСТРУКТУРЫ РЕГИОНА

**МУЗАФФАРЗОДА БАДРИДДИН САНГАЛИ,**
кандидат экономических наук, координатор проекта LEARN
734024, Таджикистан, город Душанбе, улица Нисормухаммад 13-а;
тел.: 888-89-52-52; e-mail: coordinator.leran@maorif.tj

*В статье рассматриваются проблемы активизации инвестиционных процессов на региональном уровне. Обоснованы положения о необходимости сбалансированного развития всех сфер национальной экономики с учетом активизации инвестиционных процессов. Выделены общие тенденции финансирования сферы образования в Республике Таджикистан и дана оценка степенью эффективности механизма привлечения инвестиции в развитии образовательных учреждений. Предложены рекомендации по обоснованию критериев выбора образовательных учреждений для привлечения инвестиционных проектов, направленных на строительства и капитальный ремонт школьных учреждений, расположенных на территории регионов страны.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, социальная инфраструктура, сфера образования, критерии отбора, инвестиционные проекты.*

Инвестиции выступают в качества движущего фактора развития социально экономических систем. Решение проблем устойчивого развития национальной экономики в значительной степени зависит от эффективности механизмов активизации инвестиционных процессов, имеющих мультипликационное влияние на расширение сферы занятости населения с учетом обеспечения поступательного роста показателей производства товаров и услуг. При этом, инвестирование в долгосрочные проекты, особенно в сфере социальной инфраструктуры, будет иметь большую отдачу благодаря синергетическому эффекту. Закономерности экономического развития требуют сбалансированного развития социальных и экономических сфер в гармонии и взаимодействии, что является залогом устойчивости и стабильности общей тенденции развития национальной экономики в долгосрочной перспективе. Последнее актуализирует изучению и конкретизацию критериев выбора объектов социальной инфраструктуры, имеющих приоритетное значение для

реализации инвестиционных проектов, направленных на строительство, модернизацию или реконструкцию таких объектов.

Вопросы качества и степень эффективности функционирования объектов социальной инфраструктуры, особенно школ и других образовательных учреждений, имеют ключевое значение в системе критериев обработки альтернатив по принятию решений в правительстве Республики Таджикистана. Лидер нации, Президент республики Таджикистан, уважаемый Эмомали Рахмон в декабре 2023 г. в своем послании «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» отметил, что «В последующие три года общий объем расходов государственного бюджета на социальные сферы будет увеличен, на эти цели будет направлено 61 млрд. сомони... В 2017 году система образования страны охватила 2,1 млн человек, в 2023 году этот показатель достиг 2,6 млн человек. По прогнозам, к 2025 году этот показатель достигнет 2,7 млн человек. Этот процесс требует создания новых образовательных учреждений и расширения возможностей системы образования» [4]. Лидер нации добавил, что «…если в 2023 году число выпускников общеобразовательных учреждений страны составило 103 тыс. человек, то поступление в 1 класс достигло 261 тыс. человек. В этот период построены и сданы в эксплуатацию 200 новых образовательных учреждений и дополнительных корпусов на 85 тысяч школьников, но этого ещё мало, потому что 73 тысячи учеников остаются без посадочных мест» [4]. Несомненно, решение этой проблемы в будущем в большей степени зависит от скорости и качества реализации инвестиционных проектов, направленных на строительство и реконструкцию образовательных учреждений во всех регионах республики.

Теоретические и методологические аспекты активизации инвестиционных процессов с учетом охвата социальных сфер, особенно учреждений сферы образования, здравоохранения, культуры, спорта и отдыха изучены в работах зарубежных, российских и таджикских ученых. Важность развития социальных сфер с учетом инвестиции в социальную инфраструктуру обосновывается необходимостью формирования и развития качественного человеческого капитала, способного стать катализатором становления инновационной экономики. Так, отмечается, что «Индустриальная парадигма обусловливает важную роль технико-технологического фактора, что свидетельствует о создании и модернизации производственной инфраструктуры. В условиях постиндустриального общества, тертиаризации хозяйства доминирующее место занимает социальная инфраструктура, т. е. в новых условиях человеческий фактор становится приоритетным, следовательно, осуществляются социальные инвестиции, усиливается эколого-гуманистическая направленность

развития экономики» [7, 109]. Последнее усиливает необходимость поиска оптимальных критериев выбора социальных объектов, направленных на обеспечение эффективности процессов воспроизводства человеческого капитала.

Вопросы организации и стабильного функционирования общеобразовательных учреждений изучены в работах таджикских ученых, таких как Комилова С.Дж. [3], Умарова Х. [8], Ходиева Д.А. [9], Гурезова С.И. [2] и др. При этом в работах этих и других ученых в основном рассмотрены проблемы обеспечения качества образования, соответствия учебных программ стандартам мирового уровня, использования новейших достижений информационно-коммуникационных технологии и др. Недостаточно изученными остаются проблемы привлечения инвестиции в строительстве новых школ с учетом разработки механизмов стимулирования внешних и внутренних инвесторов, более эффективного использования выделенных средств на базе оптимизации критериев выбора школ, территории и др.

Следует отметить, что «… государственная политика в области образования в Республике Таджикистан направлена на преодоление существующих проблем и на развитие международных отношений в области образования, интеграции в мировую систему образования с тем, чтобы получить ощутимый импульс в результате более эффективного взаимодействия между государствами» [1,110]. Человеческие ресурсы как объект инвестирования имеют количественную и качественную природу. Количественные параметры включают количество людей, занятых оплачиваемой работой, и количество рабочих часов. К качественным параметрам относятся знания, опыт и навыки, определяющие способности работника. Также они обеспечивают повышение производительности труда, что является следствием повышения качества образовательной продукции. Затраты, потраченные на развитие вышеупомянутых способностей, можно назвать человеческими инвестициями. Все затраты (как количественные, так и качественные), направленные на улучшение человеческих ресурсов, обеспечивают развитие не только отдельного человека, но и способствуют повышению производительности его труда и всего общества, тем самым становясь инвестицией в человеческий капитал [10].

В настоящее время количества общеобразовательных учреждений в Республике Таджикистан имеет тенденции к постоянному возрастанию, что связанно с ростом численности населения. В расмативаемый период количества общеобразовательных учреждений возросло в 105,0% или стало больше на 184 единиц. Уменьшение количество в некоторых регионах

объясняется ростом миграции и объединением школ с учетом оптимизации их размещения.

**Таблица 1**

**Динамика число общеобразовательных учреждений в Республике Таджикистан**

| Регионы | 2010 | 2015 | 2016 | 2018 | 2019 | 2022 | 20222010, в % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ГБАО | 329 | 312 | 312 | 313 | 312 | 313 | 95,14 |
| г. Душанбе | 133 | 136 | 137 | 141 | 145 | 189 | 142,1 |
| РРП | 1141 | 1163 | 1164 | 1149 | 1153 | 1136 | 99,5 |
| Согд | 881 | 914 | 924 | 928 | 929 | 944 | 107,1 |
| Хатлон | 1272 | 1321 | 1328 | 1338 | 1345 | 1358 | 107,0 |
| Всего по стране | 3756 | 3846 | 3865 | 3869 | 3884 | 3940 | 105,0 |

***Рассчитано по:*** *Регионы Республики Таджикистан//Статистический сборник. – Душанбе, АСПРТ, 2023. – С. 78,79,80.*

Параллельно увеличивается объем финансирования в сфере образования в структуре государственного бюджета (табл.2). Так, только в период с 2018 по 2022 г. объем финансирования в сфере образования увеличился 2 677,2 млн. сомони, или на 172,3%. Наблюдается также рост данного показателя в структуре ВВП и государственного бюджета.

**Таблица 2.**

**Динамика расходов государственного бюджета на образование, (млн. сомони)**

| Показатели | 2018 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022/2018, в % |
|---|---|---|---|---|---|
| Расходы государственного бюджета на образование | 3702,6 | 4311,4 | 5259,9 | 6379,8 | 172,3 |
| В процентах от ВВП | 5,2 | 5,2 | 5,2 | 5,5 | + 0,3 п.п. |
| В процентах от расходов государственного бюджета | 15,3 | 17,4 | 17,9 | 18,3 | + 3,0 п.п. |

***Рассчитано по:*** *Образование в Республике Таджикистан//Статистический сборник. – Душанбе, АСПРТ, 2023. – С.9.*

Примечательным выступает то, что в структуре расходов в сфере образования, доля расходов, неоправленных на финансирование дошкольных учреждений существенно перевешает другие (табл. 3.). В рассматриваемый период объем государственного расхода, направленный на финансирование учреждения общего среднего образования вырос в 3,75 %

**Таблица 3.**

**Динамика общих расходов государственного бюджета в сфере образования по ступеням образования, тыс. сомони.**

| Годы | 2010 | 2012 | 2017 | 2022 | 2022к 2010, |
|---|---|---|---|---|---|
| Дошкольные учреждения | 21,951 | 29,176 | 201,822 | 299,2 | 13,63 раза |
| Учреждения общего среднего | 756,488 | 1041,138 | 2101,263 | 2838,6 | 3,75 раза |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Образования | | | | | |
| Начальное профессиональное Образование | 18,140 | 28,169 | 59,596 | 75,5 | 4,16 раза |
| Среднее профессиональное Образование | 26,025 | 35,336 | 140,208 | 222,4 | 8,55 раза |
| Высшее профессиональное Образование | 177,982 | 281,071 | 632,751 | 781,5 | 4,39 раза |
| Другие | 67,714 | 192,910 | 445,469 | 787,5 | 11,63 раза |

**Рассчитано по:** Образование в Республике Таджикистан//Статистический сборник. – Душанбе, АСПРТ, 2023. – С.9,10,11.

Анализ показал, что как объем, так и система (механизм выделения инвестиционных ресурсов) финансирования все еще далек от идеального. А.Н. Султонов отмечает: «Современная система сферы образования представляет собой описание нехватки бюджетных средств для финансирования этой сферы. Но этот недостаток не только количественный, но и недостаток в качестве финансирования. К проблемам в сфере образования из-за нехватки средств можно перечислить следующие: нехватка педагогических кадров, отсутствие полного обеспечения учебниками, материально-техническая нехватка, низкий уровень заработной платы учителей всех уровней образования, отсутствие и износ основных фондов и учебно-тренировочных центров и т. д. По этой причине возникает необходимость решения не только проблемы нехватки бюджетных ресурсов в системе образования, но и необходимость совершенствования самого механизма бюджетного финансирования» [6, 81].

При этом, очевидно, что объем выделенных средств для финансирования сферы образования в структуре государственного бюджета незначительный и не хватает для покрытия нужд образовательных учреждений. Ситуация особенно сложна в регионах и труднодоступных районах республики, где большинства школ нуждаются в капитальном ремонте [5]. В последние годы для решения этой проблемы идет активный поиск инвестиционных ресурсов за счет международных финансовых учреждений. В этом направлении особенно важным представляется обоснования инвестиционных проектов и грамотное их представление для получения международных грантов. Нами изучен опыт обоснования критериев выбора школ для проведения капитального ремонта и строительства с участием консультантов Всемирного банка.

Выбор 70 (из них 5 резервных) школ для проведения капитального ремонта и строительства были сделаны на основании исследования, которая была проведена консультантами Всемирного банка.

Исследованием были охвачены 105 школ из всех регионов страны. Результаты исследования приведены ниже в таблице.

**Таблица 4.**

**Критерии отбора школ регионам согласно исследованию ВБ**

| Соответствие критериям отбора | Критерии отбора школ | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Социально-экономический показатель района | ОУ находящиеся в аварийном состоянии или нуждающиеся в капитальном ремонте | ОУ не отремонтированы в течение последних 10 лет | ОУ не расположены в зоне риска стихийной бедствии | ОУ имеют доступ к точке водоснабжения | На территории ОУ возможно дополнительного расширения учебного здания | Перспективное увеличение контингента учащихся |
| Всего | 105 | 105 | 105 | 105 | 105 | 105 | 105 |
| Да | 33 | 105 | 104 | 105 | 104 | 102 | 102 |
| Нет | 72 | 0 | 1 | 0 | 1 | 3 | 3 |

**Таблица 5**

**Количество отобранных для ремонта и строительства школ по регионам страны**

| ГБАО | г.Душанбе | РРП | Согдийская область | Хатлонская область | Всего |
|---|---|---|---|---|---|
| 5 | - | 17 (2) | 10 (1) | 38 (2) | 70 (5)[1] |

Выбор школ будет основываться на четком и прозрачном целевом механизме. Критерии отбора будут учитывать доступ, равенство, качество и финансовую устойчивость. Они будут включать следующие критерии:

самые низкие (40 процентов) социально-экономические характеристики района (на основе имеющихся данных о средней номинальной заработной плате по районам, преимущественно о сельских районах);

школы, расположенные во временных зданиях или постройках;

школы, находящиеся в аварийном состоянии или нуждающиеся в капитальном ремонте;

школы, которые не получали поддержки на модернизацию инфраструктуры из какого-либо источника в течение последних 10 лет, за исключением тех школ, которые пострадали из-за стихийных бедствий;

трехсменные школы;

обязательства местных исполнительных органов[2], направленные на обеспечение улучшения школ (т.е., подключение к системам электро- и

[1] В скобках указаны резервные школы.

водоснабжения) и обеспечение содержания школ после завершения строительных работ;

численность населения в районах охвата школ быстро растет; и

наличие земельного участка на территории школы для дополнительного расширения учебного здания3.

Оценка потребностей восстановления или строительства по каждой школе производится с учетом обязательного использования всех классных помещений в две смены, а также с учетом нормативно подушевого финансирование (ПДФ) школ, при котором минимальная наполняемость классных комнат составляет 25 учеников. Такая наполняемость должна обеспечиваться соответствующей площадью существующих классных помещений согласно минимальному нормативу (2м2 на одного ученика, то есть 25 х 2 = 50м2).

В дополнении к этим критериям, ожидается, что проект охватит от трех до пяти школ в сельских областях, где учатся более 2,000 учеников, и которые были построены с применением модельной проектировки по стране.

В более крупных сельских школах в основном будет модернизирована среда обучения и преподавания по таким параметрам,

как многофункциональные и адаптивные классные комнаты,

современные библиотеки,

научные лаборатории и ИКТ, как часть среды обучения и преподавания.

Исходя из существующих проектов реконструкции в Таджикистане и ожидаемого уровня вмешательства в каждую выбранную школу, предполагаемое число школ, получающих помощь в рамках этого подкомпонента, составит в общем, 70, из них резервных 5.

Учитывая временные ограниченности проекта, совместно с МОН РТ и ВБ принято решение о начале строительства и ремонта в 10 учреждениях общего среднего образования начиная с декабря 2023 года

---

[2] Местные органы самоуправления.

[3] В проекте не предвидятся никакие проблемц с приобретением земли или переселением.

**Таблица 6.**

**Список средних общеобразовательных учреждений (СОУ) проекта МОН РТ «Среда обучения – основа качественного образования» подлежащих ремонту и строительству (первичные)**

| № п/п | Область | Район | Полное название образовательного учреждения в соответствии с уставом | Год основания | Количество классов | Количество учащихся, обучающихся в данном ОУ | | Вид вмешательство (ремонт или строительство) | ПСД разработано или разрабатывается в течение 2023г. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Всего | в том числе, девушки | | |
| Школы, подлежащие строительству и ремонту в первой очереди | | | | | | | | | |
| 1 | Хатлонская область | Восе | СОУ №3 | 1990 | 62 | 1663 | 814 | Ремонт | нет |
| 2 | | Восе | СОУ №22 | 1978 | 59 | 1546 | 747 | Ремонт | нет |
| 3 | | Дангара | СОУ №56 | 1978 | 37 | 1051 | 540 | Ремонт | нет |
| 4 | | Куляб | СОУ №9 | 1972 | 45 | 1294 | 639 | Ремонт | нет |
| 5 | | Хамадони | СОУ №5 | 1971 | 20 | 509 | 254 | Ремонт | нет |
| 6 | | Фархор | СОУ №56 | 1991 | 24 | 363 | 162 | Строительство | да |
| 7 | | Темурмалик | СОУ №39 | 1987 | 21 | 434 | 232 | Строительство | нет |
| 8 | | Яван | СОУ №15 | 1976 | 29 | 737 | 342 | Строительство | нет |
| 9 | Согдийская область | Спитамен | СОУ №13 | 1986 | 57 | 1234 | 625 | Ремонт | нет |
| 10 | РРП | Нурабад | СОУ №24 | 1955 | 15 | 253 | 126 | Строительство | да |

Проектные школы будут рассматриваться в качестве модельных школ для дальнейших инвестиций в Таджикистане. Поскольку проект будет поддерживать различные решения в школах Таджикистана, эти решения будут заключать параллельную и запланированную деятельность по улучшению школьной инфраструктуры в стране. Принимая во внимание подходы, определенные в Национальной рамочной структуре для среды преподавания и обучения, в дизайне проектных школ будет уделяться особое внимание инклюзивности и потребностям людей с ограниченными возможностями.

В частности, проект будет поддерживать решения в трех областях:

Оборудование для проектных школ. Проект будет поддерживать различные уровни оборудования для разных школ, включая некоторые конкретные уже усовершенствованные направления, такие как ИКТ, оборудования для предметов по науке, технологиям, инженерному делу и математике (STEM), библиотеки. Эти различные пакеты помогут правительству найти наиболее подходящие модели школ и их специализации.

Вопросы в рамках «WASH». В рамках проекта будут определены школы, которые имеют доступ к воде и которые его не имеют. Для тех школ, которые не имеют доступа, проект при координации с другими донорами будет пилотировать решения для получения доступа к водоснабжению, включая резервуары для воды, колодцы и другие инновационные решения, такие как сбор и сохранение дождевой воды.

Вопросы ИКТ. Подобно вопросам доступа к водоснабжению, проект определит школы без подключения к интернету и пилотные решения, которые позволят получить доступ к интернету, применяя различные решения. Проект также будет поддерживать улучшение подключения к интернету в школах с недостаточной пропускной способностью.[4]

В свою очередь местные Хукуматы должны представлять МОН РТ исходные документации для разработки ПСД и письменное подтверждение обязательств по вкладу в осуществлении работ на отобранных объектах.

Таким образом, в современных условиях решение проблем привлечение инвестиции в системе образования, особенно, в части капитального ремонта и строительства образовательных учреждений, требует диверсификацию источников финансирования с учетом оптимального выбора критериев распределения финансовых ресурсов. Важными представляется грамотное обоснование инвестиционных проектов, имеющих существенное значение для модернизации и оснащении школьных и других образовательных учреждений в

[4] При разработке данного руководства использованы материалы ДОП. Февраль.2023 г.

соответствии с стандартами международных финансовых институтов. Последнее может способствовать улучшению социальной инфраструктуры в сельских территориях, снижению нагрузки в государственный бюджет, повышению качества образования в образовательных учреждениях и созданию соответствующих условий для обеспечения эффективности процессов воспроизводства человеческого капитала в стране.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Аламшоев А.К., Одинаев Б.Д., Музаффаров Б.С. Отношения России и Таджикистана в сфере образования и науки: новые ареалы развития//В сборнике: Исследование проблем и тенденций развития высшего образования в современной России. Сборник научных трудов. Санкт-Петербург, 2023 – С.102-110.

2. Гурезов С.И. Место и роль среднего образования в формировании и развитии человеческого капитала в Республике Таджикистан// Вестник Таджикского национального университета. 2019.– № 8.– С.182-187.

3. Комилов С.Ҷ., Садиқова Ш.К. Таъсири муҳити институтсионалӣ-инноватсионӣ ба инкишофи сармояи инсонӣ//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2024.–№1.– С. 33-39.

4. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики». – Душанбе, 28.12.2023. – [Электронный ресурс. Режим доступа: https://prezident.tj/event/missives/36374]

5. Ризакулов Т.Р., Шарипова Ш.А. Социальная инфраструктура в системе факторов, повышающих ка чество жизни населения//Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. 2019.–№3 (80). –С. 35-40.

6. Султонов, А.Н. Нақши маблағгузориҳои буҷетӣ дар таъмини рушди соҳаи маориф ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёт / А. Н. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2019. – №. 1(26). – С. 79-82.

7. Ульянова О.Ю., Ященко С.О. Социальная инфраструктура как ключевой индикатор современного технологического уклада общества//Региональная экономика: теория и практика. 2007. –№15. –С. 109-115.

8. Умаров Х.У., Якубова К.Г. Влияние рыночных реформ на развитие отраслей социальной сферы в таджикистане//Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2019.–№8. С. –187-192.

9. Ҳодиев Д.А., Хисрави А. Ҷанбаҳои назариявии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот//Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021.–№1. –С. 87-92.

10. Шарафидинова Г.Е. Хусусиятҳои истеҳсол ва пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ//Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2023. № 4. С. 126-134.

## АСОСНОККУНИИ МЕЪЁРҲОИ ИНТИХОБИ ОБЪЕКТҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ ИНФРАСОХТОРИ ИҶТИМОӢ ДАР МИНТАҚА

**МУЗАФФАРЗОДА БАДРИДДИН САНГАЛӢ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, координатор проекта LEARN
734024, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 13-а;
тел.: (+992) 227-25-74; 888-89-52-52; e-mail: coordinator.leran@maorif.tj

*Дар мақола мушкилоти суръат бахшидан ба равандҳои сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ баррасӣ ва арзёбӣ мешавад. Муқаррарот дар бораи зарурати тараққиёти мутаносиби ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ бо дарназардошти суръат бахшидан ба равандҳои сармоягузорӣ асоснок карда шудаанд. Тамоюлҳои умумии маблағгузории соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, дараҷаи самаранокии механизми ҷалби сармоягузорӣ ба рушди муассисаҳои таълимӣ арзёбӣ карда мешавад. Тавсияҳо ҷиҳати асоснок намудани меъёрҳои интихоби муассисаҳои таълимӣ барои ҷалби лоиҳаҳои сармоягузорие, ки ба сохтмон ва таъмири асосии муассисаҳои таълимӣ дар минтақаҳои ҷумҳурӣ нигаронида шудаанд, пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузорӣ, инфрасохтори иҷтимоӣ, маориф, меъёрҳои интихоб, лоиҳаҳои сармоягузорӣ.*

## JUSTIFICATION OF CRITERIA FOR SELECTING INVESTMENT OBJECTS IN THE DEVELOPMENT OF SOCIAL INFRASTRUCTURE IN THE REGION

**MUZAFFARZODA BADRIDDIN SANGALI,**
candidate of economic sciences, Project LEARN Coordinator
734024, Tajikistan, Dushanbe city, Nisormuhammad str.13-a;
tel.: (+992) 227-25-74; 888-89-52-52; e-mail: coordinator.leran@maorif.tj

*The article discusses the problems of activation of investment processes at the regional level. The provisions on the necessity of balanced development of all*

*spheres of the national economy taking into account the activation of investment processes are substantiated. The general tendencies of financing the education sector in the Republic of Tajikistan are highlighted and the degree of effectiveness of the mechanism of attracting investment in the development of educational institutions is assessed. The recommendations on substantiation of criteria for selection of educational institutions for attraction of investment projects aimed at construction and capital repair of school institutions located in the regions of the country are offered.*

***Keywords:*** *investments, social infrastructure, education, selection criteria, investment projects.*

УДК: 331

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИДОРАКУНИИ ИҚТИДОРИ КАДРИИ КОРХОНАҲО ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**ЮСУПОВ ШОДМОН НАСУРОВИЧ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
734025, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17;
тел.: (+992) 918-12-39-40; e-mail: Shodmon26101982@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур асосан масъалаҳои идоракунии иқтидори кадрӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Таъкид карда шудааст, ки иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама, истифодабарии техникаю технологияи рақамиро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон пешбинӣ менамояд, ки дар навбати худ аз ҳар кадом корманд донишҳои муосири дараҷаи баландро талаб менамояд. Қайд карда шудааст, ки дар раванди идоракунии иқтидори кадрӣ низ корхонаҳоро зарур аст, ки вазифаҳои умумии идоракуниро дар вобастагӣ аз хусусиятҳои рақамикунонии равандҳои истеҳсолот ё фаъолияташон ба назар гиранд.*

*Дар маҷмуъ, чунин хулоса баровардa шудааст, ки ҳар як кори ба самаранок идоракунии рушди иқтидори кадрӣ нигаронидашуда бояд, пеш аз ҳама, тавассути банақшагирӣ оғоз гардида, баъдан ташкил, назорат, мутобиқшавӣ, баҳодиҳӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаро фарогир бошад.*

***Калидвожаҳо:*** *кадрҳо, иқтидори кадрӣ, идоракунии иқтидори кадрӣ, корхона, стратегияи рушди корхона, талабот ба кадрҳо, рақамисозии равандҳо, иқтисодиёти рақамӣ, технологияи рақамӣ.*

Идоракунии раванди ташаккули иқтидори кадрӣ ба воситаи низоми татбиқи чорабиниҳо дар доираи сиёсати кадрӣ амалӣ карда мешавад. Ин чорабиниҳо бояд бештар барои ҳалли масоили афзоиш ва рушди иқтидори кадрӣ нигаронида шаванд. Махсусан, дар шароити тағйирёбандагии шароити иқтисодии давлатҳо, гузариш аз як низоми иқтисодӣ ба дигараш, аҳаммияти масъалаҳои ташаккул ва самаранок истифодабарии иқтидори кадриро дар ҳамаи дараҷаҳои идоракунӣ боз ҳам баландтар кардаанд. Яке аз самтҳои гузариши иқтисодиёт ба низоми нав–гузариш ба иқтисоди рақамӣ мебошад, ки айни замон тамоми давлатҳои пешрафта кӯшиши истифода кардани унсурҳои ин низоми иқтисодиро ба харҷ дода истодаанд. Иқтисоди рақамӣ, пеш аз ҳама, истифодабарии техникаю технологияи

рақамиро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон пешбинӣ менамояд, ки дар навбати худ аз ҳар кадом корманд донишҳои муосири дараҷаи баландро талаб менамояд.

Рушду инкишоф ва истифодабарии технологияҳои рақамӣ дар тамоми ҷаҳон ногузир шудааст, ки дар маҷмуъ, ба ҳаёту фаъолияти одамон таъсиррасон гардидаанд. Рақамикунонӣ бештари соҳаҳои иқтисодиётро босуръат фаро гирифта, аллакай аксари соҳаҳо ба таври рақамӣ рушд карда истодаанд. Қайд кардан зарур аст, ки ҳатто дар соҳаи кишоварзӣ низ техника–роботҳо, дастгоҳу таҷҳизот, механизмҳои автоматикунонидашудаи рақамӣ ба вуҷуд омадаанд ва кори кормандони соҳаро нисбатан осон кардаанд [9, 294-295].

Дар ин самт олимони соҳа чунин қайд мекунанд, ки барои таъмин кардани рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёт як қатор чорабиниҳоро амалӣ кардан мувофиқи мақсад аст, аз ҷумла: «… беҳтар намудани сифати тайёркунии кадрҳои соҳаи иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи саноат, инчунин, мутахассисони соҳаи технологияҳои иттилоотӣ…» [7,146].

Дар навбати худ, чунин тағйироти вобаста ба татбиқу истифодабарии технологияҳои рақамӣ дар тамоми соҳаҳо ва самтҳои фаъолият барои ҳар як фард, ҳам имкониятҳои бузург ва ҳам таҳдидҳои муайянро ба вуҷуд меоваранд. Дар чунин шароит муассисаю корхонаҳо бояд низоми идоракунии иқтидори кадриро такмил дода ва худи кормандонро низ зарур аст, ки аз такмили ихтисос, омӯзиш ва бозомӯзӣ гузаранд. Маълум аст, ки масъалаҳои тайёркунӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо дар ҳама давру замон ва низомҳои иқтисодӣ ҳам хусусияти иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоиро дорад. Ибтидои гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва татбиқу истифодабарии технологияҳои рақамӣ дар тамоми кишвар, соҳаҳо, корхонаҳо бо хавфи аз кор хориҷ кардани кадрҳо алоқамандӣ дорад. Бинобар ин, дар марҳалаҳои ибтидоии гузариш ба иқтисоди рақамӣ бояд аз тарафи тамоми низомҳои иқтисодӣ, аз он ҷумла давлат, корхонаю ташкилотҳо ва субъектони хоҷагидории тамоми соҳаҳо низоми идоракунии иқтидори кадрӣ такмил дорда шавад.

Бояд қайд кунем, ки чун қоида, дар тамоми равандҳои идоракунӣ, новобаста аз хусусиятҳои гуногунҷанбаашон, бояд ҳамеша истифодаи вазифаҳои умумии идоракунӣ ва баҳисобгирӣ ҷой дошта бошанд. Аз он ҷумла, дар идоракунии иқтидори кадрӣ низ корхонаҳоро зарур аст, ки вазифаҳои умумии идоракуниро дар вобастагӣ аз хусусиятҳои рақамикунонии равандҳои истеҳсолот ё фаъолияташон ба назар гиранд (Расми 1).




**Расми 1.** Идоракунии иқтидори кадрӣ дар корхона

Дар чунин шароитҳои тағйирёбанда муҳимтарин воситаи самаранок идоракунии иқтидори кадрӣ банақшагирии кадрҳо боқӣ мемонад. Яъне дар шароити иқтисоди рақамӣ низ, ба андешаи мо, усули муҳим ва самараноки идоракунии иқтидори кадрӣ – банақшагирии кадрӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, масъалаи банақшагирии кадрӣ таҳқиқ ва омӯзиши бештарро талаб менамояд ва дар баробари дигар вазифаҳои умумии идоракунӣ аҳаммияти назаррас ва муҳим дорад.

Аксар вақт дар адабиёти иқтисодӣ ва таҷриба мушоҳида мегардад, ки байни мафҳумҳои «банақшагирии кадрӣ» ва «сиёсати кадрӣ» ба таври аниқ фарқ гузошта намешавад, аммо онҳо хусусиятҳои таркибии худро доранд. Сиёсати кадрӣ ҳамчун фарогирандаи низоми қабули қарорҳои асосии кадрӣ –хоҷагидорӣ ба банақшагирии мақсадҳо табдил меёбад, махсусан, агар қарорҳо дар раванди банақшагирии системавӣ ва ҳамоҳангшуда қабул карда шаванд. Ба ҳамин маъно, сиёсати кадрӣ ё банақшагирии мақсадҳо бештар бо банақшагирии дарозмуддати стратегии кадрҳо баробар карда мешаванд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки қарорҳои дорои аҳаммияти

принсипиалӣ ва таъйиноти васеъдоштаи вобаста ба кадрҳо бояд ҳамеша ба банақшагирии дарозмуддат асос ёбанд. Бинобар ин, банақшагирии кадрҳо на пас аз тасдиқи сиёсати кадрҳо оғоз мегардад, балки ба он дохил мешавад [10, 62].

Мақсади банақшагирии кадрӣ, пеш аз ҳама, дар вақти зарурӣ ва ба миқдори зарурӣ ба кор таъмин намудани кормандон мувофиқи қобилият ва талаботи онҳо мебошад, ки дар вобастагӣ аз талаботи истеҳсолӣ бояд амалӣ карда шавад [3,173].

Дар шароити иқтисоди рақамӣ низ марҳалаи аввали банақшагирии кадрӣ аз муқаррарсозии вазифаҳои асосӣ шуруъ мегардад, ки аз мақсадҳои корхонаҳо бармеоянд. Ин вазифаҳо бояд ба он нигаронида шаванд, ки самаранокии миқдорӣ ва сифатии меҳнати ҳар як ҷойи корӣ дар вақти зарурӣ таъмин гардад. Ин ҷо низ яке аз вазифаҳои банақшагирии кадрӣ ҳавасмандгардонии самаранокии меҳнати кормандон мебошад.

Дар марҳалаи дуюм бошад, вобаста ба шароитҳои умумӣ, рушду навсозӣ ва рақамикунонии ҷойи корӣ–стратегияи кадрии корхона коркард карда мешавад, ки бояд заминаҳои пешбарии кормандро аз рӯи вазифаи хизматӣ ва касбӣ, зоҳирсозии имкониятҳои ҳар як кадр ва истифодабарии қобтилияти кормандонро дар худ инъикос кунад.

Дар марҳалаи сеюми банақшагирии кадрӣ кори мақсадноки кормандон, принсипу тартиб ва низомномаи кории дохиликорхонавӣ мушаххас карда мешаванд, ки ин ҷо бояд тамоми хусусиятҳои рақамикунонии ҳар як ҷойи корӣ ба инобат гирифта шаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ низ зарурати таснифоти банақшагирии кадрҳо аҳаммияти худро гум намекунад. Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, банақшагирии кадрҳоро дар шароити мазкур ба дарозмуддат, миёнамуддат ва кӯтоҳмуддат гурӯҳбандӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст.

Банақшагирии дарозмуддат, ки онро аксар вақт банақшагирии стратегӣ низ меноманд, нақшаҳои кадрии фаъолияти субъектҳои хоҷагидориро дар фосилаи аз 3 то 10 сол фаро мегирад. Ин навъи нақшагирӣ асос ва заминаи дигар хелҳои банақшагирии кадрҳо маҳсуб мешавад. Дар раванди банақшагирии дарозмуддат асосан, мушкилоти сохтории ба кадрҳо алоқаманд мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода мешаванд, ки бояд дар заминаи дурнамои унсурҳои рақамикунонии фаъолият ва ҷойи кории ҳар корманди низоми идоракунӣ таҳия карда шавад. Зоҳирсозии сариваҳтии тамоюлҳои асосии рушди рақамикунонии истеҳсолот, баҳодиҳии вазъ дар самти таъмини талабот ба кадрҳои ҷавобгӯ ба иқтисоди рақамӣ яке аз масъалаҳои муҳимми банақшагирии стратегии кадрҳо маҳсуб мешавад. Бинобар ин, қарорҳои банақшагирии стратегии

кадрҳо дар шароити иқтисоди рақамӣ мавқеи бунёдиро (фундаменталӣ) ба худ касб мекунанд.

Дар раванди идоракунии кадрҳо мавқеи нақшагирии миёнамуддат низ назаррас аст, чунки тавассути он бандҳои банақшагирии стратегӣ бо коркарди нақша-чорабиниҳои аниқ асоснок карда мешаванд ва муҳлати аз 1 то 3 солро дар бар мегиранд. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки дар фарқ аз банақшагирии стратегӣ дар банақшагирии миёнамуддат ҳадафҳо ва амалҳои пешбинишаванда хеле дақиқтар ва равшантар буда, ба ҳалли комили масоили кадрӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ нигаронида шудаанд.

Банақшагирии кӯтоҳмуддат, ки фосилаи то як солро дар бар мегирад, пурра бо корҳои дар давоми соли ҷорӣ иҷрошаванда алоқаманд аст. Банақшагирии кӯтоҳмуддат нақшаи амалиётии банақшагирии миёнамуддат ва дарозмуддат мебошад, ки ин ҷо аллакай аз нақша ба амалҳои мушаххас гузаштан лозим аст. Бо дигар маъно, банақшагирии кӯтоҳмуддат раванди иҷрои кору амалҳои дар банақшагирии миёнамуддат ва дарозмуддат пешбинишуда мебошад. Ин намуди нақшаҳо мақсадҳои аниқ муайяншударо барои дар давраҳои мушаххас амалӣ кардан (семоҳа, нимсола, солона) дар худ инъикос менамоянд, ки дар асоси маълумоту дастур ва қарорҳои дақиқ имконпазир мегарданд.

Чӣ хеле ки қайд карда гузаштем, дар шароити иқтисоди рақамӣ аҳаммияти банақшагирии кадрҳо бинобар тағйирёбии сохтор, таркиб ва хусусиятҳои иҷрои кору фаъолияти касбӣ меафзояд. Дар маҷмуъ, банақшагирии кадрҳо рақамикунонии равандҳо низ ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи идоракунии ташкилӣ боқӣ монда, дар вобастагӣ аз таъмини дархосту талаботи истеҳсолот ва манфиати кормандон амалӣ гардонда мешавад. Дар шароити муосир, ин раванд асосан ошкорсозии тамоюлу тағйиротро дар сохтори касбӣ–тахассусии кадрҳо пешбинӣ намуда, инчунин, саривақт талаботи миқдорӣ ва сифатӣ ба кадрҳоро низ бояд муайян намояд. Ҳамаи ин, ба таври назаррас нақшу мавқеи самаранокии истифодабарӣ ва идоракунии иқтидори кадриро дар шароити иқтисоди рақамӣ баланд мебардорад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки дар шароити иқтисоди рақамӣ низ масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтидори кадрии корхона такмили тамоми ҷанбаҳои фаъолияти ҳайати кормандонро талаб менамояд. Дар маҷмуъ, идоракунии иқтидори кадрӣ бо мақсади рушди он амалӣ гардонда мешавад, ки дар таъмини стратегияи рушди корхонаҳо нақши назаррас дорад. (Нигаред ба расми 2).




**Расми 2**. Унсурҳои идоракунии рушди иқтидори кадрии корхона дар шароити иқтисоди рақамӣ

Ба андешаи мутахассисонии соҳаи идоракунии кадрҳо, вазифаҳои асосии банақшагирӣ дар ин самт чунинанд [1, 112]:

- ✓ муайян намудани талаботи миқдорӣ ва сифатии корхона ба кадрҳо;
- ✓ талабот ба гурӯҳҳои (категорияҳо) гуногуни кормандон дар корхона;
- ✓ истифодабарии оқилонаи ҳар як корманд мувофиқи қобилияти ӯ;
- ✓ таъмини рушду инкишофи кадрҳо дар самти иҷрои корҳои нави тахассусӣ ва такмили дониши онҳо мувофиқи талаботи истеҳсолӣ;
- ✓ таъмини музди меҳнати одилона ва баробар ба қори иҷрокардаи корманд, ташвиқи кормандон ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоии онҳо;
- ✓ муайянкунии хароҷот барои амалигардонии чорабиниҳои банақшагирифташуда дар самти идора, ташкил ва инкишофи иқтидори кадрӣ.

Талабот ба миқдори кадрҳо, шумораи шахсонеро дар назар дорад, ки аз рӯйи синну сол ва ҷинс барои иҷрои ин ё он кор заруранд. Агар тахассуси кадрҳо ба назар гирифта шавад, пас дар ин маврид сухан дар бораи муайян кардани талаботи сифатӣ меравад. Ин масъала аз муайян кардани талаботи ҷойи корӣ вобастааст, то ин дар вобастагӣ бо ин талабот

имкониятҳои истеҳсолии коргарони мавҷуда ва коргарони кироие, ки ба кор кабул карда мешаванд, бо ҳам мувофиқ кунонида шаванд.

Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди рақамӣ низ бояд ба муайянкунии талабот ба кадрҳо ва идоракунии иқтидори кадрӣ диққати махсус дода шавад. Дар чунин шароит низ баҳисобгирии хусусиятҳои омилҳои талабот ба кадрҳо шарти муҳим ба ҳисоб меравад. Дар маҷмуъ, унсурҳои зерини муайнкунандаи талабот ба кадрҳоро аз ҳамдигар фарқ кардан мумкин аст: ҳаҷми кор, дараҷаи механикунонӣ ва автоматикунонӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ, барномаи истеҳсолӣ, усулҳои ташкили истеҳсолот, ҳаҷми корхона ва ҳосилнокии меҳнат.

Агар ҳамаи омилҳои муайянкунандаи талабот ба кадрҳо бетағйир боқӣ монанд, талабот ба кадрҳо вобаста ба хаҷми кор мутаносибан тағйир меёбад. Унсури дигар дараҷаи механикунонӣ ва автоматикуноннии ҷойҳои корӣ мебошад, ки имрӯз тавассути технологияҳои рақамӣ инкишоф ёфта истодаанд. Баробари баланд шудани дараҷаи механикунонӣ ва автоматикунонии ҷойи корӣ, қувваи ҷисмонии одам бо кори дастгоҳҳои худкор ё роботҳо иваз карда мешавад, ки ин дар навбати худ метавонад ҳосилнокии меҳнатро баланд бардорад.

Омили муҳимми муайянкунандаи талабот ба кадрҳо, барномаи истеҳсолӣ ва технологияи коркарди маҳсулот мебошад. Новобаста аз он ки дигар омилҳои таъсиркунанда бетағйир мемонанд, тағйир додани барномаи истеҳсолӣ ба талаботи кадрҳо ҳамеша таъсиррасон боқӣ мемонад. Масалан, дар натиҷаи татбиқи технологияи рақамӣ дар истеҳсолот, агар андоза ё ҳаҷми кор тағйир ёбад, вариантҳои гуногуни талабот ба кадрҳо ба миён меоянд (талабот ё кам мешавад ё баръакс). Аслан, раванди рақамикунони истеҳсолот дар бештари ҳолат талабот ба кадрҳоро кам мекунад, аммо дар баробари рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ, агар ҳаҷми истеҳсол низ зиёд карда шуда, инкишоф дода шавад, он гоҳ талабот ба кадрҳо низ афзоиш меёбад.

Дар ин самт, чунин ақидаҳо низ вуҷуд доранд, ки «дар баъзе соҳаҳо рақамисозии дарпешистода метавонад танҳо сохтори шуғлро тағйир диҳад, дар дигар соҳаҳо метавонад шумораи зиёди ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳад, дар дигар соҳаҳо баръакс, шумораи онҳоро ба таври назаррас коҳиш медиҳад. Умуман, дар ягон шакл ин раванд қариб ба ҳама касбҳо таъсир мерасонад. Ин кор тавассути рушди технологияҳо, ба монанди интеллекти сунъӣ, технологияҳои виртуалӣ, технологияҳои коркарди маълумоти калонҳаҷм рӯй медиҳад [11, 26].

Дараҷаи ташкили истеҳсолот ва тағйирёбии он омили дигари муайянкунандаи талабот ба кадрҳо маҳсуб мешавад. Дараҷаи ташкили истеҳолотро бо нишондиҳандаҳои мутлақ муайян намудан ғайриимкон аст. Бинобар ин, онро фақат дар муқоиса бо давраи гузашта ё бо дигар

корхонаҳо баҳо додан мумкин аст. Тадбирҳои оқилона ба роҳ мондани сохтори ташкилӣ ё технологияи рақамӣ ба он нигаронида шудаанд, ки бо кам кардани шумораи кадрҳо ҳосилнокии меҳнат кам нашавад, ё ин ки шумораи кормандон бетағйир боқӣ монда, аммо баландбардории ҳосилнокии меҳнат ба таври назаррас дар корхона таъмин карда шавад.

Андозаи корхонаҳо низ омили муайянкунандаи талабот ба кадрҳо мебошад. Агар зарур бошад, ки ҳаҷму ҳудуди корхона тағйир дода шавад, пас, чӣ хеле ки дар болотар қайд карда гузаштем, талабот ба кадрҳо низ тағйир меёбад. Масалан, кушодани филиалу намояндагиҳо дар дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ё ин ки сохтану ташкили коргоҳҳои нав дар дохили худи корхона бо мақсади инкишоф додани фаъолият метавонанд талабот ба кадрҳоро низ зиёд созанд, ва баръакс.

Афзоиши ҳосилнокии меҳнат ҳамчун омили муайянкунандаи талабот ба кадрҳо арзёбӣ мегардад. Бояд қайд кунем, ки одатан, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ҳангоми бетағйир мондани дигар омилҳо талабот ба кадрҳоро кам мекунад, аммо дар баробари ин, пастшавии ҳосилнокии меҳнат талабот ба кадрҳоро зиёд мегардонад.

Дар амалия омилҳои муайянкунандаи талаботи миқдории кадрҳо дар алоҳидагӣ ба вуҷуд наомада, балки бо ҳамдигар алоқаманданд. Чунин шуморидан мумкин аст, ки дар шароити воқеӣ талаботи миқдорӣ ба кадрҳо дар асоси усулҳои гуногун муайян карда мешавад, ки хусусиятҳои фаъолияти истеҳсолии корхонаҳоро (саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва ғайра) ба ҳисоб мегиранд.

Аз рӯйи назария, дар аксари мавридҳо шумораи кормандони зарурӣ ҳамчун таносуби ҳаҷми истеҳсолот ба коркарди нақшавии барои як коргар пешбинишуда ҳисоб карда мешавад:

$$\textbf{Ч=Оп : В,}\ (1)$$

ки дар ин ҷо: Ч – талаботи умумии корхона ба кадрҳо;

Оп – ҳаҷми истеҳсолот;

В – коркарди маҳсулот ба як коргар.

Ҳисобҳои дақиқтари миқдори кормандон бояд аз рӯйи категорияҳои онҳо анҷом дода шаванд: коргарони корбайъ, коргарони вақтбайъ, мутахассисон–хизматчиён, коргарони хизматрасон ва ғайра. Масалан, шумораи коргарони корбайъ (Шкк) бо усули зерин муайян карда мешавад [8, 244]:

$$\textbf{Шкк = М / Фв.к х Зм.к,}\ (2)$$

ки дар ин ҷо: М – меҳнатғунҷоиши умумии кори муайян;

Фв.к – фонди вақти кории нақшавии солонаи як коргар, с.;

Зм.к – зариби иҷрои меъёри коркарди кормандон.

Муайян кардани шумораи коргарон аз рӯйи меъёри хизматрасонӣ ва миқдори ҷойҳои корӣ бо усули зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\text{Шк} = (\text{М х Б / Мх}) \text{ х Зт}, (3)$$

ки дар ин ҷо: М – миқдори объектҳои хизматрасонӣ;

Б – миқдори бастҳо дар як шабонарӯз;

Мх – меъёри хизматрасонӣ;

Зт – зариби табдилдиҳии шумораи ҳозиршавӣ ба рӯйхатӣ.

Муайян кардани шумораи роҳбарон, мутахассисон ва хизматчиён дар асоси усули меъёрӣ ба амал бароварда мешавад. Барои муайян кардани шумораи кормандони маъмурӣ–идоракунӣ метавон формулаи Розенкрантсро истифода кард [3, с.196]:

$$\text{Ш}_{\text{кми}} = \frac{\sum_{i=1}^{n} m_i t_i}{T} \times \text{З}_{\text{тзв}} + \frac{tp}{T} \times \frac{\text{З}_{\text{тзв}}}{\text{З}_{\text{тҳв}}}, (4)$$

ки дар ин ҷо:

Шкми – шумораи кормандони маъмурӣ–идоракунии касб, ихтисос ва шуъбаи муайян;

n – миқдори корҳои ташкилию идоракунӣ, ки сарбории ин гурӯҳи мутахассисонро муайян мекунанд;

$m_i$ – шумораи миёнаи амалҳои мушаххас (ҳисобҳо, коркарди захираҳо, гуфтушунид ва ғайра) дар доираи i – навъи корҳои ташкилию идоракунӣ дар муддати муайян (масалан, дар давоми як сол);

$t_i$ – вақти зарурии барои ба анҷом расондани воҳиди m дар доираи i – намуди корҳои ташкилию идоракунӣ;

T – вақти кории мутахассис барои давраи дахлдори вақти тақвимӣ, ки ба ҳисоб гирифта шудааст.

$\text{З}_{\text{тзв}}$ – зариби тақсимоти зарурии вақт;

$\text{З}_{\text{тҳв}}$ – зариби тақсимоти ҳақиқии вақт;

$t_p$ - вақти иҷрои корҳои гуногун, ки онҳоро дар ҳисобҳои ибтидоӣ (нақшавӣ) ба инобат гирифтан ғайриимкон аст.

Чӣ тавре ки дар боло зикр гардид, самти дигари муҳими банақшагирӣ ва идоракунии кадрҳо истифодаи самараноки иқтидори кадрии корхона мебошад. Истифодаи кадрҳо маҷмуи амалҳоест, ки ба таъмини шароит барои татбиқи самараноки неруи эҷодӣ ва ҷисмонии кормандон нигаронида шудаанд [3, 277]. Истифодаи самараноки кадрҳо бояд ба мақсадҳои корхона мувофиқ бошад, манфиатҳои шахсиро вайрон накунад ва дар раванди он меъёрҳои қонунгузории меҳнатро риоя намоянд. Низоми истифодаи кадрҳо дар корхона бояд тавре амал намояд, ки кормандон дар ҷойи кори худ боздеҳи бештарро дода тавонанд. Аз рӯйи ақидаи муҳаққиқи рус Е. Маслов, барои пурратар истифода бурдани иқтидори кадрии корхона зарур аст, ки меҳнати коргар оқилона ташкил шавад, дар кори ӯ бо сабабҳои ташкилӣ–техникӣ танаффусҳо ҷой надошта бошанд ва кори бауҳдадоштаи корманд ба тайёри касбӣ ва дараҷаи тахассуси ӯ мувофиқ бошад. Муҳим аст, ки корманд барои иҷрои вазифаю корҳои ба дараҷаи

салоҳият ва тахассуси ӯ номувофиқ ҷалб нашавад ва барои вай шароити муътадили санитарӣ–гигиении меҳнат фароҳам оварда шавад, то ин ки дараҷаи муътадилии шиддатнокии меҳнат таъмин карда шавад [6, 256].

Қайд кардан зарур аст, ки муҳити иҷтимоӣ–равонӣ низ дар ҳамкории мутақобилаи байни роҳбарону кормандон, байни худи коргарон дар коргоҳҳо, ба вуҷуд омадани ҳавасмандӣ барои иҷрои кори пурмаҳсул ва самаранок нақши муҳим мебозад. Аз ин рӯ, дар низоми идоракунии иқтидори кадрӣ ба ҳисоб гирифтани омилҳои иҷтимоӣ–равонӣ шарти асосӣ маҳсуб мешавад. Инчунин, амалигардонии идоракунии самараноки иқтидори кадрӣ ба он нигаронида шудааст, ки ҳамаи кормандон вазифаҳои истеҳсолӣ ва хизматии худро дуруст ва саривақт иҷро карда, интизом, фаъолияти меҳнатӣ ва ташаббуси эҷодиашонро самаранок истифода намоянд. Дар шароити иқтисоди рақамӣ низ корманд танҳо вобаста аз рӯйи дараҷаи муносибат ва маҳсулнокии кораш баҳо дода шуда, аз як зина ба зинаи дигар гузаронида мешавад.

Рушду инкишоф ва такмили иқтидори кадрӣ дар ҳамаи корхонаҳои амалкунанда омили рушд арзёбӣ карда мешавад. Бинобар ин, тарбия, такмили дониш, омӯзиш ва бозомӯзонии кадрҳо дар тамоми низомҳои иқтисодӣ аҳаммияти худро гум намекунанд.

Дар шароити иқтисоди рақамӣ  таҳти мафҳуми “рушди кадрҳо” бояд раванди омода намудани кормандон барои иҷрои вазифаҳои нави истеҳсолӣ, ишғоли вазифаҳо, ҳалли масъалаҳои нави бо раванди рақамикунонӣ алоқаманд, бо мақсади рафъи тафовути байни талабот ба корманд ва хусусиятҳои шахсию меҳнатии ӯ фаҳмида шавад.  Аз ин рӯ, дар чунин шароит масъалаи аз нав дида баромадани раванди омӯзиш ва бозомӯзонии касбии кормандон пеш меояд, ки барои идоракунии самараноки иқтидори кадрӣ таҳқиқ кардани хусусиятҳои ин раванд аҳамиятнок ба шумор меравад. Дар навбати худ идоракунии раванди омӯзиши касбӣ аз муайянкунии талабот ва зарурати иҷрои вазифаҳои ҷории корманд шуруъ мегардад, ки аз рақамикунонии ҷараёнҳои истеҳсолӣ, маъмурӣ ва ҳисобкунӣ вобастагӣ дорад. Хамаи ин омилҳоро ба назар гирифта нишон додан мумкин аст, ки раванди омӯзиши касбӣ вобаста ба шароитҳои рақамикунонии истеҳсолоту фаъолият чунин пайдарҳамиро дошта метавонад (Расми 3).

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар корхонаҳои пешқадами ҷаҳонӣ рушди кадрҳо низоми амалиёти ба ҳам алоқаманд мебошад, ки унсурҳои он аз таҳияи стратегия, пешгӯйӣ ва банақшагирии талабот ба кадрҳои дорои тахассуси муайян, идоракунии мансаб, рушди касбӣ ва такмили ихтисос, ташкили раванди мутобиқшавӣ, омӯзиш, бозомӯзонӣ, таҳсил ва ташаккули маданияти ташкил иборат аст. Дар таҷрибаи менеҷменти хориҷӣ усулҳо ва системаҳои махсуси идоракунии рушди касбӣ, омодасозии роҳбарони

оянда, рушди мансабӣ аз тарафи шӯъбаҳои махсуси рушди касбӣ истифода шуда, амалӣ гардонда мешаванд, ки роҳбарони ин шуъбаҳо мутахассисон ва таҷрибадорони соҳаи рушди захираҳои инсонӣ мебошанд.




**Расми 3**. Раванди омӯзиши касбӣ дар шароити рақамикунонии фаъолияти корхона

Ҳамин тариқ, ҳар як ҷанбаи баррасишавандаи масоили идоракунии иқтидори кадрӣ дар шароити рақамикунонии истеҳсолоту фаъолияти корхонаҳо хусусиятҳои муайяни худро дошта, аммо аз нуқтаи назари тобеият ба вазифаҳои идоракунӣ ва амалишавӣ равандҳои якхеларо мегузаранд. Татбиқи ҳар як кори ба самаранок идоракунии рушди иқтидори кадрӣ нигаронидашуда пеш аз ҳама тавассути банақшагирӣ оғоз гардида, баъдан ташкил, назорат, мутобиқшавӣ, баҳодиҳӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаро бояд фарогир бошад. Дар маҷмуъ, аҳаммияти калони самаранокии идоракунии иқтидори кадриро дар шароити иқтисоди рақамӣ ба назар гирифта, мо чунин мешуморем, ки сарфи назар аз мураккабӣ, дар оянда ин масъаларо дар асоси таҷрибаи мавҷудбуда ва истифодаи усулҳои муосир ҳал кардан лозим аст.

## АДАБИЁТ

1. Веснин Р.В. Практический менеджмент персонала // Пособие по кадровой работе. – М.: Юристь, 1998. – 496с.

2. Гаврилова, К. Е. Формирование кадрового потенциала современной организации // Межд. науч. журнал: Молодой ученый. - 2019. №38 (276). – С. 98-100. Электронный ресурс: URL: https://moluch.ru/archive/276/62471/ (дата обращения: 02.06.2024).

3. Кибанов А.Я. Управление персоналом организации // Учебник. – М.: Инфра-М, 1998. – 512с.

4. Кондратей М. В. Развитие кадрового потенциала как стратегический приоритет предприятия // Межд. науч. Журнал: Молодой ученый. -

2020. №49 (339). – С.121-123. Электронный ресурс: URL: https://moluch.ru/ archive/ 339/76172/ (дата обращения: 16.05.2024).

5. Кондратей М. В. Развитие кадрового потенциала как стратегический приоритет предприятия // Межд. науч. журнал: Молодой ученый. – 2019. №38 (276). – С. 98-100. Электронный ресурс: URL: https://moluch.ru/archive/339/76172/ (Санаи муроҷиат: 06.07.2024).

6. Маслов Е.В. Управление персоналом предприятия // Учеб. пособие. М.: ИНФРА-М, НГАЭИУ. – Новосибирск, 1998. –312 с.

7. Низомова Т.Д., Раҳмонов Ҷ.Р. Саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷаллаи илмӣ: Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. - 2022. № 2 (78). – С.146 (С.134-149.)

8. Смирницкий Е.К. Экономические показатели промышленности // Справочник. – 3-е изд., перераб. И доп.. – М.: Экономика, 1989. –335с.

9. Таранец А.Г., Балко С.В. Развитие кадрового потенциала в цифровую эпоху // ФГАОУ ВО «КФУ им. В.И. Вернадского», Симферополь. – С.294-297.

10. Хентце Й., Метцнер Й. Теория управления кадрами в рыночной экономике // Монография: пер. с нем. Г.А. Рахманина. – М.: Межд. отношения, 1997. – 644с.

11. Шамсов И.С., Юсупов Ш.Н. Рушди иқтисодиёти рақамӣ ва таъсири он ба ташаккули касбҳои нав дар бозори меҳнат // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2023. №9.- С.23-29

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ УПРАВЛЕНИЯ КАДРОВЫМ ПОТЕНЦИАЛОМ ПРЕДПРИЯТИЙ В УСЛОВИЯХ ПЕРЕХОДА К ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

**ЮСУПОВ ШОДМОН НАСУРОВИЧ,**
кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой информационных систем в экономике
Таджикского национального университета
734025, Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 17;
тел.: (+992) 918-12-39-40; e-mail:Shodmon26101982@mail.ru

*В данной статье рассмотрены и исследованы вопросы управления кадровым потенциалом в условиях перехода к цифровой экономике. Подчеркнуто, что цифровая экономика, прежде всего, предполагает использование цифровых технологий и техники во всех сферах человеческой деятельности, что, в свою очередь, требует высокого уровня*

*современных знаний от каждого работника. Отмечается, что при управлении кадровым потенциалом, предприятиям необходимо учитывать общие функции управления в зависимости от особенностей цифровизации производственных процессов или деятельности предприятия в целом.*

*В целом был сделан вывод, что любая работа, направленная на эффективное управление развитием кадрового потенциала, должна прежде всего, начинаться с планирования, а затем включать организацию, контроль, адаптацию, оценку и анализ полученных результатов.*

***Ключевые слова:*** *кадры, кадровый потенциал, управление кадровым потенциалом, предприятие, стратегия развития предприятия, потребности в кадрах, цифровизация процессов, цифровая экономика, цифровая технология.*

## SOME ISSUES OF MANAGEMENT OF PERSONNEL POTENTIAL OF ENTERPRISES IN THE CONTEXT OF TRANSITION TO THE DIGITAL ECONOMY

**YUSUPOV SHODMON NASUROVICH,**
Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Information Systems in Economics, Tajik National University
734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki ave. 17;
tel.: (+992) 918-12-39-40; e-mail:Shodmon26101982@mail.ru

*This article examines and investigates the issues of human resources management in the transition to the digital economy. It is emphasized that the digital economy, first of all, involves the use of digital technologies and technology in all areas of human activity, which, in turn, requires a high level of modern knowledge from each employee. It is noted that when managing human resource potential, enterprises need to take into account general management functions depending on the specifics of digitalization of production processes or the activities of the enterprise as a whole.*

*In general, it was concluded that any work aimed at effectively managing the development of human resource potential should, first of all, begin with planning, and then include organization, control, adaptation, evaluation and analysis of the results obtained.*

***Keywords:*** *personnel, personnel potential, personnel potential management, enterprise, enterprise development strategy, personnel needs, digitalization of processes, digital economy, digital technology.*

УДК 311.2

# ЗАРУРАТИ ТАЪСИСДИҲИИ ОМОРИ ПРЕВЕНТИВӢ ДАР ИЛМИ ОМОРИ ЗАМОНИ МУОСИР

**МАЪДИЕВ САЪДИХОҶА,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва суғуртаи
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
734067, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14;
тел: (+992) 934-36-90-95; e-mail: sadikhoja.m@mail.ru

*Масъалаҳои ташаккул ёфтани усулҳои коҳиш додани осебпазирии рушди оянда дар шароити имрӯза, яке аз мавзуъҳои баҳснок ва мунтазам баррасишавандаи олимон ва коршиносон мебошад. Самти мазкур дарёфти мақоми махсуси идоракунӣ ва ифодаи раванди коҳишдиҳии осебпазириро аз рӯйи баҳодиҳии омории таъсири омилҳо ба ҷараёнҳои қабули қарорҳо дар заминаи ташаккули омори превентивии истеҳсолӣ ва хизматрасонии ояндавӣ дар бар мегирад.*

*Муаллиф таълифоти анъанавии омори солонаро заминавӣ гирифта, асоснокии назариявӣ ва таркибии ташаккулёбии омори превентивиро ҳамчун зинаи сифатан баландтари омори солона дар асоси иттилооти маҷмуии ба даъват асосёфта, мавриди баррасӣ қарор додааст. Варианти муаллифии таъсисёбии назарияи омори превентивӣ ва ташаккулёбии алгоритми нишондиҳандаҳои тадбирандешӣ ва коҳишдиҳии осебпазирии равандҳои такрористеҳсолро ифода ёфода ёфтааст. Мақолаи таълифгардида таъсисёбии омори превентивиро ҳамчун функсияи идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъмини арзёбии мазмунан васеи назария ва амалияи илми оморӣ дар бар гирифта, бо риояи мантиқи усулӣ, методологияи оморию эконометрикӣ ва эътимоднок пешниҳод гардонида шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *осебпазирии рушд, функсияи идоракунӣ, коҳишдиҳии осебпазирӣ, омори солона, алгоритм,даъват, омори превентивӣ, зинаи сифатӣ, иттилооти маҷмуӣ, такрористеҳсол, таносуби маҷмуӣ, ахбори шаҳрвандӣ.*

Рушди пуршиддати муносибатҳои иқтисодию молиявӣ, мураккаб гардидани алоқамандии иқтисодию молиявӣ дар муносибатҳои дохилӣ ва берунӣ, таъмини бехатарии иқтисодию экологӣ зарурати пешакӣ ба эътибор гирифтани силсилаҳои буҳронии молиявию иқтисодӣ ва дар робита ба ҳамин фаъол гардонидани чорабиниҳои коҳишдиҳии осебпазирии тараққиёти минбаъдаро ба миён овардааст. Ин дар ниҳояти

кор боиси тағйироти ҷиддии сохтори иқтисодиёти миллии давлатҳои алоҳида, таҳрезӣ ва амалӣ намудани стратегияҳои нави муносибатҳои тиҷоратӣ, иқтисодию молиявӣ мегарданд. Ҳамин аст, ки дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030" заминаи тараққиёти минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ ва ҷомеа принсипи илман асоснокшудаи "превентивӣ (тадбирнокӣ), яъне пешгирии (коҳишдиҳии) осебпазирии рушди оянда" [1,7] муайян гардидааст. Дар чунин шароит яке аз омилҳои муҳим механизми ташаккул додани маълумоти илман асоснок ва боварибахши мутобиқ ба дигаргуниҳои фазои иттилоотӣ ҳамчун низоми ҷамъбаст, систематикунонӣ, таҳлил ва идоракунии равандҳои таъмини осебпазирии рушди ояндавӣ мебошад. Раванди мазкур аз тариқи маҷмуӣ (комплексӣ), роҳандозӣ намудани ташаккулёбии маълумоти идоракунии ҳодиса ва зуҳуроти натиҷавӣ ва арзёбии таъсири омилҳоро тақозо намуда, асоснокии назариявӣ ва илмию амалиро ба миён меоварад. Таҷрибаи мавқеъгирии назаривӣ ва амалии илмҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, ки таъсисёбии маълумоти омори расмӣ барои боз ҳам пурратар гардиданашон, иловагӣ аз натиҷагириҳои таҳқиқот ва пурсишҳои интихобӣ бо ҷалби мутахассисон ва коршиносони нуктасанҷ истифода бурда мешаванд.

Мавқеи мо аз он бар меояд, ки дар баробари мушоҳидаи умумии омори солона ва мушоҳидаҳои интихобии махсус зарурати омори превентивӣ ҷой дорад. Чунин масъалагузорӣ, пеш аз ҳама, аз табиати илми оморӣ бармеояд. Илми омор ҳарчи бештар аз ташаккули ҳодиса ва зуҳуроти умумӣ бароядд, ин ҳамон қадар моҳият, мазмун ва мундариҷаи назария ва амалияи оморро ифода карда мегирад. Бинобар ин, асоси методологии мавқеъгирӣ ва баҳодиҳии чорабиниҳои превентивӣ мунтазам баҳисоб гирифтани дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар робита ба муҳити умум мебошад. Алалхусус, майлгирии таъсири омилҳои ғайрииқтисодӣ, моро ба он водор месозад, ки ба ин навъи омилҳо, ченкунӣ ва арзёбии омориро дар алоқамандии зич бо омори солона ба роҳ монем.

Аз раванди сикли ҳаётии маълумотҳои оморӣ мантиқан бармеояд, ки моҳияти омори солона ҳамчун низоми ҷамъбастӣ, ба низомдароварӣ, таҳлил ва дурнамои ҳодиса ва зуҳуроти иҷтимоию иқтисодӣ буда, бо роҳи пешгирии осебпазирии рушди оянда ва таъмингардонии амнияти миллӣ заминавӣ ҳамчун фишанги идоракунӣ баромад мекунад. (Нигаред ба расми 1).




**Расми 1. Модели ташаккулёбии объект ва предмети омори превентивӣ**

Дар ин асос нишондиҳандаҳои таркибӣ, махсусан минтақавӣ, моҳияти татбиқи саривақтӣ ва пуррагии барномаҳои рушди бахшҳои воқеиро дар ноҳия ва минтақаҳои алоҳидаи кишвар бояд, ки чораандешиҳои пешгирии осебпазирии рушд ва тараққиёти ояндавиро бо пайдарпайии мушоҳидавӣ, мураттабсозӣ, таҳлил ва дурнамои нишондиҳандавии маҷмуӣ фарогир бошанд. Имрӯзҳо қисми зиёди илмҳои соҳавӣ ҷиҳатҳои муҳимми масъалагузориҳои илмию назариявиро дар баробари истифодаи маълумоти омори солона бо қиёснамоӣ ва таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба маълумоти расмию ахбори шаҳрвандӣ (оммавӣ) пеш мебаранд. Баҳравар шудан аз чунин заминаи маълумоти ҷории пешакӣ баррасишаванда, ба эътибор гирифтани таҳлили майлгирии тарзи ҳаёт ва фаъолияти минбаъдаи мардумӣ хеле мухим баромад мекунанд. Яъне зарурате ба миён омадааст, ки омори амалкунандаи ватаниро дар доираи татбиқи стратегия ва барномаҳои рушди иқтисоди миллӣ, ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ ва муаррифӣ намудани дастовардҳои истиқлоли миллӣ, васеътар истифода намоем.

Аз назари мо, такмилдиҳӣ ва самаранок ба роҳ мондани таркиби илми оморӣ ҳамчун фишанги идоракунии давлатӣ дар алоқамандӣ бо дарёфти имкониятҳои превентивии ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти рушди мардумӣ хеле муфид мебошад. Чунки таъсис ёфтани иттилооти превентивӣ ҷиҳатҳои сифатан нави баррасии захираю имкониятҳо ва фишанги идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодиро ҳамарӯза ва мардумӣ ё оммавӣ фаро мегирад. Маълумоти превентивӣ дар мавриди бо

мушоҳида, коркард ва таҳлил фаро гирифтанашон, иқтидори моҳиятан нави қонуниятҳои миқдорию сифатии дигаргуншавии ҳодиса ва зуҳуроти иҷтимою иқтисодиро пайдо карда, барои идоракунии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ муфид ва бисёрҷониба сафарбарӣ карда мешаванд.Чунин шакли ҷараёнгирии муҷассамгардидаи маълумоти оморӣ ифодагари воқеияти иҷтимоию иқтисодии имкониятҳои рушди ояндавӣ, заминаи устувори мавқеъ пайдо намудани омори превентивӣ баромад мекунанд.

Низоми амалкунандаи омори миллӣ, новобаста аз вазъи моддию молиявӣ тавонист, ки то ба имрӯз талаботи истеъмолкунандагони зиёди ташкилоту муассисаҳои соҳаи истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолиро бо маълумоти зарурӣ қонеъ гардонад. Чун анъана, маълумоти оморӣ ҳамчун ҷамъбасти вазъи истеҳсолию хизматрасонӣ баромад мекунанд. Онҳо маҷмуи ҳисоббаробаркуниҳои уҳдадориҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, умуман, пешбурди фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ва хизматрасониҳоро тибқи муқаррароти ташкилию ҳуқуқӣ дар заминаи ҳисоботҳо, шакл ва навъҳои гуногуни мушоҳидаҳои интихобӣ ва методикаи ҷамъбастӣ ҳолат ва дигаргуниҳои рушди кишварро дар вақт ва макон ифодагарӣ менамоянд. Чунин маълумот аз рӯйи таъйинот асосан аз нигоҳи субъекти истеҳсолию хизматрасонӣ ва дар робита ба фаъолияти функсионалӣ ташаккул меёбанд. Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки айни ҳол чунин маълумот аз нигоҳи ташаккул ва мазмуни таъйинотӣ каме маҳдуд фаҳмида гирифта мешаванд. Аниқтараш, гунҷоиши маҳдуди иттилоотиро фаро гирифта, аз нигоҳи таъмини рушди босубот, самаранокии нисбатан камтарри идоравиро доро мебошанд.

Барои мисол, таъминоти аҳолӣ бо маҳсулоти озуқаворӣи ватанӣ камтар аз 80 дарсад дар заминаи осебпазирии хоҷагиҳои хонагӣ, ба амал омадани ноҷӯрии тамоми сикли такрористеҳсол, барои амнияти миллӣ, истиқлоли давлатӣ хатаровар аст. Акнун ба ҳамин масъала аз нигоҳи он маводҳои расмие, ки пайваста аз тариқи суханрониҳои Роҳбари давлат ва Ҳукумати кишвар, дар мулоқотҳои дохилӣ ва берунӣ доир мегарданд, назар андозем, арзиши меъёрии 80% дар натиҷаи даъвати мардум ба захираи озуқа дар хонаводаҳо, даъват барои ба маротиб афзун гардонидани ҳосили зироатҳо, мазмун ва мундариҷаи сифатан нав пайдо карда, иттилооти маҷмуӣ ифодакунандаи заминаи иттилоотӣ барои пешгирии осебпазирии рушд ва тараққиёти ояндавӣ баромад мекунад. Яъне баръало маълум мегардад, ки мушоҳидаи шаҳрвандӣ ва оммавӣ аз рӯйи шакли "даъват овардан", иқтидори зиёди ҷорию ояндавӣ, тадбирандешӣ ва коҳишдиҳии осебпазирии рушди дохилӣ ва беруниро доранд. Бинобар ин, аз назари мо, айни замон иқтидори даъват, маҳак ва ченаки муайянкунандаи омори превентивӣ, иқтидори зиёди инъикос кардани ҳодиса ва зуҳуроти рушди иқтисоди миллӣ ва фарҳанги омори миллӣ баромад мекунад.

Тибқи маълумоти омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бо нархҳои амалӣ 98910,7 млн.сомониро ташкил додааст [5,12]. Нишондиҳандаи мазкур, ҳамчун қимати натиҷавӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодии кишварро дар бар гирифта, майлгирии он мавриди баррасӣ ва тавсифи олимон, мутахассисони соҳа ва сиёсатмадорони давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мегиранд. Чӣ тавре дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 қайд мегардад: *“Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар нисбат ба соли гузашта 8,3 дарсад зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд”.* Ҳамзамон, дар Паём зарурате қайд мегардад, ки *“дар соли 2024 тавассути татбиқи барномаву нақшаҳои қабулгардида суръати рушди иқтисоди миллӣ дар сатҳи на кам аз 8 дарсад таъмин карда шавад”* [2,1-3]. Таъсисёбии танҳо ҳамин маълумоти муқоисавии рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз рӯйи ҳаҷм ва хусусияти майлгирии он, аз рӯйи ду шакли ташаккулёбии маълумот: *омори солона ва маълумоти Паём,* ин худ таҷассумгари рушд ва пешравии миқдорию сифатии маҷмуӣ барои таъмини рушди ҷорӣ ва ояндаи тараққиёти кишвар мебошад. Аз ин ҷо, зарурати истифодаи иттилооти мушаххаси маҷмуӣ, ҳамчун функсияи идоракунии ҷараёнгирии коҳишдиҳии осебпазирӣ бароммад мекунад. Яъне рақамҳои зикршудаи миқдорӣ ва сифатӣ дар мавриди бо таври маҷмуӣ арзёбӣ шуданашон, иқтидори иттилоотии омори солонаро афзун ва устуворӣ медиҳанд.

Бинобар ин, бо ташаккулёфтани омори превентивӣ ва мувофиқан пеш гирифтани коркарди мушоҳидавӣ, интихоби мафҳум ва категорияи нави оморӣ имконияти таҳлили превентивиро ба амал оварда, арзёбии майли ҷараёнгирии паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, мазмуни баланди на инки идоракунии ҷорӣ, балки арзёбии ояндавиро пайдо мекунанд. Маҳз ҳамин гуна нишондиҳанда имкониятҳоеро фароҳам меорад, ки кору фаъолияти субъектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ дар ҷомеа, аз нигоҳи мувофиқати талабот ва таклифот дар бозори молу хизматҳо, бозори захираҳо, рақобатпазирии корхонаҳо, устувории хонаводаҳо арзёбии самаранок пайдо намоянд. Ҳамин тавр, омори превентивӣ ташаккулёбӣ ва майлгирии рушди нишондиҳандаҳои микро, макро ва мезоиқтисодиро аз мавқеи ташаккулёбӣ ва баҳодиҳии сатҳи фаъолият дар бар мегирад. Заминаи иттилоотие ба шумор меравад, ки дар робита бо дигар аломати таҳтулнишондиҳандаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва назорати аудиторӣ, мақоми сифатан нави онро дар шакли афкори мардумӣ, ҳамчун объекти илми оморӣ, аз ҷумла омори превентивӣ, пайдо мекунад. Амалиёти превентивӣ, ҳамин тавр, дараҷаи нисбатан баландтари

таъсисёфтани иттилоотнокии ҳодиса ва зуҳуротҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар, заминаи тақвият ёфтани функсияи иҷтимоии оморӣ мебошад. Мазмуни омор худ инъикоскунандаи ҳолат ва вазъияти иқтидори давлатдорӣ дар макон ва вақт мебошад. Бинобар ин, ташаккулёфтани омори превентивӣ дар назария ва амалияи илми оморӣ, устувории давлати Тоҷиконро дар арсаи дохилӣ ва байналмилалӣ нишон дода, ҳамчун муаррифгари дастовардҳои истиқлол барои таъмини рушди имрӯз ва ояндаи кишвар баромад мекунад.

Аз ин ҷо, чӣ қадар, ки афкори ҷомеа аз ҳисоби омори превентивии банизомдаровардашудаи шаҳрвандӣ эътимоднок, пурра ва саривақтӣ ташаккул ёбад, ин ҳамон андоза қимати омӯзишӣ ва чораандешии самараноки идоракунии омори солонаро мегирад. Алалхусус, дар шароити мураккабшавии вазифаҳо ва талаботи наве, ки ҳаёти воқеӣ онҳоро аз мавқеи дарки мантиқи таҳлилӣ дар шароитҳои буҳронии эҳтимолӣ ба миён меоварад. Дар робита ба ин, чӣ тавре аз Паёми навбатӣ бармеояд: *“Сарфи назар аз таъсири омилҳои манфии солҳои охир, аз ҷумла паҳншавии бемории сироятии “COVID–19”, низоъҳои тиҷоратӣ, муноқишаҳои минтақавӣ, халалдор гардидани низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодиву молиявӣ ва таъсири бевоситаи онҳо ба иқтисоди миллӣ ба мо муяссар шуд, ки нишондиҳандаҳои рушдро дар ин марҳалаи ҳассос таъмин намоем. Дар ҳафт соли охир суръати рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоби миёна 7,5 дарсадро ташкил дода, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 1,5 баробар зиёд гардид”* [2, 3].

Ҳамин тавр, шароити имруза муҳити шиддатнок ва рақобатноки бозорӣ буда, албатта, аз бисёр ҳолатҳои эҳтимолӣ ва хусусиятҳои нави рушду тараққиёт вобаста аст. Масалан, рақамигардонии муносибатҳои иқтисодӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, дар натиҷаи паҳншавии бемории сироятии “COVID–19”, суръати баланд гирифт. Чунки бо васеъ гардидани маҳдудиятҳои карантинӣ, муносибатҳои нави иқтисодии электронӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ аз ҳисоби хизматрасониҳо ва тиҷоратӣ электронӣ рушд ёфтанд.

Аз ҳолатҳои муқоисавии дар дар боло зикршуда зарурате бармеояд, ки вобаста ба баррасиҳои илмию назариявӣ, амалӣ ва сиёсию фарҳангӣ бояд низоми муайяни ҷамъбаст, таснифбандӣ, таҳлил ва хулосабарории маълумоти маҷмуии илмию амалиро бо дарназардошти дигаргуниҳои эҳтимолӣ ҳамчун объекти омори пешгирикунанда ва коҳишдиҳандаи осебпазирии рушд мавқеъгирӣ намоем. Бо ин қайд карданием, ки донисташавандагии таъмини рушди уствор аз рӯйи нишондиҳандаҳои микро, макроиқтисодӣ ва мезоиқтисодӣ аз мавқеи ташаккулёбии маълумоти маҷмуии баромадшавандаи (шаҳрвандӣ) ва музокираҳои расмӣ вобастагии зич мегирад. Бо мақсади мақеъгирӣ ва асосноксозии омори

превентивӣ ҳамчун шохаи мустақили назария ва амалияи илми оморӣ, зуҳуроти "осебпазирии рушди минбаъда"-ро бо ченаки таъсиррасони даъват асос қабул менамоем. Яъне ибораи "даъват"-ро ҳамчун зуҳурот, ҳодиса ва категорияи оморӣ ва ба маънои фишанги идоравӣ мавриди таҳқиқ ва истифодабарӣ қарор додан, эътимоднокии нисбатан муфидноки таҳлилӣ мегирад. Маҳз дар ҳамин замина, пешгирӣ ва коҳишдиҳии осебпазирии рушди минбаъда ҳамчун объект ва предмети омӯзиши омори превентивӣ баромад карда, функсияи идоракунии самти мазкурро ташкил медиҳад. Мавқеи мо ҳамин тавр аз он бармеояд, ки агар натиҷаи ташаккулёбии неъматҳои моддию маънавиро барои тамоми ҷараёни такрористеҳсол аз рӯйи ба кор даровардани ченаки иқтидори "даъват" арзёбӣ намоем, ин заминаи илмӣ–назариявӣ, методологӣ ва амалии эътироф пайдо кардани омори превентивии ватаниро ифода мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки моҳиятан, мафҳуми даъват хеле васеъ буда, онро яктарафа баҳо додан, ғайриимкон аст. Лекин дар умум, ин имкон дорад, ки аз рӯйи баъзе аломатҳои муҳим, ба монанди ташкилию ҳуқуқӣ, техникию иқтисодӣ, сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудо гардида, вобаста ба мавзуи таҳқиқ шарҳ дода шавад. Агар дар маҷмуъ, мавқеъгирӣ намоем, даъват барои баланд бардоштани обрӯйи ватан, ваҳдату ҳамдилӣ, ватандустӣ ва қадрдонӣ аз соҳибдавлатӣ, хиёнат накардан ба ватану давлати худ, меҳнати ҳалол ва меҳнатдӯстӣ, худдорӣ намудан аз фасод, созандагию ободкорӣ, донишандӯзӣ, солимгардонӣ, тақвияти вазъи моддӣ, боварӣ ба ояндаи неку дурахшони Ватан, нигоҳ доштани ҳушёрию зиракии сиёсӣ, риояи одобу эҳтироми ҳамаҷониба дар фаъолияти меҳнатӣ ва хонаводагӣ, даъват ба сарфаю сариштакорӣ, самаранок истифодабарии захираҳои табиӣ ва ҳифзи экологӣ аз қабили тадбирҳои маънавии пешгирикунанда ва коҳишдиҳандаи осебпазирии рушди минбаъдаи кишвар мебошанд. Ба эътибор гирифтани чунин шакл ва навъи шаклгирии даъват, дастуру супоришҳои мушоҳидавӣ, мазмун ва мундариҷаи омори миллиро сифатан боло мебардорад.

Ба ақидаи мо, даъватҳои зикргардида бо иқтидори маънавии пешравӣ баромад карда, моҳиятан онҳо омилҳои ғайрииқтисодии рушди дохилии соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар ва мақоми Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир мебошанд. Маҳз дар заминаи ченакфароҳамоварии иқтидори маънавию фарҳангӣ, таҳлили имкониятҳои рушд, омори миллиро аз ҳисоби ташкил ва ба роҳ мондани омори превентивӣ дар назар дорем. Бинобар ин, барои пурра ва ғанӣ гардонидани мазмун ва мундариҷаи маълумоти омори солона, баркашии онҳо аз мавқеи ташаккулёфтани маълумот ва ахбори превентивӣ таъсирбахш ва муфидтар мебошанд. Ҳодиса ва зуҳуроти ба ин ё он соҳа тааллуқдошта, бояд аз тариқи истифодаи тамсила–мушоҳидаҳои замонавии оморӣ имкониятҳои васеи бақайдгирӣ, тасниф ва таҳлили рушди

устуворро пайдо намоянд. Ба шарте, ки вобаста ба низоми ташаккулёфтаи фаъолияти субъектҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ тарзи пурраи фарогирии амалиёти мушоҳидавӣ мавқеи илмию назариявӣ ва консептуалии омори превентивиро аз зинаҳои поёнӣ пайдо намоянд. Дар робита ба ин, алгоритми татбиқ намудани нишондиҳандаҳои даъватӣ ва ташаккулёбии модели омори превентивиро пешниҳод мегардонем:

**Алгоритми нишондиҳандаҳои даъватӣ ва ташаккулёбии модели омори превентивӣ**

**Ташаккулёбии муҳити мушоҳидаи омории амалиётҳои тадбирандешӣ ва пешгирии осебпазирии рушди ояндавии фаъолияти субъекҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ;*

**Ба эътибор гирифтани истифодабарандагони маълумотҳо доир ба амалиёти тадбирандешӣ ва пешгирии осебпазирии рушди ояндаи фаъолияти субъектҳо;*

**Баҳодиҳии майли субъектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ҳамчун таъсисдиҳандаи маълумоти тадбирандешӣ ва пешгирии осебпазирии рушди ояндавии фаъолияти субъектҳо;*

**Мураттабгардонии ҳисоботи молиявии субъектҳои истеҳсолию хизматрасонӣ ҳамчун таъсисдиҳандаи маълумоти превентивӣ;*

**Саривақтӣ ва бопуррагӣ ба роҳ мондани арзёбии амалиёти истеҳсолию хизматрасонӣ ва таъсири омилҳо ба вазъи устувории молиявии субъектҳо аз рӯйи амалиёти превентивӣ;*

**Ба роҳ мондани ченкунии оморӣ бо таваҷҷуҳ ба мувофиқбаробаркунӣ, баҳодиҳӣ ва таснифбандӣ, робитаи бақайдгирии амалиёти тадбирандешӣ ва пешгирии осебпазирии рушди фаъолияти субъектҳо;*

**Ташаккулёбии фоида аз фаъолияти истеҳсолию хизматрасонӣ ва тартибдиҳии ҳисоботи молиявии субъектҳо ҳамчун таъсисдиҳандаи маълумоти тадбирандешӣ ва пешгирии осебпазирии рушд;*

** Ба итмом расонидани арзёбии омории тадбирандешӣ ва пешгирии осебпазирии рушд ва тартиби ҷамбаст кардани амалиёт барои қабули қарори идоравӣ.*

Дар ин замина, ахбор ва маълумоти баррасишаванда дар алоқамандии зич бо истеъмолкунандагони ахбор ва маълумоти баррасишаванда ташаккул ёфта, сикли ҳаётии омори солона, баркашии превентивӣ пайдо карда, барои рушди ояндавӣ таъйиноти идоравии мукаммал мегиранд. Нигаред ба расми 2.




**Расми 2. Модели ташаккулёбии омори превентивӣ, ҳамчун ҷузъи ҳаётии маҷмуи оморӣ**

*Дар мақола вазъи бозори меҳнат ва шуғли аҳолии кишвар бо дарназардошти пажуҳиши хусусиятҳои амнияти шуғл барои таъмини рушди Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Доир ба масъалаи татбиқи сиёсати самараноки иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ҷиҳати бартараф кардани тамоюлҳои манфии давраи гузариши иқтисоди бозорӣ, амалӣ намудани чорабиниҳо доир ба ташаккул ёфтани бозори меҳнати миллӣ ва таъмини амнияти шуғли аҳолӣ, инчунин, доир ба мавҷудияти муносибатҳои меҳнатии шуғли ғайрирасмӣ дар кишварамон ва тадбирҳои давлатӣ бо мақсади ҳалли камбудиҳо дар ин самт, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *амнияти шуғл, бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, шуғли ғайрирасмӣ, сиёсати самаранок, иқтисоди бозорӣ, барномаҳои давлатӣ, бокортаъминкунӣ.*

Вазъи бозори меҳнати миллии Тоҷикистон бо хусусиятҳои махсуси душвор, ки баъд аз пошхӯрии собиқ давлати Шуравӣ ба амал омадаанд, арзёбӣ карда мешавад. Нигоҳдории ҷараёни озодшавӣ ва ё дар ҳолати номуайян боқӣ мондани қувваи кории барзиёд ба сатҳи баланди бекорӣ дар дохили кишвар вобастагӣ дорад, ки он мутобиқи ҳисобкунии академик Р.К. Раҳимов беш аз 30%-ро ташкил медиҳад [1, 35]. Чунин вазъи баамаломада метавонад ба амнияти шуғли аҳолӣ таъсири манфӣ расонад ва вазифаи аввалиндараҷаи мақомоти дахлдори давлатӣ иборат аз он аст, ки тавассути таъсис додани ҷойҳои кории арзанда ва фарогирии аҳолӣ ба шуғли пурмаҳсул, пеши роҳи ин гуна ҳолатҳои номатлубро гирифта тавонанд.

Дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳоло ба таври шаффофияти пурра муносибатҳои бозоргонӣ ташкил нашудаанд ва тартиби ягонаи кор кардани субъектҳои хоҷагидор дар бозори меҳнат бояд ҷорӣ карда шавад, ки он тавонад амнияти шуғлро то дараҷаи дилхоҳ таъмин созад. Хислати бозори меҳнати миллӣ аз бартарӣ доштани қоидаҳои

ғайрирасмӣ нисбат ба қоидаҳои расмӣ иборат мебошад ва вобаста ба чунин ҳолати ба амаломада баъзе пажуҳишгарон ҳисоб мекунанд, ки бозори меҳнати Тоҷикистон дар вазъи ғайриинститутсионалӣ ва ғайримутараққӣ қарор дорад [2, 6]. Ин гуна хусусият ба бисёр кишварҳои ИДМ хос мебошад ва барои рушди соҳаи мазкур бояд тадбирҳои ҷиддӣ ва усулҳои муосир истифода бурда шаванд.

Дар мадди аввал дар чунин шароит ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷудбуда, таҳияи сиёсати самараноки иқтисодӣ ва иҷтимоӣ лозим аст, ки он тавонад тамоюлҳои манфии давраи гузариши иқтисоди бозоргониро бартараф созад ва дигаргуниҳои тараққиётро дар сохтори шуғли аҳолӣ, сифати қувваи корӣ, сатҳи даромади аҳолӣ ва дигар пешрафтҳоро дар ин самт таъмин намояд.

Таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ёфтани бозори меҳнати миллӣ ва ҳалли душвориҳо доир ба амнияти шуғли аҳолӣ, ошкор кардани қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди он дар шароити гузариши иқтисодӣ, таҳлили оқибатҳои муҳоҷирати байналмилалӣ ба бозори меҳнати дохили мамлакат, инчунин, ташкил кардани бозори меҳнати умумӣ дар доираи равандҳои якҷояшавӣ байни кишварҳои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон муносиб ва пеш аз ҳама ИДМ, имкон медиҳанд масъалаҳои афзалиятноки ташаккул ёфтани бозори меҳнат дар кишварамон ҳарчи зудтар ҳалли худро пайдо намоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабҳои дар боло қайдшуда дар давоми даҳсолаҳои охир зуҳуроти наве бо хусусиятҳои ғайриодии худ пайдо гардид, ки дар давраи Шуравӣ ба таври оммавӣ вуҷуд надошт ва он аз тарафи олимону коршиносони илми иқтисодиёт бо мафҳуми "шуғли ғайрирасмӣ" номгузорӣ карда шуд. Дар моддаи 1-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ" [3], ки мафҳумҳои асосии он қайд карда шудаанд, мутаассифона, мафҳуми "шуғли ғайрирасмӣ" дарҷ нагардидааст, гарчанде чунин фаъолият дар кишварамон қонунияти табиии худро дорад ва он ба таври оммавӣ даҳҳо ҳазор нафарро дар дохили мамлакат дар бар мегирад.

Шуғли ғайрирасмӣ муносибатҳои меҳнатии ба танзим оварданашуда байни корҷӯй ва кордиҳанда мебошад ва он бе қайди мақомоти дахлдори давлатии ҷумҳуриявӣ ба амал меояд. Дар ин гуна фаъолият масъалаи тартиби ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ инкор карда мешавад ва дар бисёри мавридҳо ҳуқуқи кормандон поймол мегардад, зеро он заминаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кормандонро надорад [4].

Бештар шуғли ғайрирасмӣ ба таври қарордоди шифоҳӣ бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иҷро карда мешавад ва дар ин гуна ҳолатҳо расмиёти ба кор қабул кардан, пур кардани дафтарчаи меҳнатӣ, пардохти музди меҳнати корманд, супоридани андози давлатӣ, аз ҷумла суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, фароҳам овардани шароити меҳнат ва ҳалли дигар масъалаҳои

моддию иҷтимоӣ вуҷуд надоранд, ки ҳамаи ин омилҳо асоси вайрон кардани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории миллӣ марбут ба масъалаҳои шуғл мебошад. Чунин вазъ дар шароити ҳозира ба шакли оммавӣ мубаддал гаштааст ва он шиддатнокии амнияти шуғли аҳолиро дар кишварамон ба амад меоварад, ки боиси нигаронӣ аст.

Яке аз мисолҳои одие, ки ба шуғли ғайрирасмӣ шабоҳат додан мумкин аст, фаъолияти кории ронандагони таксиҳои шаҳрӣ мебошад. Дар шаҳри Душанбе 7 ширкати таксӣ фаъолият дорад, ба монанди "Рахш Таксӣ", "Як Таксӣ", "Олуча Таксӣ", "Тоҷ Таксӣ" ва ғайра. Шумораи ин гуна таксиҳои хизматрасон танҳо дар шаҳри Душанбе қариб 5000 ададро ташкил медиҳад, лекин маъмурияти ин ширкатҳо бо ронандагон муносибатҳои меҳнатии расмӣ надоранд. Зеро байни тарафҳо шартномаи меҳнатӣ ба имзо нарасидааст, ронандагон дафтарчаҳои меҳнатӣ надоранд, музди меҳнати расмӣ намегиранд, ширкатҳо ҳармоҳа андози суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаро пардохт намекунанд. Чунин амал аз тарафи роҳбарияти ширкатҳои таксӣ бар хилофи қонунгузории миллӣ ва байналмилалӣ мебошад, ки бо ин гуна муносибат ҳуқуқҳои шаҳрвандон поймол карда мешавад.

Ба ин монанд шуғли ғайрирасмӣ дар ошхонаю тарабхонаҳо, меҳмонхонаҳо, ташкилоту корхонаҳо бевосита аз шакли моликияташон вуҷуд дорад ва чунин фаъолияти ғайрирасмӣ бояд аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ мавриди санҷиш, ошкорбаёнӣ ва ҷазои маъмурӣ қарор дода шавад. Ин гуна хусусиятҳои шуғл ва қонунияти табиии онҳо чандин солҳо боз давом дорад ва дар ҳолати зоҳир намудани беаҳамиятӣ ба ин зуҳуроти ғайриқонунӣ, он метавонад ба амнияти шуғли аҳолӣ дар дохили мамлакат таъсири манфӣ расонад.

Масъалаи бакортаъминкунӣ, яъне ба шуғл фаро гирифтани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили мамлакат бояд ба талаботи сиёсати давлатӣ дар соҳаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ҷавобгӯй бошад ва барои ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар ин самт, андешидани тадбирҳои ҷиддӣ дар сатҳи давлатӣ бо истифодаи усулҳои замонавӣ зарур аст. Мутаассифона, рақамҳои расмӣ доир ба масъалаи бакортаъминкунии шаҳрвандони кишварамон дар дохили мамлакат тайи солҳои Истиқлоли давлатӣ ташвишовар мебошанд. Агар соли 1991 шумораи аҳолии дар иқтисодиёти мамлакат фаъол 76%-ро ташкил дода бошад, пас ин рақам соли 2014 то 51% коҳиш ёфтааст [5, 88], ки он ҳамчун омили манфии иҷтимоӣ дар ҷомеаи шаҳрвандӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Ҷунин тамоюли манфӣ солҳои минбаъда низ давом дошт ва то соли 2017 шумораи аҳолии дар иқтисодиёти мамлакат фаъол боз ҳам коҳиш ёфт ва 44,2%-ро ташкил дод, ки чунин нишондиҳандаҳо дар таъмини амнияти шуғли аҳолии кишварамон ба таври манфӣ арзёбӣ карда мешаванд [6,18]. Тибқи

“Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022”, сатҳи расмии шуғлнокии захираҳои меҳнатии кишварамон 44,0 %-ро ташкил кард [7] ва солҳои минбаъда мақомотҳои дахлдори Тоҷикистон бояд ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи шуғлнокии аҳолии қобили меҳнат чораҳои ҷиддӣ андешанд ва амнияти шуғлро бо мақсади рушди иқтисодию иҷтимоии кишварамон таъмин намоянд.

Сатҳи расмии бекорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми ду даҳсолаи охир доимо дар ҳаҷми 2,0–2,4% дарҷ гардида [8], шумораи ҳарсолаи шаҳрвандони бекор, ки дар мақомоти давлатии шуғл расман ба қайд гирифта мешаванд, солҳои 2018–2022 тақрибан 52-53 ҳазор нафарро ташкил медиҳад [7, 19–20]. Тибқи Барномаи зикргардида барои солҳои 2020-2022, ба ҳолати соли 2022 аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол 2536000 нафар ва аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол 3315100 нафарро ташкил карда буд ва агар мо ба воқеияти масъала назар афканем, пас фикру ақидаи академик Р.К. Раҳимов ҷиҳати арзёбии имрӯзаи вазъи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар дохили кишварамон муносибу дақиқ мебошад.

Баъзе аз коршиносони хориҷӣ ва ватанӣ бар он ақидаанд, ки воқеияти масъала дар бозори меҳнати дохили кишвар пурра ва шаффофона инъикос карда намешавад, чунки дар Тоҷикистон ҳисоби шаҳрвандони бекор мутобиқи методологияи номукаммал татбиқ мегардад ва он сиёсати умумии давлатиро дар соҳаи шуғл ва бозори меҳнат ба иштибоҳ мебарад. Дар асоси баҳодиҳии коршиносон, ба Тоҷикистон лозим аст, ки методологияи Созмони Байналмилалии Меҳнатро истифода барад, зеро он ба талаботи ҳозираи соҳаи шуғл ва бозори меҳнат ҷавобгӯй буда, аз ҷониби бисёр давлатҳо хуб баҳогузорӣ карда шудааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлоли давлатӣ Барномаҳои кӯтоҳмуддати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолиро қабул менамояд ва Барномаи навбатии он бошад, давраи миёнамуҳлатро дар бар мегирад, ки муҳлати иҷрои он барои солҳои 2023–2027 нигаронида шудааст. Барномаҳои солҳои пеш қабулгардида бо сабаби ҳамоҳангсозии нокифоя ва зоҳир намудани хунукназарӣ аз тарафи вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин, кордиҳандагони ватанӣ ва хориҷӣ бевосита аз шакли моликияташон, натиҷаҳои дилхоҳро надоданд. Бисёри кордиҳандагон доир ба масъалаи таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва нигоҳ доштани ҷойҳои кории арзанда, ба мақомоти давлатии шуғл маълумот ва рақамҳои беасосро пешниҳод менамоянд ва чунин ҳолат ба нофаҳмиҳои зиёд ва норозияту эътирози шаҳрвандон оварда мерасонад.

Ҳамчун мисол, “Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2014–2015”-ро мавриди таҳлил қарор додан мумкин аст, ки мутобиқи он давлат уҳдадор буд дар давоми ду соли зикргардида дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 280 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис диҳад.

Яъне дар давоми солҳои 2014–2015 бояд 280 ҳазор нафар қувваи қобили меҳнат аз ҳисоби шаҳрвандони кишварамон ба шуғл фаро гирифта мешуданд. Лекин дар воқеият бошад, дар ин ду сол ҳамагӣ 61893 нафар [9] шаҳрванд бо кор таъмин карда шуданд, ки чунин аҳвол саволҳои зиёдро доир ба шаффофу дақиқ будани рақамҳои пешниҳодкардаи мақомоти дахлдори давлатӣ ба миён меоварад. Вобаста ба мушкилоти ҷойдошта дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, шиддатнокии самти муҳоҷирати меҳнатии беруна афзоиш меёбад ва мақсадҳои гузошташудаи Ҳукумати мамлакат доир ба паст кардани ҷараёни муҳоҷирати берунаи шаҳрвандони кишварамон халалдор мегардад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар барномаҳои дарҷгардидаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ чорабиниҳо марбут ба бакортаъминкунии муҳоҷирони меҳнатии баргашта тайи солҳои охир ба инобат гирифта мешавад ва доир ба ин масоил тадбирҳои иловагӣ андешидан зарур аст. Зеро маблағгузории Барнома талаботи ҳатто 10%-и муҳоҷирони меҳнатии баргаштаро қонеъ карда наметавонад ва асоснокии ин масъала дар он аст, ки шумораи муҳоҷирони меҳнатии баргашта даҳҳо ҳазор нафарро ташкил медиҳад, вале имкониятҳои Барномаи шуғл танҳо барои хизматрасонии 15-20 ҳазор нафар мебошад [10, 12].

Ба камбудиҳои молиявӣ нигоҳ накарда, тибқи “Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2018-2019” ҷиҳати расонидани хизматрасонии давлатӣ ба муҳоҷирони меҳнатии баргашта чорабиниҳои зерин иҷро карда шудаанд:

– ба 3.3 ҳазор нафар кумак расонида шуд, ки бо ҷойҳои корӣ таъмин карда шаванд;

– ҳамагӣ 6,6 ҳазор нафар барои омӯзиш ба курсҳои кӯтоҳмуддати касбӣ равона карда шуданд;

– барои корҳои мавсимии ҷамъиятӣ 2,2 ҳазор нафар аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии баргашта ҷалб карда шуданд;

– ба 1,6 ҳазор нафар барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ қарзҳои имтиёзнок ҷудо карда шуданд;

– хизматрасонӣ доир ба шаҳодатномакунонии малакаи касбӣ ба 1,2 ҳазор нафар расонида шуд [10, 12-13].

Дар маҷмуъ, тибқи Барномаи болозикр ҳамагӣ ба 14,9 ҳазор нафар муҳоҷирони меҳнатии баргашта дар давоми солҳои 2018-2019 кумаки амалӣ расонида шуд, ки онҳо тавонанд вазъи иҷтимоӣ ва молиявии хонаводаҳои худро беҳтар гардонанд. Аз ин хотир, шаҳрвандони кишварамон нигарони барномаю стратегияҳои амалишавандаю воқеӣ мебошанд, ки барои фаъолияти корӣ ва зисту зиндагии аҳолии кишвар манфиатбахш ва иҷрошаванда бошанд. Мақомоти ваколатдори Тоҷикистон дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ камбудиҳои мавҷудбударо дар

татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ба инобат гирифта, минбаъд барномаҳои миёнамуҳлатро бо дарназардошти ҷорӣ кардани усулҳои ҳавасмандгардонӣ доир ба таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок барои рушди соҳибкории хурду миёна, омӯзиши шаҳрвандон ба касбу ихтисосҳои рақобатпазир дар бозори меҳнати байналмилалӣ ва дигар чорабиниҳои зарур дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ мавриди амал қарор медиҳад. Бо ин мақсад, чӣ тавре дар боло қайд карда шуд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи давлатии миёнамуҳлатро барои солҳои 2023–2027” қабул кард ва мувофиқи дурнамои нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ мегардад, ки дар давоми солҳои 2023–2027 дар соҳаҳои иқтисодиёти кишвар маҷмуан 1254,7 ҳазор, аз ҷумла, дар бахши воқеии иқтисодиёт 748,4 ҳазор (59,6 дарсад) ва дар бахши хизматрасонӣ 506,3 ҳазор (40,4 дарсад) ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд. Аз шумораи мумии ҷойҳои кори таъсисшаванда 457,0 ҳазор (36,4 дарсад) ҷойҳои кории доимӣ, 469,5 ҳазор (37,4 дарсад) ҷойҳои кории муваккатӣ, 266,3 ҳазор (21,2 дарсад) ҷойҳои кории мавсимӣ ва 61,7 ҳазор (5,0 дарсад) ҷойҳои кории иловагӣ ва барқароршуда мебошанд [11].

Ҷиҳати беҳтар намудани вазъи соҳаи шуғл ва бозори меҳнат дар дохили кишвар, коркард ва таҳияи барномаҳои миллии рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо дарназардошти тараққиёти инфрасохтори деҳот ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ, бунёди корхонаю ташкилотҳои истеҳсолӣ, соҳибкории хурду миёна, ҷалби сармояҳои хориҷӣ ва аз он ҷумла маблағҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, диаспораҳо ва тоҷикони бурунмарзӣ, зарур мебошад. Чунин тарзи кор метавонад ба натиҷаҳои дилхоҳ оварда расонад ва бо ин роҳ ҷойҳои нави кории арзанда низ таъсис дода шаванд. Аммо ҳалли масъалаҳои болозикр танҳо дар ҳолати амалӣ намудани сиёсати дурандешонаи кадрӣ дар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо ва ҷойгузории мутахассисони баландмаърифату ватанпарвар, мумкин аст иҷро карда шаванд. Вобаста ба ин, чораҳои тақдирсоз бо дарназардошти такмил ва ивази қонунгузории дахлдори миллӣ, аз ҷумла дар соҳаи шуғли аҳолӣ, бояд қабул карда шаванд, ки он руҳияи мардумро дар асоси кафолати давлатӣ доир ба таъмини онҳо бо шуғли пурмаҳсул ва беҳтар намудани некуаҳволии шаҳрвандон баланд бардорад.

*Ҷадвали 1*

**Вазъи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва тамоюли рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқоисаи солҳои 2010** [12] **ва 2022** [7].

| Р/т | Нишондиҳандаҳо | Соли 2010 (нафар) | Соли 2018 (нафар) |
|---|---|---|---|
| 1. | Шумораи аҳолӣ | 7491,5 | 9882,3 |
| 2. | Захираҳои мехнатӣ | 4491,5 | 5858,1 |
| 3. | Аҳолии дар иқтисодиёт фаъол | 2310,9 | 25364,7 |
| 4. | Аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол | 2180,6 | 3315,1 |
| 5. | Захираҳои мехнатии ба бозори меҳнат воридшаванда | 1904,9 | 3029,0 |
| 6. | Коргарони ихтисоршуда | 5,4 | 6,3 |
| 7. | Тараққӣ додани хоҷагии деҳқонӣ | 21,1 | 94,5 |
| 8. | Бокортаъминкунӣ | 28,7 | 47,4 |
| 9. | Мустақилона бо кор таъмин мешаванд | 83,4 | 185,7 |
| 10. | Ба таҳсил машғул мешаванд | 119,1 | 173,2 |
| 11. | Ба муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ машғул мешаванд | 330,9 | 689,1 |
| 12. | Сафарбаркунӣ ба касбомузӣ дар курсҳои кӯтоҳмуддат | 8,5 | 18,3 |
| 13. | Аҳолии боқимондаи бешуғли қобили меҳнат | 1309,3 | 2046,2 |
| 14. | Сатҳи расмии шуғлнокии захираҳои меҳнатӣ (бо %) | 50,2 | 44,0 (соли 1991-76%) |

Дар ҷадвали овардашуда таҳлили вазъи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва тамоюли рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқоисаи солҳои 2010 ва 2022 дарҷ карда шудааст ва мо метавонем воқеияти ҳолро бо мақсади таъмини амнияти шуғл дар кишварамон мавриди омӯзиш қарор диҳем.

Мутобиқи ҷадвал шумораи аҳолии кишварамон дар соли 2022 нисбат ба соли 2010-ум 20% афзоиш ёфтааст ва вобаста ба он захираҳои меҳнатӣ низ то 21% зиёд гардидааст. Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки дар ин солҳо шумораи аҳолии дар иқтисодиёт фаъол ҳамагӣ 11,8%, лекин шумораи аҳолии дар иқтисодиёт ғайрифаъол то 30,9% зиёд гардидааст ва чунин нишондиҳанда мушкилотро дар самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ нишон медиҳад. Маълум аст, ки дар кишвари мо суръати афзоиши истеҳсолот аз суръати афзоиши захираҳои корӣ то дараҷае қафо мемонад ва

доир ба рушди босуръати истеҳсолоти ватанӣ мақомоти дахлдори давлатӣ бояд тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

Бо дарназардошти фикру ақидаҳои зикргардида ва барои расидан ба мақсадҳои дилхоҳ ҷиҳати таъмин намудани амнияти шуғли аҳолӣ дар кишварамон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон, ҳалли масъалаҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Такмили қонунгузории миллӣ ва татбиқи сиёсати самаранок марбут ба самти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, таъмин намудани шаффофият дар фаъолияти мақомотҳои дахлдори давлатӣ ва кафолати ҳуқуқию иҷтимоии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ доир ба татбиқи чорабиниҳо, ки амнияти шуғли аҳолиро пойдор менамояд.

2. Гузаронидани тафтиши (ревизия)-и бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ бо мақсади муайян кардани воқеияти талаботи бозори меҳнат дар дохили кишвар ба касбу ихтисосҳое, ки барои соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат лозиманд. Бо ин роҳ кам кардани шумораи донишгоҳҳои олии мамлакат ва табдил додани қисме аз онҳо ба муассисаҳои касбию техникӣ бо омӯзонидани ихтисосҳои замонавии коргарӣ тибқи талабот ва рақобатпазирӣ дар бозори меҳнати байналмилалӣ.

3. Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди босуръати саноатикунонии мамлакат ва соҳибкории хурду миёна ҷиҳати таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва таъмини аҳолии қувваи қобили меҳнат бо шуғли пурмаҳсул.

4. Қабули барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ доир ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва инноватсионӣ бо нишон додани бунёди корхонаҳои хурду калони саноатӣ, миқдори ҷойҳои кории доимӣ бо маоши арзанда барои шаҳрвандон, маҳсулоти сифатан баровардашуда бо даромаднокии истеҳсолот ва дигар масъалаҳо ҷиҳати таъмин намудани амнияти шуғли аҳолӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии шаҳрвандони кишвар.

## АДАБИЁТ

1. Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста. //Экономика Таджикистана: стратегия развития.–Душанбе. 2003. - №1. – С. 35.

2. Усманова Т.Д. Формирование и развитие рынка труда в переходной экономике Таджикистана. – Душанбе. 2005. – С. 6.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» аз 30 июни соли 2003, №8.

4. Муқаррароти муаллиф.

5. Бабаев А.А. Диаспоры: необходимость их привлечения в процесс развития Таджикистана.//ж.Федеральное государственное бюджетное

учреждение науки. Институт проблем рынка Российской академии наук (ИПР РАН). Материалы международной научно-практической конференции, 25-26 февраля 2016 года. – М.: 2016. – С. 88.

6. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2017, саҳ. 18.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2020, № 644 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2022".

8. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тоҷикистон: 20 соли Истиқлолияти давлатӣ (Маҷмуаи оморӣ), соли 2011.

9. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014–2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2014, №19 қабул карда шудааст.

10. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2019, саҳ. 12.

11. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2023, №135 «Дар бораи Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2027».

12. Статистический ежегодник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. 2014.

## ОЦЕНКА РЕЗУЛЬТАТОВ ИССЛЕДОВАНИЯ ОСОБЕННОСТЕЙ БЕЗОПАСНОСТИ ЗАНЯТОСТИ НАСЕЛЕНИЯ В РАЗВИТИИ ТАДЖИКИСТАНА

**АЗИМОВ АБДУМАВЛОН ДЖАЛИЛОВИЧ,**
доктор экономических наук, профессор кафедры
экономической теории Института экономики и торговли
Таджикского государственного университета коммерции
Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони 169;
тел: (+992) 927-79-18-54, e-mail: mavlon_1954@mail.ru

*В статье изучена ситуация рынка труда и занятости населения в стране с учетом исследования особенностей безопасной занятости в целях обеспечения развития Таджикистана. Уделяется важное значение вопросам реализации эффективной экономической и социальной политики для устранения отрицательных тенденций переходного периода рыночной экономики, осуществления мероприятий по формированию национального рынка труда и обеспечения безопасной занятости, а также о существовании трудовых отношений неформальной занятости в стране и*

*государственные меры по решению имеющихся недостатков в данной сфере.*

***Ключевые слова:*** *безопасность занятости, рынок труда и занятость населения, неформальная занятость, эффективная политика, рыночная экономика, государственные программы, трудоустройство.*

## ASSESSMENT OF RESULTS OF RESEARCH ON PATTERNS OF EMPLOYMENT SECURITY IN THE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN

**AZIMOV ABDUMAVLON JALILOVICH,**
Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory,
Institute of Economics and Trade, Tajik State University of Commerce
Tajikistan, Khujand city, Somoni avenue 169;
tell.: (+992) 927791854, e-mail: mavlon_1954@mail.ru

*The article examines the state of the labor market and employment of the country's population, taking into account the research of employment security features to ensure the development of Tajikistan. Special attention is paid to the issue of implementation of effective economic and social policy to overcome negative trends in the transition period of market economy, implementation of measures to form a national labor market and employment security, as well as the existence of labor relations of informal employment in our country and state measures to eliminate shortcomings in this direction.*

***Keywords:*** *job security, labor market and employment of the population, informal employment, effective policy, market economy, government programs, employment.*

УДК: 304

# НАҚШИ ФАРҲАНГИ МАЪНАВӢ ДАР ТАШАККУЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**САФИЗОДА МОҲРУХСОР САФӢ,**
профессори кафедраи сарояндагӣ (халқӣ)-и Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода
750036, Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 73А;
тел.: (+992) 918-65-80-64.

*Дар мақола сухан дар бораи дастуру муқаррароти Паём, ки муҳимтарин роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, баланд бардоштани маърифатнокии онҳо буда, ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон дар ҳар як кишвар ба таври гуногун сурат мегирад ва аксар вақт ба ин раванд хусусиятҳои таърихии рушди давлат таъсир мерасонанд. Санъат ва фарҳанги ғании миллии мардуми Тоҷикистон, низ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, нақши муассир дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, санъати мусиқӣ, тарбияи ахлоқӣ, зебопарастӣ, ташаккули санъати мусиқии тоҷик, моли халқ, фаҳмиши махсуси ҳуқуқ.*

Тавре Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олиии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд: “Тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд ҳамаи захираву имкониятҳоро ҷиҳати иҷрои вазифаҳои зикршуда барои соли 2024, ки сиюмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд. Зеро Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи бунёди давлати мустақили миллӣ ва пешрафти тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми кишварамонро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад. Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем. Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки соли 2024 ба ифтихори ин санаи бисёр муҳими таърихӣ «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад” [3]. Бо дар назардошти дастуру муқаррароти Паём, бояд қайд кард, ки муҳимтарин

роҳи ташаккули сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони муосир, баланд бардоштани маърифатнокии онҳо ва истифодаи имкониятҳо дар ҷустани чораҳои ҳуқуқӣ ҳангоми танзими низоъҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷа, тафаккури ҳуқуқии ҷомеа ташаккул ёфта, дар навбати худ нигоҳи ҷомеаи Тоҷикистонро куллан тағйир медиҳад. Аз ин лиҳоз, тарбияи ҳуқуқӣ ва тарбияи кадрҳои ҳуқуқӣ ҳамчун шарти баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ ва механизмҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа бояд яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ дар соҳаи маърифатнокии ҳуқуқӣ гардад [1].

Ҳангоми ташаккули шуури баланди ҳуқуқии шаҳрвандон дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, инчунин, ба равони шахс, ҳамчун фарде, ки эҳтиёҷоти худро дар ҳаёт дорад, диққат додан муҳим аст. Ноил шудан ба тавозун дар ин кор имкон медиҳад, ки арзишҳои ҳуқуқ дар байни ҷомеа самараноктар тарғиб карда шаванд, ҳуқуқ ва тамоми низоми қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, ҳамчун ҳавасмандгардонӣ барои таъмини зиндагии шоиста ва шукуфон ба шаҳрвандон шарҳ дода шавад. Ташаккули шуури ҳуқуқии шаҳрвандон дар ҳар як кишвар ба таври гуногун сурат мегирад ва аксар вақт ба ин раванд хусусиятҳои таърихии рушди давлат таъсир мерасонанд. Аммо шубҳае нест, ки ҳар як ҷомеа мехоҳад бехатар зиндагӣ кунад ва маҳз барои ҳамин идеали рафтори ҳуқуқии худро ба вуҷуд меорад, ки мундариҷаи дохилии он ба арзишҳои муайяни ҳуқуқӣ асос ёфтааст.

Дар зеҳни одамон бояд эътиқод пайдо шавад, ки танҳо шахсе, ки дониши ҳуқуқӣ дорад ва дар амал татбиқ кардани онҳоро медонад, фарҳангӣ ва маълумотнок ҳисобида мешавад. Рушди ҷомеа ва давлат баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шахс, саводнокии ҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро тақозо мекунад.

Чуноне Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбати худ таъкид намуданд: "Бояд гуфт, ки дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар масъалаи ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон нақши калидӣ дорад. Ҳоло дар кишвар барномаи сеюми таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ барои солҳои 2020 – 2030 амалӣ шуда истодааст" [2].

Дар ҳуҷҷатҳои зикргардида қайд гардидааст, ки сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ ва тарғиби ҳуқуқӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ истифода баранд, масъулият дошта бошанд ва ба имкониятҳои баробар, аз ҷумла имкониятҳои ҳуқуқӣ тавассути волояти қонун дастрасӣ дошта бошанд, ки ҷиҳати расидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳои ворид шудан ба қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ мусоидат намояд.

Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, дар робита бо тарбияи сиёсӣ, ахлоқӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва навъҳои дигари тарбияи инсон бояд анҷом дода шавад. Тарбияи ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имконияти гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад.

Сиёсати давлатӣ дар сатҳи ташаккул ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ба якчанд принсипҳо такя мекунад, аз ҷумла: афзалияти ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; волоияти Конститутсия ва қонун; демократия; адолати иҷтимоӣ; илм; муттасилӣ ва универсалии тарбияи ҳуқуқӣ; мавҷудияти иттилооти ҳуқуқӣ; ягонагӣ ва муносибати дифференсиалӣ ба таълим ва маърифати ҳуқуқӣ.

Маърифати баланди ҳуқуқӣ, ҳамчун шуури ҳуқуқии хуб инкишофёфтаи шахс, асоси ҷомеаи демократӣ ва нишондиҳандаи камолоти низоми ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти воқеиятҳои муосири сиёсиву ҳуқуқӣ, таъмин намудани барномаи мақсадноки тадбирҳо ҷиҳати ба таври куллӣ беҳтар намудани таҳсилоти ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ дар кишвар, тарғиби донишҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа муҳим мебошад.

Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳои ҳуқуқиро талаб мекунад. Яке аз роҳҳои таъмини сифати таҳсилоти ҳуқуқӣ такмил додани раванди таълим, навсозии барномаҳои таълимӣ ва барномаҳо, ҷорӣ намудани фанҳои ҳуқуқӣ дар муасссаҳои таълимии кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад. Инчунин, бояд тамоюлҳои нави рушди фанҳои илмии ҳуқуқӣ, аз ҷумла тамоюли тақвияти робитаҳои байнисоҳавӣ байни фанҳои анъанавию нав ва байни фанҳои ҳуқуқӣ ва ғайрирасмӣ, ба назар гирифта шаванд.

Санъат ва фарҳанги ғановатманди миллии мардуми Тоҷикистон низ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ нақши муассир дорад. Зеро санъати тоҷик таърихи ҳазорсолаҳо дошта, дар қариб ҳама шеъру таронаҳои аз ҷониби ҳунармандон ба иҷро мерасонида, ба меҳри ватан, модар, панду насиҳат, одобу ахлоқи ҳамида, ифтихори ватандорӣ, инсондӯстию хештаншиносӣ ва ғайра бахшида шудаанд, ки бобати баланд бардоштани ҳисси шаҳрвандӣ ва тарбияи шахси комилу ватандӯст ва ростқавлу ростгӯ мусоидат менамоянд ва ҳама, ин дар маҷмуъ, барои баланд бардоштани маърифату фарҳангии шахс нақши муҳим доранд. Зеро агар шахс соҳиби одобу ахлоқи ҳамида ва фарҳангдӯст бошад, дар заминаи ин гуфтаҳо маърифати ҳуқуқии худро баланд бардошта метавонад ва ин ба ӯ таъсир мерасонад, то аз қонуну қоидаҳои давлат огаҳ бошад ва аз ҳуқуқу

уҳдадориҳои худ истифода бурда тавонад. Чунки шахси бомаърифат ҳамон шахсест, ки соҳиби маърифати ҳуқуқӣ ҳам дониста мешавад.

Тавре профессор Аслиддин Низомӣ қайд намудааст: "Ин мушоҳидаҳо бараъло нишон медиҳанд, ки анъанаи беш аз ҳазорсолаи пайвандии шеъру мусиқӣ, ки дар заминаи фарҳанги халқи тоҷик ва дар мисоли Шашмақом, ин достони муҳташами назму наво ташаккул ёфтааст, садсолаҳо инҷониб дастраси фарҳангу тамаддунҳои мардумони кишварҳои ҳамҷавор гардидааст" [5].

Бояд қайд намуд, ки санъати мусиқӣ дар тарбяи ахлоқӣ ва зебопарасти ҷомеа нақш арзанда ва барҷаста гузошта метавонад. Мусиқии асил сарҳадҳоро убур карда, аз дил ба дил роҳ меёбад [6].

Дар ҳақиқат, ҳунари зебои мусиқӣ дар баланд бардошани маърифатнокии ҳуқуқӣ ва ахлоқи ҳамидаи шаҳрвандон нақши муҳим дошта, ба воситаи ин маънавиёти бузурги инсонӣ маърифатнокии шахс ташаккул меёбад, зеро шеъру сурудҳое, ки сароида мешаванд, пур аз панду ҳикмат мебошанд.

Дар ин раванд, зимни баррасии масъалаи баланд бардоштани сатҳи тарбияи ҳуқуқӣ бояд аз фарҳанги ғании гузаштаю ҳозира, ки маҷмуи донишҳо дар соҳаи фарҳанг, ҳуқуқ, санъати миллӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ мебошанд ва воситаи асосии ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва омода кардани шахс ба муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошад, истифода баранд.

Ҷиҳати ба иҷро расонидани ин рисолатҳои бузурги Паём, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва шуурнокии ҳуқуқии тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарур мебошад.

Тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ ба сатҳи баланди маърифати ҳуқуқӣ мусоидат менамояд ва шароит фароҳам меорад, ки онҳо аз ҳуқуқҳои қонунии худ истифода баранд.

Маърифати ҳуқуқӣ бо дар назар доштани арзишҳои ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, мероси таърихӣ, одату арзишҳои миллӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин раванд, диққати махсус ба интихоби мушаххаси гурӯҳҳои аҳолӣ, ки бо сабаби дар сатҳи паст будани маърифат ва шуури ҳуқуқӣ ё надоштани имкони гирифтани иттилооти ҳуқуқӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд, бояд равона гардад [4].

Ҷиҳати таъмини босифати баамалбарории адолати судӣ, таҳкими таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва риояи принсипи баробарҳуқуқии иштирокчиёни мурофиаи судӣ, роҳ надодан ба кашолкорӣ, зарурати дар қонунҳои амалкунанда аз байн бурдани меъёрҳои носаҳеҳ ва духӯра, дар ҳамин раванд бартараф кардани тарзу усулҳои душвори баррасии парвандаҳо ва дигар масоил, зарурати ба қонунҳои моддию мурофиавӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо ба миён омадааст, ки то тавонанд барои саривакт ва дар муддати кӯтоҳ баррасӣ намудани парвандаҳои судӣ,

пешгирии сарфи вақти зиёд аз ҷониби тарафҳо, истифодаи таҷрибаи татбиқи дурусти қонунҳо, дар маҷмуъ, таъмини адолат ва пешрафти кори судҳо мусоидат намоянд.

Аммо ба ҳамаи ин дастовардҳо нигоҳ накарда, ҳоло ҳам масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки онҳо ҳалли умумро талаб менамоянд. Ин, пеш аз ҳама, омода намудани кадрҳои баландихтисос заминаи асосӣ ва кафолати самаранокии баамалбарории маърифати ҳуқуқӣ мебошад.

Тарбияи кадрҳо ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқӣ имрӯз набояд танҳо аз рӯйи принсипи талаботи субъектҳои ҳуқуқ, балки ба урфу одатҳо ва арзишҳои баланди миллӣ асос ёфта бошанд, амалӣ шавад. Дар амалияи маърифати ҳуқуқии муосир зарур аст, ки меъёрҳои ҳуқуқ, рафтори ҳуқуқӣ ва татбиқи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ ва эҳтиёҷоти ягонагӣ ва ҳамкории зичро ба вуҷуд оранд ва ҳавасманд кунанд. Ҳамзамон, тамоми кӯшишҳои тарбиявиро ба ташаккули чунин рафторҳое равона бояд кард, ки мубоизаи шадиди дохилӣ байни ангезаҳои иҷтимоӣ муфид ва шахсӣ дода нашаванд, балки натиҷаи чунин ангеза ба монанди ризоят ва тасдиқи шахс аз амалҳое, ки аз меъёрҳои ҳуқуқӣ бармеоянд, бартарӣ дошта бошанд.

Ҳангоми гузаштан ба ҷанбаҳои амалӣ, бояд қайд кард, ки тарбияи ҳуқуқӣ бояд ба тарбияи рафтори қонунии фаъоли шахс ва эҳтиром ба қонун равона карда шавад. Аз ин рӯ, дар тамоми қишрҳои аҳолӣ ҷорӣ намудани фаҳмиши махсуси ҳуқуқ, ҳамчун воситаи муассиртарини танзими иҷтимоии муносибатҳо, табақабандии иҷтимоии ҳама ва механизми ҳамоҳангсозии манфиатҳои гуногуни иҷтимоӣ, ки тамоми ҷомеа ба фаъолияти оптималии он манфиатдор аст, хеле муҳим аст.

Ҳамин тавр, зимни ҳалли вазифаҳои муҳим дар соҳаи таҳкими давлатдории миллӣ, рушди демократия ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ баланд бардоштани сатҳи фарҳангу маърифати ҳуқуқии аҳолӣ муҳим ва зарур мебошад ва дар бобати иҷрои нуктаҳои Паёми навбатии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2016.
2. “Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028”. –Душанбе, 2018 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). 118 саҳ.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. Ҳафтаномаи “Мароми пойтахт”, 2024, 3 январ №1 (779) – С.7.
4. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599, тасдиқ шудааст.

5. Аслиддин Низомӣ. Шашмақом ва назми форсии тоҷикӣ (Пайвандии шеъру мусиқӣ дар фарҳанги тоҷик).–Душанбе: Дониш. –С.270.
6. Сафизода Моҳрухсор/Душанбе: Абдураҳмон Р, 2022.-148 саҳ.

## РОЛЬ ДУХОВНОЙ КУЛЬТУРЫ В ФОРМИРОВАНИИ ПРАВОВОГО ОБРАЗОВАНИЯ

**САФИЗОДА МОХРУХСОР САФИ,**
профессор кафедры пения (народного) Таджикского государственного института культуры и искусства имени М.Турсунзаде
750036, Таджикистан, город Душанбе, улица Борбада 73А;
тел.: (+992) 918-65-80-64.

*В статье речь идет об указаниях и положениях Послания о том, что важнейшим способом формирования уровня правовой культуры граждан в наше время является повышение их образованности, формирование правового сознания граждан в каждой стране происходит по-разному, и зачастую на этот процесс влияют исторические особенности развития государства. Национальное богатое искусство и культура народа Таджикистана также играют важную роль в повышении правового просвещения населения.*

***Ключевые слова:*** *Конституция Республики Таджикистан, мир и спокойствие, политическая стабильность и национальное единство, правовое образование, правовая культура, музыкальное искусство, нравственное воспитание, эстетика, формирование таджикского музыкального искусства, народное достояние, особое понимание права.*

## THE ROLE OF SPIRITUAL CULTURE IN THE FORMATION OF LEGAL EDUCATION

**SAFIZODA MOHRUKHSOR SAFI,**
Professor of the Department of singing (folk) at the Tajik State Institute of Culture and Art named after M. Tursunzoda
750036, Tajikistan, Dushanbe city, Borbad str. 73A;
tell.: (+992) 918-65-80-64.

*The article deals with the instructions and provisions of the Address that the most important way to form the level of legal culture of citizens in our time is to increase their education, the formation of legal consciousness of citizens in each country occurs in different ways, and often this process is influenced by the historical features of the development of the state. The national rich art and*

*culture of the people of Tajikistan also play an important role in increasing the legal education of the population.*

**Keywords:** *Constitution of the Republic of Tajikistan, peace and tranquility, political stability and national unity, legal education, legal culture, musical art, moral education, aesthetics, formation of Tajik musical art, national heritage, special understanding of law.*

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В Вестнике Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан «Таджикистан и современный мир» печатаются статьи в области политологии, экономики и социологии, которые являются результатами научно-исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций. Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе и должен быть подготовлен в текстовом редакторе MS Word, шрифтTimes New Roman 12 пт для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с Windows XP и любой версией МС Офис необходимо использовать клавиатурный редактор Keyman. Интервал между строками–1,15. Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать 12 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы(не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6. ,

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в форматеExcel, ри сунки и фотографии в форматеJPEG.

**Оформление статьи:**

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора (ов) (полностью), ученая степень и(или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса (почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в алфовитном порядке и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и

инициалы автора, название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

***Например:***

*1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). –Душанбе: Авесто, 2009.– С.8.*

*2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. -С.3-5.*

*К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикскомязыках(не менее 5 строк) и ключевые слова(3–10).*

*Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию. Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.*

*Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами). Подробную инструкцию по оформлению статей можно скачать на сайте (http://t.vestnik.mts.tj/).*

***Примечание: Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников, фактов и цифр ответственность несут авторы.***

Адрес редакции: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 89,
тел.: (+992 37) 221-11-00; (+992 37) 221-32-36
Факс: (+992 37) 221-11-00
e-mail: info@mts.tj

Ба матбаа 02.09.2024 таҳвил гардид. Чопаш 30.09.2024
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70x100 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 29. Адади нашр 80 нусха.
Супориши № 15/5. Нархаш шартномавӣ.

Маҷалла дар чопхонаи ҶДММ «Хаёт - 69» ба табъ расидааст.